**ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

ВБД 891.550 (091)

**МАДИЗОДА УМЕДА МУҲАББАТ**

# ТАТАББУЪ ВА ТАҲАВВУЛИ ОН ДАР ШЕЪРИ АДАБИЁТИ АСРҲОИ XI-XII-И ФОРСИИ ТОҶИКӢ

**Диссертатсия**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиёшиносӣ
(10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ)

**Роҳбари илм:** доктори илмҳои филологӣ, профессор Қосимзода Солеҳ Салим

**Душанбе – 2025**

## Мундарича

**Муқаддима**........................................................................................ 3
**Тавсифи умумии таҳқиқот**.................................................................. 8

**Боби I. Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ**
1.1. Маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ ............................................... 15
1.2. Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу инкишофи татаббуъ.......... 20
1.3. Сайри таърихӣ ва зинаҳои таҳаввули ин навъи адабӣ........................... 26

**Боби II. Нақши шоирони ҷудогона дар ташаккули татаббуъ**
2.1. Татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ ............... 48
2.2. Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он ................................ 70

**Боби III. Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирон дар асрҳои XI-XII**
3.1. Мундариҷаи татаббуоти ин давра ва зинаҳои таҳаввули он ................. 93
3.2. Хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуот ............................................... 123

**Хулоса**............................................................................................... 154
**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**...................... 158
**Рӯйхати адабиёт**................................................................................... 160
**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия** ............................................... 177

## Муқаддима

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Яке аз суннатҳои қадимаи адабиёти форсии тоҷикӣ, ки шоирон аз ибтидо ба он пойбанд будаанд, дар пайравии шеъри шоири дигар сурудани татаббуъ мебошад. Ин таҷрибаи гузашта таъсиргузор бар савияи шеъри оянда низ будааст. Ба ифодаи дигар, пешрафти доимии як суннат дар гузашта оғоз гардида, замони ҳол ва ояндаро низ дар бар мегирад.

Таҷрибаи шоирони давраи мавриди таҳқиқ гувоҳӣ медиҳад, ки шеър ё худ татаббуъ сурудан амале будааст олимона ва устувор ба қавоиде, ки на фақат доштани иттилооти дақиқ аз мероси адабии мавҷуда, балки омили эҳтиром ва пайравӣ ба усули ҳоким бар ин мерос низ мегардидааст. Аз ин рӯ, баррасӣ ва арзёбии робитаи миёни як шеъри муайян ва ашъоре, ки пеш аз он суруда шудааст, ё таҷрибаи ин ё он шоире дар ин замина, дарбаргирандаи мутолиаи дақиқи қиёсӣ ва шинохтану донистани чигунагии сурудани шеър аст. Ин ҳодисаи адабӣ ифодагари робитаи дарунии [97, 316] осори бадеӣ, аз ҷумла татаббуоте мебошад, ки дар пайравии шеъри шоирони давраҳои гуногун эҷод шудаву таҳаввул ёфтааст.

Кашфи ин иртибот яке аз мушкилоти асосии адабиётшиносӣ буда, баррасии назарӣ ва амалии он барои шинохти мавқеи ҳунарии ин ё он шоири татаббуъсаро ва равнақи минбаъдаи шеър муҳим ба назар мерасад. Ба ин далел, баҳси назарӣ ва амалӣ дар бораи сайри таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикии асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ таъйинкунандаи равишҳо ва ҳудуди тозаҷӯӣ ва тақлид буда, шароит ва моҳияти пайравии як шоирро аз шеъри шоири дигар муайян ва мушаххас менамояд.

Таҳқиқи таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикии садаи ёздаҳу дувоздаҳ ва шинохти нақш ва ҷойгоҳи шоирони татаббуъсаро дар инкишофи он таъйинкунандаи равишҳо ва ҳудуди робитаҳои судманди дарунии адабӣ ва таъсирпазирии эҷодкорона буда, пеш аз ҳама, шароит ва тарзи истифодаи як шоирро аз таҷрибаи шеърии шоири дигар бозгӯ менамояд. Ҳамчунин, таҷрибаи шоири татаббуъсаро робитаи мустақим миёни шеъри навсохта ва суннатӣ, миёни маҳсулоти фикрии гузашта ва баъдиро низ мушаххас месозад, ки дар

шинохти ҷустуҷӯҳои шоирони татаббуъсарои давраи мавриди назар аз аҳаммияти хосе бархӯрдор мебошад. Аҳаммияти ин таҷрибаи шеърӣ аз он ҷо низ равшан мешавад, ки масъалаҳои дигари фаннии назарӣ ва амалии мушобеҳи он дар заминаи татаббуоти шоирони алоҳида мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифта, мавқеи ин ё он шоир дар ин замина мушаххас карда мешавад. Чунин навъи таъсиру робитаи эҷодӣ дар назми классикии форсии тоҷикӣ дар шакли татаббуъ аз замонҳои қадим шуруъ шуда, дар асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ ба шакл ва равияҳои гуногун зоҳир гардидаву таҳаввул ёфтааст, ки хусусиятҳои хосси равиши инкишофи чунин таҷрибаи шеъриро дар бар гирифта, мубрамияти мавзуи мавриди таҳқиқро низ мушаххас месозад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аввалин маълумот ва шарҳҳо дар бораи татаббуъ, фанни ҷавобгӯйӣ ё назира дар кутуби балоғӣ ва фарҳангҳои адабӣ, аз ҷумла «Ал-Муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ [199, 368] ва «Фарҳанги бузурги сухан» [176, 1614] омадааст, ки маънии истилоҳӣ ва моҳияти ҳунарии ин таҷрибаи шеъриро арзёбӣ кардаанд. Дар бораи заминаи таърихии пайдоиши татаббуъ ё ҷавобия дар мисоли «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ бори аввал муаллифи «Чаҳор мақола» Низомии Арӯзии Самарқандӣ муфассал сухан ронда, ба таври мухтасар доир ба моҳияти ин таҷрибаи шеърӣ маълумот додааст [33, 59-60]. Чунин маълумоти мухтасар дар бораи шоирони татаббуъсаро дар «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ [4, 986] низ сабт омадааст. Дар баъзе китобҳои ихтисосии таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ва рисолаҳои алоҳида низ доир ба татаббуъ ва робитаи эҷодии шоирон ишораҳо ҳаст. Аз ҷумла, Ҳ. Эте дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ» дар бораи Фаррухӣ ва Асҷадӣ сухан карда, таъсирпазирӣ ва татаббуоти салафҳои ин ду шоирро ёд намудааст [201, 33-35]. Ҳамчунин, Эдвард Браун (1862-1926) дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» доир ба таъсирпазирии шоирон аз якдигар ва ҷавобгӯйиву назирасароӣ ба тариқи умумӣ сухан карда, дар боби пайравии баъзе шоирон, аз ҷумла Муиззӣ бар шоирони дигар ишораҳои мухтасар намудааст [62, 234-236]. Ян Рипка низ дар китоби «Таърихи адабиёти форсу

тоҷик» доир ба моҳияти татаббуот ва робитаи ҳунарии баъзе шоирон бо Фаррухиву Унсурӣ ва Асҷадӣ ба тариқи фишурда сухан кардааст [147, 172].

Донишманди эронӣ Забеҳуллоҳи Сафо дар китоби «Таърихи адабиёти Эрон» аз тағаззулот ва ғазалҳои Муиззӣ «таровати тағаззулҳои Фаррухӣ»-ро мушоҳида накарда бошад ҳам, вале ба тариқи умумӣ масъалаи таъсирпазирии Муиззиро аз Фаррухӣ ва шоирони баъдиро аз Муиззӣ матраҳ сохтааст. Зайнулобидини Муътаман низ дар рисолаи «Шеър ва адаби форсӣ» дар боби татаббуъ ва ҷараёни пайравии баъзе шоирон аз пешиниёну баъдиниён мухтасаран сухан намудааст [119, 134-138].

Донишманди дигари эронӣ, ки ба сарнавишти шоирии Унсурӣ, Фаррухӣ, Муиззӣ ва гузаштагони онҳо таваҷҷуҳи хос доштааст, Абдулҳусайни Зарринкӯб буда, вай нахуст дар китоби «Накди адабӣ» ва сониян дар китоби «Бо корвони ҳулла» дар бораи мухтассоти ҳунарии баъзе шоирон, аз ҷумла ҷараёни пайравию таъсирпазирӣ андешаҳояшро баён кардааст. Аз ҷумла ӯ дар «Накди адабӣ» назари интиқодии муаллифи «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фи дақоиқ-уш-шеър»-ро оид ба мақоми шоирӣ ва ҳамвазнии Муиззӣ бо «шоирони порсигӯй» Унсуриву Масъуд ва Фаррухӣ таҳлил намуда, назари баъзе шоирон, аз ҷумла Анвариро оид ба сирқат ва татаббуоти Муиззӣ баён медорад, ки дар таъйиди назари Анварӣ оид ба «хуни ду девонро ба гардани» Муиззӣ афкандан аст [75, 208, 214, 222]. Абдулҳусайни Зарринкӯб дар мақолаи «Модеҳе куштаи мамдуҳ» низ дар татаббуи «баъзе мазмунҳо» Муиззиро «ба интиҳол муттаҳам» [76, 114] ва «аз умқу асолат камбаҳра» [76, 112] ба қалам додааст.

Шафеии Кадканӣ дар китоби «Сувари хаёл дар шеъри форсӣ» доир ба пайравӣ ва татаббуи шоирони давраҳои гуногун сухан ронда, паҳлуҳои мусбат ва манфии ин ҷараёни таъсирпазириро мухтасаран тавзеҳ намудааст. Ҳамчунин Шафеии Кадканӣ дар боби таъсирпазирии Муиззӣ аз шоирони пешин ва муосираш дар тасвир сухан карда, нотавонии ӯро дар татаббуи шеъри Унсурӣ «дар заминаи ибдои тасовири шеърӣ маҳсустар» ва ҳар дуро «аз нотавонтарин касоне» ба шумор меоварад, ки ба қавли ӯ «туҳмати устодӣ ва пешвоӣ дар кори шеър бар эшон баста шудааст» [93, 630].

Масъалаи татаббуот ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикии асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ, чунон ки ба мушоҳида расид, ба таври алоҳида таҳқиқ нашудааст. Вале дар ин самт баъзе таълифоте ба майдон омадаанд, ки масъалаи мазбурро аз ягон ҷиҳат шарҳу тавзеҳ кардаанд. Дар ин замина аз мақолаҳои Р. Зипулӣ ва М. Зокирӣ «Фанни ҷавоб ва татаббуъ дар шеъри форсӣ» [84], Я. Мутлақ Баҳманӣ ва М. Моликӣ «Баррасии мафҳуми таориз ва анвои он дар фанни ҷавоб дар шеъри форсӣ аз оғоз то қарни шашум» [117], С. Шаҳир «Баррасии суннати адабии истиқбол дар девони Восили Кобулӣ» [200], А. Ҳайдарӣ, М. Ҷалилиён ва М. Гарованд «Баррасӣ ва муқоисаи мисраъҳои тазминии Ҳофиз аз дигар шоирон» [186], А. Илмаҳо «Ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар шеъри Амир Муиззӣ ва дигар шоирон» [87], «Баррасии татбиқии мазомини ашъори Амир Муиззӣ ва Ибни Муътази Аббосӣ» [88], М. Шарифӣ «Баррасии ибтизол ва сирқати адабӣ дар девони Муиззӣ» [194], Д. Муқаддас, М. Ҳуҷҷат ва М. Ҳоҷизода «Вижагиҳои сабки ашъори Амир Муиззӣ» [121], М. Маҳмудӣ ва М. Токӣ «Истиқбол аз қитъаи Рӯдакӣ дар сабкҳои мухталифи адаби форсӣ» [103], М. Акбарӣ «Истиқбол дар шеъри форсӣ ва аҳаммияти шеъри Бобо Фиғонӣ аз назари истиқбол» [48], Ф. Муҷтабоӣ «Ҳофиз ва Амир Муиззӣ» [122], М. Аҳмадӣ ва С.Саидӣ «Баррасиии шабоҳатҳои шеъри Ватвот бо Анварӣ ва дигар суханварон дар ду ҳавзаи лафз ва маънӣ» [51] ва ғайра метавон ном бурд, ки муаллифон баъзе паҳлуҳои ин масъаларо таҳқиқ ва арзёбӣ кардаанд.

Дар адабиётшиносии тоҷик ин мавзуъ то ҳол мавриди баррасии ҷомеъ қарор нагирифтааст. Фақат дар китобҳои «Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои 12-14. Қисми якум» (муаллифон Е.Э. Бертелс, А. Н. Болдирев, М. Н. Усмонов, Р. Ҳодизода) [47, 55-62], Х. Мирзозода «Таърихи адабиёти тоҷик» (Аз давраи қадим то асри сездаҳ. Китоби 1) [108, 54-59], А. Афсаҳзод «Лирикаи Абдурраҳмони Ҷомӣ» [49, 187-208], А. Сатторзода «Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ» [155, 135-140] ва мақолаҳои Раҳим Ҳошим «Ҳофиз ва Камол», А. Афсаҳзод «Саъдӣ ва Ҳофиз», «Ҳофиз ва Ҷомӣ», А. Абдуллоев «Қасоиди Ҳофиз», Н. Сайфиев «Ҳофиз ва Салмони Соваҷӣ», Камол Айнӣ «Ҳофиз ва «тарзи сухани Хоҷу», И. Ҳидоятов «Асириддини Ахсикатӣ ва

Ҳофиз» дар алоқамандӣ бо фаъолияти эҷодии ин ё он шоир, баъзе паҳлуҳои ин мавзуъ, аз ҷумла доир ба моҳияти татаббуъ дар таҷрибаи шеърии баъзе шоирон мулоҳизаҳои мушаххас баён карда шудааст. Илова ба ин, дар мақолаи С. Имронов «Сипандӣ ва қасидаи ӯ дар тазмини шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ» [91, 6-24] ва рисолаи И. Ҳидоятзода «Сабк ва ҳунари шоирии Асириддини Ахсикатӣ» [187, 181-210] аз таҷрибаи ин ду шоир дар эҷоди татаббуъ ба таври фишурда сухан рафтааст.

Ҳамин тариқ, аз муруре, ки анҷом гирифт, маълум мешавад, ки мавзуи мавриди баҳс то ба имрӯз ба таври алоҳида таҳқиқ нашуда, он чи дар ин боб гуфта шудааст, масъалаҳои умумии робитаҳои адабӣ ва таъсирпазирии шоиронро аз ҳамдигар дар давраҳои гуногун дар бар мегирад. Илова бар ин, аксари онҳое, ки дар ин замина таҳқиқот анҷом додаанд, ба нақш ва ҷойгоҳи шоирони татаббуъсарои асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ ва таъсирпазирии онҳо аз шоирони қабл аз худашон ва пасомадагон чандон диққат надодаанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқотҳои анҷомгирифта татаббуъ на фақат ҳамчун таҷрибаи ҳунарии шеърӣ мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор нагирифтааст, балки шинохти заминаҳои таърихӣ, омилҳои пайдоишу таҳаввул ва мушкилоти назариву амалӣ ва моҳияти ҳунарии ин таҷрибаи шеърӣ низ аз назари муҳаққиқон дур мондааст. Чунин муносибат ба таҳқиқи мавзуъ имкон надодааст, ки муҳаққиқон татаббуъро ҳамчун падидаи тамомиёри адабиву ҳунарӣ ва як саҳифаи пурарзиши таърихи шеъри форсии тоҷикӣ ва шинохти мавқеи ҳунарии шоирони татаббуъсаро баррасӣ ва таҳқиқ намоянд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Масъалаҳои мавриди таҳқиқ бо барномаҳо ва мавзуъҳои таҳқиқи илмӣ робитаи зич доранд. Натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқи илмӣ дар таҳия ва такмили барномаҳои таълимӣ нақши муҳим бозида метавонанд. Мавзуи диссертатсияи мазкур дар доираи яке аз самтҳои корҳои илмӣ-таҳқиқии кафедраи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода интихоб шуда, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

## Тавсифи умумии таҳқиқот

**Мақсади таҳқиқот.** Ҳадафи рисолаи илмӣ таҳқиқи татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри асрҳои ёздаҳ ва дувоздаҳи форсу тоҷик ва нақши баъзе шоирон дар пешрафти ин таҷрибаи шеърӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Бо назардошти вусъатнокӣ ва муҳиммии мавзуи таҳқиқ, ки дар адабиётшиносии тоҷик бори аввал мавриди омӯзиш қарор мегирад, ба ҳаллу фасли масъалаҳои зерин саъй карда шудааст:

– муайян кардани маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ;

– ошкор намудани заминаҳои таърихӣ ва авомили таъсиргузори пайдоиш ва таҳаввули ин навъи адабӣ;

– мушаххас намудани нақши баъзе шоирон, аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва Асҷадӣ дар ташаккули татаббуъ;

– баррасии тамоюлоти мусбат ва манфӣ дар раванди инкишофи татаббуъ;

– шинохт ва арзёбии мухтассоти ҳунарии татаббуоти шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ;

– таъйини хусусиётҳои мундариҷавӣ ва бадеиву сабкии татаббуоти давраи мазкур;

– муайян намудани сатҳи пайравии шоирони баъдӣ аз шеъри сармашқ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ масъалаи татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ мебошад.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот.** Предмети асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ сайри таҳаввули татаббуъ дар шеъри давраи мазкур ва нақши шоирони алоҳида дар раванди инкишофи он аст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назарии диссертатсияро дастовардҳои илмии адабиётшиносони ватанию хориҷӣ, ба монанди В. В. Бартолд, И. Ю. Крачковский, Е. Э. Бертелс, Б. Я. Шидфар, А. Б. Куделин, З. Сафо, Б. Фурӯзонфар, М. Баҳор, А. Зарринкӯб, А. Мирзоев, Р. Ҳодизода, Х. Шарифов, А. Сатторзода ва дигарон шакл додааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси методи муқоисавӣ-таърихӣ ва таҳлили таърихию типологӣ таълиф шудааст.

**Сарчашмаҳои таҳқиқот.** Сарчашмаи асосии диссертатсия татаббуоти шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ ва осори шоирони давраҳои гуногун буда, дар ин замина ҷиҳати қиёс девонҳои шеърии шоирон ва намудҳои гуногуни ашъори онҳо мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла девонҳои Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ, Манучеҳрӣ, Саноӣ, Саид Ҳасани Ғазнавӣ, Анварӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Заҳири Форёбӣ, Масъуди Саъди Салмон, Ҳофиз, Хоқонӣ ва дигарон дар ҷараёни таҳқиқ истифода шудаанд.

Ҳамчунин асарҳои балоғӣ, тазкираҳо ва маъхазҳои муҳимми адабию таърихӣ, аз қабили «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родиёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидаддини Ватвот, «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфии Бухороӣ, «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ, «Маҷмаъ-ул-фусаҳо»-и Ризоқулихони Ҳидоят, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ, «Бадоеъ-ус-саноеъ»-и Атоуллоҳ ибни Маҳмуди Ҳусайнӣ, «Рисолаи қофия» ва «Рисолаи Арӯз»-и Абдурраҳмони Ҷомӣ ва манобеи дигар чун сарчашмаи назарию амалӣ ба кор гирифта шудаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгониҳои илмии диссертатсия дар нукоти зайл зоҳир шудаанд:

– дар рисола нахустин бор масъалаи татаббуъ дар шеъри асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ ва сайри таҳаввули он ба таври густурда таҳқиқ ва арзёбӣ шудааст;

– бори аввал татаббуоти шоирони давраи мазкур таҳқиқ ва арзёбӣ шуда, моҳияти ҷустуҷӯҳои бадеии шоирон ва нақши онҳо дар таҳавввули ин таҷрибаи шеърӣ муайян ва мушаххас карда шудааст;

– таҳлили татаббуоти шоирони аҳди ёдшуда бо қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ ва Асҷадӣ ба таври муқоисавӣ анҷом гирифта, нақш ва ҷойгоҳи ҳар кадоме дар диссертатсия мушаххас гардидааст;

– таҳлил ва арзёбии татаббуоти шоирон бо ҳадафи муайян намудани хусусиятҳои бадеии ин гуна осор анҷом дода шудааст;

– дар вақти таҳлил ҳунари шоирони татаббуъсаро, вижагиҳои сабки татаббуоти онҳо, тарзи корбурди саноеи бадеӣ ва дар ин замина ҷустуҷӯҳояшон дар такмили жанри қасида муайян карда шудааст;

– дар заминаи татаббуоти шоирони ин давра шинохти ибтизол ва сирқати адабӣ низ дар таҷрибаи шеърии онҳо мавриди таҳқиқ ва арзёбӣ қарор гирифтааст;

– баррасии татбиқи мазмунҳои татабуоти шоирони ин давра ва ашъори шоирони дигар, аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ низ мавриди омӯзиш қарор гирифта, тафовутҳои ҳунарии таҷрибаи шоирии онон дар қиёс бо ҳамдигар муайян ва мушаххас гардидааст;

– баррасӣ ва муайян намудани тарзи пайравии шоирони ин давра аз ҳамдигар ва равиши мусбату манфии ҷустуҷӯҳои онҳо паҳлуи дигари пажӯҳишҳои илмро дар ин замина муайян ва мушаххас месозад;

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Татаббуъсароӣ яке аз рукнҳои шеъри суннатии форсии тоҷикӣ буда, оғози он ба пайдоиши шеър алоқаманд мебошад. Дар ҳақиқат татаббуъсароӣ дар ҷаҳони порсигӯён аз замони қадим ва дар ҳамаи табақоти шоирон роиҷ буда, падидае набудааст, ки онро муқаллидон ба вуҷуд оварда бошанд. Давраҳое будааст, ки авзоъ ва аҳволи иҷтимоиву сиёсӣ шароити мусоидро барои равнақи ин падида ба вуҷуд оварда, боиси тавсиа ва ривоҷи он шудааст. Яке аз натиҷаҳои ин тамоюли ҳунарӣ афзоиши бесобиқаи истифода аз татаббуъ ва сайри таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ будааст, ки паҳлуҳои мусбат ҳам дораду манфӣ ҳам. Татаббуот ҳамчун робитаи эҷодӣ ва таъсири адабӣ дар шеъри форсии тоҷикӣ зинаҳои гуногуни таҳаввулро тай карда, дар шакл ва тарзҳои хос зоҳир гардидааст. Бахусус, ин падида дар асри ёздаҳ, аз замони ривоҷу равнақи қасидасароӣ сар карда, дар эҷодиёти намояндагони барҷастаи ин давра мисли Унсурии Балхӣ, Фаррухии Систонӣ ва Асҷадӣ мавқеи хос дошта ва дар шаклҳои гуногун зоҳир гардидааст. Татаббуот дар асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ боз ҳам тавсеа пайдо карда, дар эҷодиёти шоироне чун Масъуди Саъди Салмон, Саноӣ, Анварӣ, Асирии Ахсикатӣ ва дигарон равнақи хоссе пайдо намудааст.

2. Аз ин шоирони тавоное, ки дар боло ёд кардем, то ба мо татаббуоти бисёре расида ва аксари онҳо ин падидаи шеъриро аз назари сохтори

мундаричавӣ ва ҳунарӣ таҳаввул бахшидаанд. Алалхусус татаббуоти шоирони ин давра бар қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ зинаи нави таҳаввули ин падида ва баёнгари мавқеияти ҳунарии ин се шоири зикршуда ва шоирони татаббуъсаро мебошад. Таҷрибаи шеърии шоирони ин давра далели он аст, ки роҳи татаббуот роҳи тақлид ва ҷавобгӯии маҳз набуда, балки равиши ҳунарие будааст, ки дар он чеҳраи фардии шоир нигоҳ дошта мешудааст. Чунин тарзи таъсир ва робитаи эҷодӣ аз замони Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба ин тараф вуҷуд дошта ва дар асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ низ ба тарз ва равияҳои гуногун зоҳир гардидааст. Татаббуоти шоирони ин асрҳо ба қасоиди шоирони бузург, аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки онҳо дар эҷоди ин падида ҳам ба суннатҳои гузашта содиқ ва ҳам дар раванди инкишофи он таъсиргузор будаанд. Таҷрибаи шоирони ин давра далели он аст, ки онҳо на фақат бо эҷодиёти қасидасароёни баргузидаи шеъри форсии тоҷикӣ ошноии комил доштаанд, балки бо ихтироот ва татаббуоти худ таҷрибаи онҳоро такмил бахшида, бо амали эҷодкорона мазмуну шакли ин падидаи шеърипо такмил додаанд.

3. Шоирони ин аҳд дар татаббуоти худ бар қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ бештар ба шакли бадеӣ ва сабки шеър пайравӣ карда бошад ҳам, вале дар ин равиш низ тозакориҳо дошта, дар ифодаи мазмуну дарунмоя низ равиши хоси ҳунарии худро ироа кардаанд. Аксари шоирони татаббуъсарои ин давра дар таҷрибаи шеърии худ анъанаҳои беҳтарини шеъри форсии тоҷикиро инкишоф дода, бахусус падидаи татаббуъсароиро ҳамчун омили таъсирпазирии эҷодкорона ва робитаи судманди адабӣ таҳаввули тоза бахшидаанд. Дар қасоиди татаббуоти шоирони ин давра таъсири тарзи нигориши шоирони тавонои форсигӯ, аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ ба мушоҳида мерасад. Вале дар фарогирии мавзуъ ва ироаи дарунмоя онҳо равиши хосси ҳунарии худро дошта, содагии тасвир, равшании дарунмоя, тозагии андешаҳои шоирона ва тарзи хоси нигориш фарқият ва афзалияти татаббуоти онҳоро собит менамояд.

4. Шоирони ин давра ба шеъри пешиниёни худ пайравӣ карда, татаббуоте бар қасоид ва ғазалиёти ҳамдигар гуфтаанд, ки далели таъсиргузории мавқеияти ҳунарии ҳар кадоме ба ҷараёни инкишофи минбаъдаи шеъри форсии тоҷикӣ  мебошад. Аз ҷумла, шабоҳатҳои шеъри Рашиди Ватвот ва татаббуоти Саноӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Анварӣ, Рофеъӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва баъзе шоирони дигар гувоҳи он аст, ки сухан ва андешаи онҳо барои баъдиниён низ сармашқ будааст. Таҷрибаи шоирони ин аҳд дар сурудани шеъри татаббуӣ моро барои шинохти вижагиҳо ва бофти ҳунарии шеъри форсии тоҷикӣ дар давраҳои гуногун раҳнамоӣ карда, ҳамчунин мизони таъсиргузорӣ ва таъсирпазирии шоиронро аз шоирони пешин ва шоирони баъдӣ мушаххас месозад. Шинохт ва арзёбии ҷомеи моҳияти ин падидаи ҳунарӣ меъёр ва маҳаки илмиест, ки барои таъйини тавон, моя қудрати халлоқият, навоварӣ ва бадеияти чунин ашъори шоирон моро раҳнамоӣ мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Сайри таҳаввули татаббуъ ва нақши шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ дар такмили сохтори мундариҷавию бадеии он, мухтассоти татаббуоти онҳо аз қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ, таҷриба ва ҳунари шоирӣ дар эҷоди татаббуъ ва равишҳои пайравии шоирон аз ҳамдигар ҷузъи муҳимми ҷараёни инкишофи шеъри форсии тоҷикӣ буда, таҳқиқи бамуддао ва моҳиятҷӯёнаи ин масъала холигоҳеро дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ пур ва арзиши назариву амалии таҳқиқотро муайян менамояд.

Ба ин далел, натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур метавонад зимни нигориши таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ, таърихи пайдоиш ва ташаккулу таҳаввули татаббуъ, таҳияи маводи таълимӣ, воситаҳои ёрирасони таълими таърихи адабиёт ва омода кардани китоби дарсӣ аз таърихи адабиёт барои таълимгоҳҳо, ҳангоми хондани курсҳои махсус аз назария ва амалияи татаббуъсароӣ дар факултетҳои филологияи донишгоҳҳои олии мамлакат мавриди истифода қарор гирад. Ҳамчунин, натиҷаҳои таҳқиқи муаллифи рисола метавонад, дар эҷоди корҳои илмӣ оид ба таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ,

адабиётшиносии муқоисавӣ ва масъалаҳои назарии адабиёт мавриди истифода қарор гирад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар он ифода шудааст, ки мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва масъалаҳои дар он дарҷгардида бо низоми муайяни пажуҳишӣ, бар пояи назария ва дастовардҳои илмӣ ҳаллу фасл ёфта, натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқоти мавзуъ дар маҳфилу чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳои илмии сатҳи гуногун, мизҳои мудаввар ва монанди инҳо дар шакли гузориш, мақола ва маърузаи илмӣ дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода манзур карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия дар мавзуи «Татаббуъ ва таҳаввули он дар шеъри адабиёти асрҳои XII-XII-и форсии тоҷикӣ» таълиф гардидааст ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиёшиносӣ (10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми инфиродии муаллиф дар омӯзиш ва баррасии амиқи мавзуи мазкур ҷамъоварии маводи сарчашмаҳои таърихию адабии алоқаманд ба мавзуъ, коркарди қиёсӣ ва арзёбии ҳаматарафаи онҳо, омӯзиши қиёсии назарияи донишмандони соҳа дар ин боб, омода намудани мақолаву маърузаҳо ва монография доир ба мавзуи таҳқиқ зоҳир мегардад. Таҳқиқоти мазкур натиҷаи ҷустуҷӯҳои илмии муаллиф буда, дар шакли диссертатсияи комил ба анҷом расидааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мундариҷаи диссертатсия дар суханрониҳои довталаби дараҷаи илмӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва маҳфилу конференсияҳои донишгоҳии ҳайати устодону кормандони Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ ва конференсияҳои донишгоҳии Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, автореферат ва мақолаҳои ҷудогонаи муаллиф ироа шудааст.

Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз таърихи 23.10.2025, суратмаҷлиси №3 муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муҳтавои асосии диссертатсия дар 6 мақола, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 мақола дар маҷмуаҳои гуногуни илмӣ чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, ҳафт фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт фароҳам омадааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 178 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳад.

## Боби I. Ҷойгоҳи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ

### 1.1. Маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ

Татаббуъро донишмандон яке аз шаклҳои тазоҳуроти таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодии байни ҳамдигарии шоирон маънидод кардаанд. Ин навъи адабӣ дар сарчашмаҳо гоҳо бо истилоҳоти дигаре ҳамчун иқтифо, иқтидо, ҷавобгӯӣ ва назирагӯӣ низ ёд шуда, муносибат ва мувофиқати он бо намуди иқтироҳ низ таъкид шудааст [48, 129]. Дар ин фасл ба тариқи фишурда аввал маънии луғавӣ, сипас маънии истилоҳии таттаббуъро шарҳу тавзеҳ медиҳем.

Дар фарҳангҳои пешин ва имрӯза, аз ҷумла «Ғиёс-ул-луғот», «Луғати Деҳхудо», «Фарҳанги Муин» ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ» маънои луғавии татаббуъ ба тариқи зер шарҳ ёфтааст: «Татаббуъ а. 1. Аз пайи чизе рафтан, бо талошу кӯшиш ба талаби чизе рафтан, ҷустуҷӯ кардан. 2. Тадқиқ, тадқиқ кардан» [178, 338]. Дар ин замина вожаи «пайравӣ» дар фарҳангҳо ба тарзи «аз пай рафтан, тақлид кардан, мутобиат» ва «ҷавоб» ба шакли «сухани муқобили суол ва пурсиш, посух» [178, 705] ташреҳ шудаанд. Ҳамчунин маънии луғавии вожаи «истиқбол», ки муҳаққиқон ба ҷойи истилоҳи татаббуъ истифода кардаанд, ба чунин тарз шарҳ ёфтааст: «Истиқбол: пеш омадан, зидди истидбор, рӯй овардан, рӯй овардан ба, ба пешвоз рафтан, пазира шудан, талаби иқбол кардан, оянда, муқобили ҳол ва мозӣ, назди мунаҷҷимон муқобилаи офтобу моҳ, ба тарафи қибла мутаваҷҷеҳ будан» [29, 436].

Дар фарҳангҳо маънои луғавии вожаҳои «назира» ва «тазмин», ки ҳамчун қаринаҳои истилоҳи татаббуъ ёд мешаванд, шарҳ ёфтааст. Аз ҷумла дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» вожаи «назира» «чизи монанд» [177, 825] ва «тазмин» «1. зоминӣ, замонат, касеро дар паноҳи худ даровардан, кафолат» [178, 306] маънидод шудааст.

Маънии истилоҳии татаббуъ низ дар баъзе фарҳангҳо шарҳ ёфтааст. Масалан, маънои истилоҳии ин вожа дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин тавзеҳ шудааст: «тобеӣ, тобеъ шудан, пайравӣ» [178, 338], ки комил нест. Манучеҳри Акбарӣ дар мақолаи «Истиқбол дар шеъри форсӣ ва аҳамияти шеъри Бобо Фиғонӣ аз назари истиқбол» истилоҳи «истиқбол»-ро чунин маънӣ

кардааст: «Истиқбол ва пайравӣ тақлид аз асари гузаштагон аст. Ба иборати дигар, нигоҳ ё ним нигоҳе аст ба гузашта ва пушти сар. Дар ҳақиқат, истиқбол ба пешвози аслоф рафтан аст. Мумкин аст шоире ба истиқболи шеъре аз шоирони замони худ биравад, вале ин ҳам таърифи моро махдуш намесозад, зеро асаре, ки ба истиқбол рафта ҳатман баъд аз асари истиқболшуда суруда шудааст» [48, 125].

Дар китобҳои улуми балоғӣ, аз ҷумла «Тарҷумон-ул-балоға»-и Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ, «Ҳадоиқ-ус-сеҳр»-и Рашидаддини Ватвот ва «Ал-муъҷам»-и Шамси Қайси Розӣ аз истилоҳи татаббуъ ёд нашудааст. Вале ҳам Родуёнӣ ва ҳам Ватвот аз қаринаи ин истилоҳ, яъне «тазмин» ёд кардаанд. Чунончи, Родуёнӣ аз истилоҳи тазмин ду маъниро берун кашида навиштааст: «Порсии тазмин бино кардани абёт бувад дар сухан, ки маънии он байт ба байти дигар падид ояд, чунон ки Унсурӣ гӯяд:

Агар шамшеру гарди лашкари ту
Бихоҳад рӯзи ҷангу рӯзи майдон,
Яке дарё кунад саҳрои Омӯй,
Яке саҳро кунад дарёи Уммон.

Маънии байти аввалин ба байти охирин падид ояд.

Ва тазмин бар ваҷҳе дигар он аст, ки шоирро байте аз шеъри дигарон хуш ояд ва онро ба миёни қасидаи хеш андар орад, бар сабили меҳмон, на дуздида. Ва расми ин амал он бувад, ки шоир аз нахуст бигӯяд, ки ин байт аз касе дигар аст, бо ному киноят ва ишорат, чунончи Фирдавсӣ гӯяд:

Ба ёди ҷавонӣ ҳаме мӯя орам,
Чу он байти Бутоҳири Хусравонӣ.
«Ҷавонӣ ман аз кӯдакӣ ёд дорам,
Дареғо ҷавонӣ, дареғо ҷавонӣ» [113, 66].

Рашидаддини Ватвот дар таърифи тазмин ҳамчун санъати бадеӣ фаротар рафта, аз ҷумла навиштааст, ки «Ин санъат чунон бошад, ки шоир мисроъе ё байте ё ду байт аз они дигаре дар миёни шеъри худ ба кор барад ба ҷойе лоиқи нек бар сабили тамассул орият, на бар ваҷҳи сирқат ва ин байт тазмин бошад,

ки машҳур бошад ва ишорате бувад, чунонки шунавандаро туҳмат ва шубҳати сирқа биафтад». Барои таъйиди назараш меафзояд, ки «Аз шеъри порсӣ марост ва мисроъе маъруф аз Унсурӣ тазмин кардаам:

Намуда теғи ту осори фатҳу гуфта фалак,

«Чунин намояд шамшери хусравоносор» [113, 114].

Муаллифи «Ал-муъҷам» Шамси Қайси Розӣ низ тазминро шарҳ дода, аз ҷумла менависад, ки «...тазмин он аст, ки байте ё мисроъе аз шеъри дигарон дар шеъри худ дарҷ кунад. Ва ин навъ агар дар мавзеи хеш мутамаккин (ҷойгир) бошад ва дар узубату (форамию) равнақи моқабл биафзояд, онро писандида доранд». Дар идомаи ин баҳс Шамси Қайс ҳамон байти Рашиди Ватвотро, ки дар он мисраи Унсуриро тазмин кардааст, зикр менамояд [199, 237].

Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» аз истилоҳи татаббуъ бо номи «ҷавоб» ёд карда, дар ин замина ҷавоби Амир Муиззиро ба қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Рӯдакӣ зикр менамояд, ки аввалин таҳлил ва арзёбии назариву амалӣ аз татаббуъ ё худ ҷавоб мебошад [33, 60].

Дар баъзе сарчашмаву таҳқиқотҳо, аз ҷумла мақолаи Я. Б. Мутлақ ва М. Моликӣ «Баррасии мафҳуми таъриз ва анвои он дар фанни ҷавоб дар шеъри форсӣ» фанни ҷавоб ва пайравиро «навъе аз татаббуъе» ба шумор овардаанд, ки «шуаро бо баҳра бурдан аз он» [117, 74] пайванди маънавӣ ва ҳунарии худро бо шеъри шоирони дигар таъйид кардаанд. Яъне, дар ин тавзеҳот сухан аз навъи робитаи дохилии адабӣ меравад, ки моҳияти истилоҳии татаббуъро васеътар ва пурмоятар ифода менамояд.

Абдураҳмони Ҷомӣ, ба мушоҳидаи А. Афсаҳзод, ҷавоб, муқобила, тариқ, тариқа, тарз, тавр ва салиқаро бо татаббуъ ҳаммаъно донистааст. Ҳамчунин, ба қавли А. Афсаҳзод, дар сарчашмаҳои асри понздаҳ истилоҳоти пайравӣ, истиқбол, ранг, тақлид ва шева низ ба ҳамон маънӣ истифода шудаанд. Вале истилоҳоти татаббуъ ва ҷавоб бештар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Дар адабиётшиносии муосир истилоҳи назира асосан, ба маънии пайравии эҷодкорона истифода мешавад. Воқеият ин аст, ки на дар осори адабиётшиносии гузашта, на дар тадқиқоти муҳаққиқони имрӯзаи адабиёти

форсии тоҷикӣ ҳудуд ва фарқияту мундариҷаи мафҳумҳои ёдшуда мушаххас нашудааст [49, 197].

Р. Зайпулӣ ва М. Зокирӣ дар мақолаи «Фанни ҷавобгӯйӣ ва татаббуъ дар шеъри форсӣ» татаббуъро бо падидаи сирқат алоқаманд дониста, «дар ҷаҳони форсигӯён ба номҳои гуногуне чун ҷавоб, татаббуъ ва истиқбол» ёд шудани онро таъкид намуда, хулоса мекунанд, ки мо «онро ҷавоб меномем» [84, 34]. Яъне, ин низ навъе сурудани шеър аст дар пайравӣ аз сармашқи пешин. Дар мавриди таърифи татаббуъ ё ҷавоб метавон афзуд, ки татаббуъ робитаи миёни шоир бо шоири дигарро дар заминаи худи шеър мушаххас менамояд. Ба ифодаи дақиқтар, татаббуъро шоире мегӯяд, ки амдан тасмим гирифтааст, бо шеъри хеш ба шеъри шоири дигар посух гӯяд. Сохтори татаббуъ ё ҷавобро муқоисаи ошкор ва тааммудӣ шакл медиҳад, ки бар ангезаҳои гуногуне, чун мунoқиша, ситоиш ва монанди инҳо асос ёфта, дорои қутбҳои сармашқ ва шеъри тақлидӣ мебошанд. Дар мавриди ғазал ё қасида аввалиро ғазал ё қасидаи тарҳӣ ва дувумиро ғазал ё қасидаи ҷавобия меноманд.

Равишҳои фаннии кор низ дар татаббуъ мутафовут аст. Татаббуъ ё ҷавоб мусталзами вомгирии хасоиси собити суварии шеър, вазну қофия ва радиф (агар вуҷуд дошта бошад) ва бозпардозии мазомини шеър ба сурате шабеҳи мазомини сармашқ ва гоҳе бозпардозӣ ба таври комил ва на зоҳиран аз назари лафз аст. Ғолибан, дар ҷавоб миқдори абёт ва қавофию радиф ҳамон аст, ки дар шеъри сармашқ вуҷуд дорад. Илова бар он, чун аз назари сохторӣ, яъне аз назари таркиби зоҳирии шеър, лозим аст, ки ба асл тобеият дошта бошад.

Таҳқиқи дар ин замина анҷомгирифта нишон медиҳад, ки дар осори назарии адабиётшиносии гузашта, дар таҳқиқоти муҳаққиқони адабиёти форсии тоҷикӣ ҳудуд, тафовут ва мундариҷаи татаббуъ ва истилоҳоти ба он шабеҳ муайян карда нашудааст. Фақат Навоӣ (Фонӣ) дар девони ашъори форсиаш ба асл ё татаббуъ ё ҷавоби шоири дигар будани ин ё он ғазалу қасида таъкид кардааст.

Татаббуъро Деҳхудо «пайравӣ ва мутобиат» [29, 231] ва «шеър ё сухани касеро тақлид кардан: Равост, Соиб, агар нест аз раҳи даъвӣ / Татаббуи ғазали

Хоҷа гарчи беадабист» маънидод карда, Расул Ҳодизода "Ба назми шоирони гузашта ва муосир ё аз ҷиҳати мазмун ё аз тарафи шакли бадеӣ пайравӣ намудан»-ро татаббуъ номида, меафзояд, ки «Шоирони бузургтарини ҳар аср аз шеърҳои ҷудогона, аз қитъаву байтҳо, ҳатто аз як мисраи шойгони шоирони муосир ё гузаштаи худ илҳом гирифтаанд ва дар тазмину пайравии онҳо ғазалу қасидаҳо сурудаанд. Ин ҷо мақсади шоир, чи тавре ки дар асари баъзе тадқиқотчиён маъмул аст, на «ҷавоб» гуфтан ба шеъри шоире, балки дар мазмунҳои якхела ва сабки ба табъи худ мувофиқ мазмуну шаклҳои нав офаридан буд. Аз ин сабаб тазминот ва татаббуотро бо баъзе шеърҳое, ки дарвоқеъ ба тариқи ҷавоб ё эъроз бар ғазал ё қасидаи шоири дигар навишта шудааст, ба ҳам иштибоҳ ва тахлит намудан тамоман нодуруст аст. Дар акси ҳол, масъалаи таъсиру робитаи адабӣ ва пайравиҳои эҷодӣ аз байн рафта, қариб нисфи назми классикии форсу тоҷик ба жанри «ҷавобия» ё «назира» мубаддал шуда мемонад» [190, 112].

Ҳамин тавр, агар ба воқеияти ҳаёти адабӣ таваҷҷуҳ кунем, татаббуот ҳамчун василаи робитаи дохилии адабӣ ва таъсирпазирии шоире аз шоири дигар дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз давраҳои аввалини ташаккул ва таҳаввули он вуҷуд дошта, ба тарзу намудҳои гуногун зоҳир мегашт ва бо номҳои гуногун ёд мешуд, ки ҷузъи мероси адабӣ ва ифодакунандаи робитаи воқеии ҳунарии шоирони татаббуъсаро ва шоири шеъри сармашқ дар фосилаи замонӣ буд.

## 1.2. Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоишу инкишофи татаббуъ

Дар таърихи кишварҳои форсизабон давраҳое будааст, ки дар онҳо авзоъ ва аҳволи сиёсиву иҷтимоӣ заминагузор ва омили аслии пайдоиш ва рушди тадриҷии татаббуъ ё худ ҷавобия мебошад. Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ин давра аз замони Сомониён оғоз шуда, дар асри Темурӣ татаббуъсароӣ ё ҷавобгӯӣ ба ҳадди бесобиқа равнақ меёбад. Сомониён бо адабпарвариву фарҳангдӯстдорӣ ва қадршиносӣ аз шеъру шоирон заминаи воқеиро барои равнақи ин навъи адабӣ ба вуҷуд оварданд. Ин давраро, ки Забеҳуллои Сафо «асри тиллоии тамаддуни исломии Эрон» донистааст, «давраи истеҳсоли экрониён аз кӯшишҳои мутамодии худ дар қарни дувуму савум барои бозёфтани истиқлоли комил ва давраи баҳрабардории онон аз кӯшишҳои илмӣ ва адабӣ барои доштани ҳукамову уламо ва удабои дараҷаи аввал ва давраи шукуфтагии назму насри форсист. Оғози ин давра то як қарн бо ғалабаи подшоҳони эронинажод ҳамроҳ ва биннатиҷа давраи дурахшони илму адаб ва озодии афкор буд» [159, 50].

Яке аз иқдомҳои адабпарварона ва фарҳангдӯстдоронаи подшоҳони ин давра таваҷҷуҳ ба шоирон ва ҷалби онҳо ба дарбору ситоиши шоҳон буд, ки паҳлуҳои мусбат ҳам дошту манфӣ ҳам. Дастгирии шоҳони вақт аз шоирон заминаи таърихӣ ва омили рушди минбаъдаи шеъри васфӣ, аз ҷумла татаббуъсароиро гузошт. Барои таъйиди ин назар мо нақли Низомии Арӯзии Самарқандиро аз «Чаҳор мақола» оид ба сабаи назми қасидаи Рӯдакӣ иқтибос мекунем, ки татаббуоти ба ин қасида навиштаи шоирон заминаи таърихӣ ва омили бавуҷудоии ин навъи шеърро рақам мезанад.

Низомии Арӯзӣ дар мақолаи дувум аз «Маҷмаъ-ул-наводир»-и худ, машҳур ба «Чаҳор мақола» пас аз зикри он ки Наср ибни Аҳмади Сомонӣ навбате чаҳор сол дар Бодғиси Ҳарӣ мақом кард, менависад:

«[Бузургони лашкар ва сипоҳиён] малул гаштанд ва орзуи хонумон бархост. Подшоҳро сокин диданд ҳавои Ҳарӣ дар сари ӯву ишқи Ҳарӣ дар дили ӯ. Дар асնои сухан Ҳариро ба биҳишти адн монанд кардӣ, балки бар биҳишт

тарҷеҳ ниҳодӣ ва аз баҳори Чин зиёдат овардӣ. Донистанд, ки сари он дорад, ки ин тобистон низ он ҷо бошад.

Пас сарони лашкар ва меҳтарони мулук ба наздики устод Абуабдуллоҳ ар-Рӯдакӣ рафтанд ва аз нудамои подшоҳ ҳеҷ кас муҳташамтару мақбулулқавлтар аз ӯ набуд. Гуфтанд: «Панҷ ҳазор динор туро хидмат кунем, агар санъате бикунӣ, ки подшоҳ аз ин хок ҳаракат кунад, ки дили мо орзуи фарзанд ҳамебараду ҷони мо аз иштиёқи Бухоро ҳамерабояд». Рӯдакӣ қабул кард, ки набзи амир бигирифта буду мизоҷи ӯ бишнохта. Донист, ки ба наср бо ӯ дарнагирад, рӯ ба назм овард ва қасидае бигуфту ба вақте ки амир сабуҳ карда буд, даромад ва ба ҷои хеш бинишасту дар пардаи «Ушшоқ» ин қасида оғоз кард:

Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме,

Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме.

Пас фурӯтар шаваду гӯяд:

Реги Омӯю дурушти роҳи ӯ,

Зери поям парниён ояд ҳаме.

Оби Ҷайҳун аз нишоти рӯйи дӯст,

Хинги моро то миён ояд ҳаме.

Эй Бухоро, шод бошу дер зӣ,

Мир зийи ту шодмон ояд ҳаме.

Мир моҳ асту Бухоро осмон,

Моҳ сӯйи осмон ояд ҳаме.

Мир сарв асту Бухоро бӯстон,

Сарв сӯйи бӯстон ояд ҳаме» [33, 58-59].

Таъсири ин шеър ба ҳадде буд, ки «Чун Рӯдакӣ бад-ин байт расид, амир чунон мунфаил гашт, ки аз тахт фуруд омад ва бе мӯза пой дар рикоби хинги навбатӣ оварду рӯй ба Бухоро ниҳод, чунонки ронину мӯза то ду фарсанг дар паи амир бурданд, ба Буруна ва он ҷо дар пой кард ва инон то Бухоро ҳеҷ боз нагирифт. Ва Рӯдакӣ он панҷ ҳазор динор музоаф аз лашкар бисутуд» [33, 59].

Шеърҳое, ки аз замони Сомонӣ боқӣ мондаанд, ҷузъи куҳантарин меросҳои шеърӣ ва фарҳангии забони форсии тоҷикӣ аст ва чун шоирони тавоное мисли Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ ва Шаҳиди Балхӣ ба ташвиқи амирони эрондӯсти Сомонӣ ва вазирони адабпарвари онон шеъри форсиро бар мабнои устувор ва мустаҳкам ниҳода буданд, ба табъи касоне, ки дар давронҳои баъд шоирӣ пеша мекарданд, ба сӯйи устодони салаф назар доштанд ва табъу қариҳаи худро бо хондани шеърҳои шевои онон парвариш медоданд ва аз осори эшон он чиро ки дар назарашон зебо ва дилпазир менамуд, татаббуъ мекарданд ва ба ин василa ҳам бар равнақи осори худ меафзуданд, ҳам заминаи инкишофи ин навъи шеъриро устувор месохтанд. Илова бар ин, шоирони ҳамаи давраҳо мазмунҳое аз якдигар гирифта ё яке шеъри дигареро татаббуъ ё пайравӣ мекарданд, ки ин ҳодиса низ омили таъсиргузор дар мавқеъ пайдо кардани татаббуъ, бахусус шакли мадҳии он дар адабиёт мебошад.

Ҳанӯз дар замони Рӯдакӣ ва гузаштаҳои ӯ, аз замони пайдоиш ва инкишофи ғазалсароиву қасидасароӣ чунин татаббуот дар ашъори гузаштагон, аз ҷумла Унсурии Балхӣ, Фаррухии Сиистонӣ, Манучеҳрии Домғонӣ, Асҷадӣ, Муиззӣ ва дигарон ба тарзҳои гуногун зоҳир гардида ва таҳаввул пайдо намудааст, ки заминаи таърихӣ ва омили таъсиргузори он муносибати ояндабинонаи шоҳони вақт ба шеъру шоирӣ ва робитаи дурандешонаи шоирон дар муносибат ба мамдуҳон мебошад. Ба ин далел, тақвиятбахши ин заминаву омилҳо равнақи ашъори мадҳӣ ва ситоиши гоҳо муболиғаомези ҳокимони вақт аз тарафи шоирон мебошад, ки аз Рӯдакӣ сар карда, то вопасин шоири аҳдҳои баъд ба ҳамин мазҳаб гароидаанд. Таҷрибае, ки, ба қавли А. Зарринкӯб, «Дар як маҷлис шоир чанг бармедорад, дар пешгоҳи амири Хуросон, ки дерест дар кӯчҳову лашкаркашиҳои хеш аз Бухоро дур афтодааст, ёди зебоиҳои канори «ҷӯйи Мӯлиён»-ро зинда мекунад ва амир Насрро, ба муҷиби ривоёт», на фақат «мӯза дар пой нокарда бехудона ба Бухоро мефиристад» [76, 19], балки роҳро барои шоирони баъдӣ дар қаробату маддоҳии амирони вақт боз менамояд, ки дар аҳди темурӣ ба осмони ҳафтум мерасад. Ин заминаи таърихӣ ва омили

таъсиргузорро дар шаклгирӣ ва таҳаввули татаббуъ ё худ ҷавоб набояд аз назар дур дошт, ки ҳақиқати бебаҳс аст.

Татаббуот, бахусус, дар асрҳои даҳу ёздаҳу дувоздаҳ ва асрҳои миёна, яъне дар замони ташаккул ва таҳаввул пайдо кардани жанрҳои ғазалу қасида дар шеъри форсии тоҷикӣ нақш ва ҷойгоҳи рафеъ пайдо кард. Шоирони бузургтарин ба ғазалу қасида ва тағаззулоти ҳамдигар ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам сохтори мундариҷавию бадеӣ татаббуъ мекарданд. Намунаи волои ин гуна робита татаббуоти Муиззӣ ба қасидаҳо ва тағаззулоти Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ мебошанд. Дар ин замина, робитаи эҷодӣ ва таъсирпазирии шоирони дигар, аз ҷумла Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Сайфи Исфарангӣ, Хоқонӣ, Саноӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Салмони Совҷӣ, Имоди Кирмонӣ, Убайди Зоконӣ аз ҳамдигар ва таҳавввулоти чашмгири ин равиши ҳунарӣ дар асри темурӣ ифодагари марҳалаҳои муҳимми сайри таҳаввулоти татаббуъ дар адабиёти форсии тоҷикӣ мебошад, ки равиши хоси таъсирпазирӣ ва пайванди маънавию ҳунарии шоирони давраҳои гуногунро ба салафҳои худ таъйид менамояд, ки мутаассифона, марҳалаҳо ва хусусиятҳои сайри ташаккулу таҳаввули он дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳанӯз ба таври ҷомеъ омӯхта нашудааст. Ҳол он ки дар сурудани шеъри суннатӣ аз ибтидо то ба имрӯз шуаро ҳамвора аз сармашқҳое истифода ва ё ба онҳо ишорат кардаанд, ки бозгӯи таҷрибаи ҳунарии гузашта ва ҳоким дар шеъри гузаштаву оянда будааст. Ба ин далел, суннати татаббуъсароӣ ва сайри ташаккулу таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ заминаи таърихӣ ва омилҳои созандаи инкишоф дошта, аз пешрафти мутассили ин таҷриба оғоз мегардад ва замонҳои баъд ва ояндаро низ дар бар мегирад, ки паҳлуҳои мусбат ҳам дораду манфӣ ҳам.

Хусусияти мундариҷавӣ ва сохтории татаббуъ, ки дар боло зикр шуд, аз сифоти зотии ин падида буда, аз ҳамон ибтидо ҳад ва ҳудуди мушаххас доштааст ва оғози ин падида, то он ҷо ки марбут ба адабиёти форсии тоҷикӣ мешавад, «каму беш бо оғози худи шеър мунтабиқ аст» [84, 43]. Дар ҳақиқат, татаббуъ ё худ ҷавоб гуфтан дар ҷаҳони порсигӯён аз замони қадим ва дар ҳамаи табақоти шоирон роиҷ буда, падидае набудааст, ки муқаллидони шеъру

шоирӣ онро ба вуҷуд оварда бошанд. Шеъри сармашқ дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз замони қадим ва дар ҳамаи табақаҳои шоирон маъмул буда, балки дар аксари давраҳои инкишофи шеъри форсии тоҷикӣ авзоъ ва аҳволи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ заминаро барои инкишофи ин падида фароҳам оварда, ба таҳаввулоти он мусоидат намудааст.

Яке аз хусусиятҳои асосии татаббуъ дар давраи мавриди назар он аст, ки он робитаи миёни шоир бо шоири дигарро дар заминаи худи шеър асоснок ва барқарор месозад. Ба иборати дигар, татаббуъро шоире мегӯяд, ки тасмим гирифтааст, бо шеъри хеш ба шеъри шоири дигар пайравӣ кунад. Дар ин маврид муқоисаи ошкор ва қотеъ вуҷуд дорад, ки бар ангезаҳои мухталифе, аз қабили мунокиша, ситоиш ва ғайра асос ёфтааст ва дорои ду қутби ҷолиби таваҷҷуҳ аст: яке сармашқ ва дувумӣ шеъри тақлидӣ, ки пеш аз ҳама баёнгари савияи ҳунарии шоири татаббуъсаро мебошад. Ҷиҳати дигари фарққунандаи татаббуъро вомгирии хусусиятҳои собити суварии шеър, сувари хаёл, вазн, қофия, радиф ва бозпардозии мазмуни шеър ба сурати шабеҳи мазмуни сармашқ ва гоҳе бозпардозии ба таври комил мушаххас месозад, ки ба ҷуз лафз паҳлуҳои дигари ҳунари тасвиргарии шоир, бахусус бадеияти шеърро низ дар бар мегирад. Аксаран дар татаббуъ микдори абёт ва қавофӣ ҳамон аст, ки дар сармашқ низ вуҷуд дорад. Илова бар ин, аз назари сохторӣ, яъне сохтори зоҳирии шеър бояд ба сармашқ ҳамсон бошад. Ҷуз ин, татаббуъ метавонад унсурҳои дигаре низ дошта бошад, ки ошкоро ба сармашқ ишора мекунад, аз қабили нақли бахше аз асл ё истифода аз ибдооти балоғии он ё зикри номи шоири мавриди пайравӣ.

Таҷрибаи шеърии шоирони татаббуъсаро ба омилҳои зер ишораи сареҳ доранд: 1) лаззат бурдан аз шеъри мумтози пешин ва зери таъсири он қарор гирифтан; 2) гароиш ба тафаннун ва саргарӣ аз зебоиҳои шеъри сармашқ; 3) худнамоӣ ва фазлфурӯшӣ низ омили раҳнамо ба эҷоди татаббуъ мебошад; 4) рашку ҳасад бурдан ба шоири шеъри сармашқ; 5) ба дархости мамдуҳе ё бузурге ё дӯсте посух додан; 6) ба дӯсте, ки шоир аст, ҷавоб додан; 7) таориз ва

замму бадгӯӣ; 8) ҳамсабк будан бо соҳиби шеъри сармашқ ва 9) таҷдиди сабк ва бозгашт ба маҷрои тозаи эҷодӣ.

Ҳамин тавр, заминаи таърихӣ ва омилҳои таъсиргузори пайдоиш ва инкишофи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ, пеш аз ҳама, алоқамандии аҳли дарбор бо шоирон ва таваҷҷуҳи онҳо ба васфи «бузургиҳову бузургвориҳо»-яшон аз ҷониби шоирони дарбор мебошад. Ин равиш яке аз шаклҳои тазоҳуроти таъсир ва робитаи эҷодии байни шоирон ва аҳли дарбор низ буда, аз замони Рӯдакӣ ба баъд идома ёфтааст, ки хусусиятҳои муҳимми ин гуна шеърро мушаххас месозад. Бинобар ин, дар заминаи татаббуоти дар даврахои гуногун эҷодшуда метавон ба ин натиҷа расид, ки ин гуна шеър ду вазифаи муҳимро, ки ба масоили таърихӣ ва адабӣ пайванд доранд, ба миён мегузорад, ки яке ҳамзамонӣ, дигаре дарзамонӣ (таърихӣ) мебошад. Дар мавқеи ҳамзамонӣ татаббуъ мушаххаскунандаи шоирон ва ашъоре аст, ки як ё чанд шоир бо шоирони як давра ба онҳо пайравӣ кардаанд ва ба ин тариқ, фароҳам омадани маводи муфидеро боис гардидаанд, ки метавон дар заминаи онҳо гароишҳои умдаи мундариҷавӣ ва ҳунарии шоирони татаббуъсароро мушаххас кард. Вале дар сатҳи дарзамонӣ (таърихӣ) татаббуъ ба имкони зуҳури як силсила посухи пайдарпай алоқаманд мешавад, ки намунаи аввалин ва ҷолиби он татабуоти шоирони замонҳои гуногун ба шеъри «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мебошад, ки дар фасли баъдӣ мавриди таҳлил ва арзёбӣ қарор мегирад.

## 1.3. Сайри таърихӣ ва зинаҳои таҳаввули ин навъи адабӣ

Нахустин шоире, ки аз қасидаи Рӯдакӣ пайравӣ кардааст ё ба қавли Низомии Арӯзии Самарқандӣ, ба он ҷавоб гуфтааст, ба эътирофи сарчашмаҳо Амир Муиззӣ буда, аз қасидаи ӯ ҳамагӣ як байт то ба замони мо расидааст. Дар «Чаҳор мақола» омадааст, ки «Ва аз азбгӯёну латифтабъони аҷам яке Амирушшуаро Муиззӣ буд, ки шеъри ӯ дар тиловату тароват бағоят аст ва дар равонию узубат ба ниҳоят. Зайнулмалик Абусаиди Ҳинду ибни Муҳаммад ибни Ҳинду ал-Исфаҳонӣ аз вай дархост кард, ки он қасидаро ҷавоб гӯй. Гуфт: «Натавонам». Илҳоҳ кард. Чанд байт бигуфт, ки як байт аз он байтҳо ин аст:

Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме,

Зайнулмалик аз Исфаҳон ояд ҳаме.

Ҳамаи хирадмандон донанд, ки миёни ин сухану он сухан чӣ тафовут аст?» [33, 60].

Дар девони Амир Муиззӣ, ки тавассути марҳум Иқбол аз рӯйи се нусха муқобила ва тасҳеҳ шуда, ин байт ва қасидаи он мавҷуд нест. Ҳамчунин бояд таъкид кард, ки дар девони ӯ фақат як қасида дар мадҳи Зайнулмалик Абусаид ибни Ҳинду сабт шудааст, ки дар зимни он гуфта:

Гар ин шамси дин, Зайнулмалики салотин

Аҷали саъди давлат, Абусаъди Ҳинду (118, 77).

Вале Низомии Арӯзии Самарқандӣ дар «Чаҳор мақола» ҳанӯз «кас ҷавоб» нагуфтани «ин қасидаро» (қасидаи Рӯдакиро-шарҳи мо) таъкид кардааст. Муҳаммад Муин бошад, дар ин бора навиштааст, ки «Ба назар меояд, Муиззӣ худ аз қасидае, ки ҳасбуламр ба истиқболи Рӯдакӣ сохта норозӣ буда, онро дар ҷузви ашъори худ наовардааст». Бо вуҷуди ин, ин донишманд баъд аз Низомии Арӯзии Самарқандӣ дувумин шуда байти боқимондаи қасидаи татаббуии Муиззиро нақд карда, фарқиятҳои матлаи татаббуи Муиззиро ба тариқи зер нишон додааст. Аз ҷумла, вай матлаи Рӯдакӣ – Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме, Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме-ро «дорои хосаи мувозина» дониста, ба хулоса омадааст, ки «Муиззӣ аз ин имтиёз ғафлат карда гуфтааст: Рустам аз Мозандарон ояд ҳаме, Зайнулмалик аз Исфаҳон ояд ҳаме». Ба андешаи Муин,

«Рӯдакӣ аз сохтани қасида манзури базмӣ дорад, на размӣ ва ҳамосӣ, чӣ мехоҳад амир Насрро ба азимат ба сӯйи Бухоро барангезад ва дили ӯро такон диҳад. Он ҷо маҳалли гурзу майдон нест, ҷойи фароғат ва осоиш аст; вале Муиззӣ аз ин хосса низ ғафлат варзида ё таъамудан онро ба гунаи размӣ дароварда, дар натиҷа матлаи вай Рустам ва деви сапед, Кайковус ва ҷанги Мозандаронро аз «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ ба хотир меоварад.

Илова бар ин, ба назари ӯ, ҳар як аз ду мисраи Рӯдакӣ муштамил аст бар бахше аз манзури базмӣ (бӯйи дилкаши ҷӯйи Мӯлиён – бӯйи дилангези ёри меҳрубон) – аммо ду мисраи матлаи Муиззӣ қарин ва мутародифи ҳаманд, зеро Зайнулмалик ба Рустам ташбеҳ шуда ва Исфаҳон ба Мозандарон ва ба муносибати истеъмоли мисраи аввал бар тамсили мутаориф, онро бар мисраи дувум, ба қавли Низомии Арӯзӣ «чанд фазилат ва риҷҳон аст» [118, 77-78].

Муҳаммад Муин байти боқимондаи Муиззиро бо қасидаи Рӯдакӣ муқоиса карда, дар накди он меафзояд: аввал ин ки «Рӯдакӣ мавзуе хос дар назар дошта, вале Муиззӣ дар интихоби мавзуъ мурдад будааст, ин назар саҳеҳ аст. Сониян, «дар ин ки зикри лақаби «Зайн малик» ва амсоли он далели аҷзи шоир аст, бояд донист, ки ҳазфи (алифу лом) аз алқоб аз ҷумлаи ҳузуфи мухили шеър, ки адибон овардаанд, нест; ва ағлаби шоирон ин гуна асомиро ба кор бурдаанд ва ҳатто дар наср низ ба сиёқи каломи форсӣ алифу ломро нависандагон ҳазф кардаанд» [118, 79].

Ба ҳар сурат, новобаста ба андешаҳои Муҳаммад Муин, ашъори Рӯдакӣ дар тафаккури бадеии Амир Муиззӣ мақоми хосе дошта, вай дар шеъраш аз Рӯдакӣ ба устодӣ ном бурдааст. Муиззӣ дар қасидае бо матлаи

Ҳаме бинозад теғу нигину тоҷу сарир,
Ба шаҳриёри вилояткушойи кишваргир. –

дар зимни мадҳи Маликшоҳи Салҷуқӣ ва вазираш Низомулмулки Тӯсӣ чунин мегӯяд:

Замиру ваҳми шуморо сано чӣ гуна кунам,
Ки баргузашт санои шумо зи ваҳму замир.
Агар бувад ба мисли Рӯдакӣ дар ин айём,

Зи мадҳи ҳар ду шавад оҷизу хурд тасвир [31, 207].

Таваҷҷуҳи Амир Муиззӣ ба Рӯдакӣ ва шеъри ӯ ҳодисаи тасодуфӣ нест. Шуҳрати Рӯдакӣ ва шеъри ӯ боис шуд, ки аз «Бӯйи ҷӯйи Мулиён...» сар карда, то қитъаву байтҳои алоҳида ва мазмуни ашъори ӯ мавриди пайравӣ ва бознигарии Муиззӣ қарор гирад.

Шоири дигаре, ки зери таъсири шуҳрат ва шеъри Рӯдакӣ дар пайравии «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме...» қитъае гуфтааст, Саноии Ғазнавӣ мебошад, ки таҷрибаи ӯ марҳала ва равиши тозаи сайри таҳаввули татаббуъро бар шеъри Рӯдакӣ мушаххас месозад. Қитъаи Саноӣ бо байтҳои зерин шуруъ мешавад:

Хусрав аз Мозандарон ояд ҳаме,

Ё Масеҳ аз осмон ояд ҳаме.

Ё зи баҳри маслиҳат руҳуламин

Сӯйи дунё з-он ҷаҳон ояд ҳаме (118, 80).

Дар ин қитъа Муҳаммад Муин нукоти зайлро қобили таваҷҷуҳ дониста навиштааст, ки «Мисраи нахустини матлаи шеъре, ки дар нусхаҳои девони Саноӣ ба номи Саноӣ сабт аст, бо мисраи нахустини матлаи чандбайтӣ, ки Низомии Арӯзӣ онро ба Амир Муиззӣ нисбат дода, бо тафовути «Хусрав» ба ҷойи «Рустам» яке аст. Дигар ин ки «байтҳои аввал ва дувум бо истеъмоли «Масеҳ» ва «руҳуламин» ҷанбаи динӣ ва шаръӣ ёфта, аз лутфи каломи ғиноӣ ва базмӣ костааст. Ниҳоят, «байтҳои чаҳорум ва панҷум ва мисраи дувуми байтҳои шашуму ҳафтум аз Рӯдакӣ тазмин шуда» [118, 80].

Абдулғанӣ Мирзоев қитъаи татаббуии Саноиро бо қасидаи Рӯдакӣ муқоиса карда, онро ғазал шинохта, ба хулоса омадааст, ки «ин ғазал на ин ки бо вазну қофияи шеъри машҳури Рӯдакӣ навишта шудааст, балки аз саноеи маониву лафзӣ, мазмуни умумӣ ва воситаҳои бадеиву забонии он низ ба тарзи васеъ истифода бурда шудаанд. Ин масъала хеле қобили диққат аст, ки Саноӣ бо вуҷуди аз шоирони пурмаҳсули забардасти аср будани худ дар ин ғазал аз уҳдаи» татаббуи «ҳеҷ як байти шеъри Рӯдакӣ баромада натавонистааст» [106, 34-35].

Шоири дигаре, ки ба қавли Муҳаммад Муин «ба иқтифо ва татабуи» [118, 80] қасидаи мавриди баҳс дар шакли ғазал пардохтааст, Ҷалолиддини Балхӣ мебошад. Ғазали ӯ бо байтҳои зайл оғоз мешавад:

Бӯйи боғу гулситон ояд ҳаме,

«Бӯйи ёри меҳрубон ояд ҳаме».

Аз нисори гавҳари ёрам маро

Оби дарё «то миён ояд ҳаме».

Бо хаёли гулситонаш хорзор

Нармтар аз парниён ояд ҳаме (118, 81).

Муҳаммад Муин қасидаи Рӯдакиро бо ғазали Мавлавӣ муқоиса карда, ба хулоса омадааст, ки қасидаи Рӯдакӣ базмӣ буда, ғазали Мавлавӣ ирфонӣ аст. Вай аз назари мавзуъ ихтилофи байни онҳоро «аз замин то осмон» [118, 81] дониста, «истеъмоли таркиботе назири «инчунинро ончунон ояд ҳаме» ва «нобимурда дар ҷинон ояд ҳаме» ва «ҷуз ҳамин гуфтан, ки он ояд ҳаме»-ро «фоқиди инсиҷом» медонад, ки «хушоянди завқи салим нест». Ба назари ин донишманд, Мавлавӣ аз манзури аслӣ дар ғазалаш «ъудул» кардааст, ки низ қобили қабул намебошад.

Муин ҳусни тасвирро дар ғазали Мавлавӣ бартар шумурда, ба хулоса меояд, ки «...ғазал аз назари мафҳуми олӣ, ки мақсуди шоир аст, яъне «гунҷидани ҳақиқати олами маънӣ дар ҷаҳони моддӣ» бартар аз мафҳуми одии қасидаи Рӯдакӣ» [118, 81] мебошад. Ба ифодаи дигар, дар ин ғазал андеша яке аз равишҳои сайри таҳаввули татаббуъро дар шеъри форсии тоҷикӣ мушаххас месозад, ки дар марҳалаҳои гуногун зери таъсири ақоиди ирфонӣ роҳи хоси таҳаввулро тай намудааст.

Адиб Шаҳобиддин Абдуллоҳи Шерозӣ мулаққаб ба Васоф-ул-Ҳазра аз «арбоби татаббуъ» ва воқеаи эҷоди қасидаи «Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме»-и Рӯдакӣ, аз «суҳулати маънӣ ва вузуҳи матлаб»-и он ёд ва «дар мадеҳи соҳибдевони мамолик Шамсиддин Ҷувайнӣ» навишта шудани қасидаашро таъкид карда, умед кардааст, ки «мумайизи миёни ин ду қасида табъи наққод ва хотири ваққоди худовандони фазл бошад» [118, 84].

Қасидаи Вассоф бо байтҳои зайл шуруъ мешавад:

Боди мушкафшон вазон ояд ҳаме,
Бӯйи гулпайванди ҷон ояд ҳаме.
Дар сапедадам насими мушки бед
Хуштар аз мушки даҳон ояд ҳаме.
З-оташи гул, эй ки хокаш тоза бод,
Об бо рӯйи ҷаҳон ояд ҳаме [118, 85].

Матлаи қасидаи Вассофро Муин «фоқиди хосаи мувозина» дониста, сипас ба хулоса меояд, ки Вассоф қасидаро бо васфи табиат оғоз карда, аз ин ҷиҳат «ба сабки баёни Рӯдакӣ наздик шудааст». Ин донишманд қасидаи ин шоирро аз ҷиҳати интихоби калимот, сабк ва маонии латиф ва тавсифи табиат яке аз беҳтарин қасидаҳое эътироф кардааст, ки «ба пайравӣ аз қасидаи мавриди баҳси Рӯдакӣ суруда шудааст» [118, 85-86].

Илова ба он чи Муин гуфтааст, метавон афзуд, ки қасидаи Вассоф дар пайравии қасидаи Рӯдакӣ паҳлуи дигари сайри таҳаввули татаббуъро рӯнамоӣ мекунад, ки ба ҳамоҳангии тасвирҳо рабт дорад. Тарзи тасвири Вассоф, бахусус тавсифи табиат дар қасидаи ӯ мавзуи ҳамоҳангии тасвирҳо ва аносири хаёли шоиронаро ба миён мекашад. Асрори таносуби сувари хаёл дар қасидаи Вассоф аз он иборат аст, ки дар ҳоли тасвир зеҳни шоир бештар аз муҳити хориҷ, аз табиати мавҷуд, маҳсус ва моддӣ кумак мегирад, на аз суннати шеър. Чун дар низоми табиат ҳамоҳангӣ ва тартибе хос вуҷуд дорад, тасвирҳои шоир низ, ба андешаи Шафеии Кадканӣ, «худ ба худ дорои низоме махсус аст, ки аз ҳамоҳангии аҷзои табиат сарчашма» гирифтааст [93, 187]. Агар ба таъбири дигар гӯем, аз он ҷиҳат, ки Вассоф ҳамчун шоири замони худ таҷрибаи шеърии хешро дар алоқамандӣ бо табиат ва зиндагӣ амалӣ кардааст, тасвирҳои ӯ дар ин қасидаи татаббуӣ аз ҳамоҳангии бештаре бархӯрдоранд. Шоир ба воситаи тасвирҳо масоили берун аз ҳавзаи табиатро бо кӯмаки тасвирҳои табиат ҳиссӣ карда, ба ин васила тавонистааст, ба тасвирҳои интизоӣ тозагӣ ва латофати бештаре бахшад, ки намунааш байти зайл аст:

Шамъваш месӯзаму ёдаш маро

Чун забона бар забон ояд ҳаме (93, 187).

Тасвири муъҷаз ва кӯтоҳи ин байт ҳосили қаробати тарзи тафаккури ду шоир буда, ин таҷриба Вассофро дар сурудани шеъри татаббуӣ муваффақ кардааст.

Аз пайравон ва таъсирпазирони дигари Рӯдакӣ Лутфалибеки Озарбекдилӣ буда, байтҳои зайл аз қасидаи ӯст:

Аз Сифоҳон бӯйи ҷон ояд ҳаме,

Бӯйи ҷон аз Исфаҳон ояд ҳаме.

Доштам ман низ он ҷо хонае,

Ҷон диҳам гар ёд аз он ояд ҳаме.

Ёди он вайрона к-аш аз моҳи гул

Бӯйи мушку заъфарон ояд ҳаме... (118, 86)

Муҳаққиқон дар ин пораи қасидаи татаббуии Лутфалибеки Озарбекдилӣ нуктаҳои зерро қобили таваҷҷуҳ донистаанд. Аз ҷумла Муҳаммад Муин навиштааст, ки «мафҳуми мисраи аввал айни мисраи дувум» буда, «сустии алфоз ва адами инсиҷом дар таркиби ҷумлаҳо ошкор аст» [118, 86]. Илова ба ин, ин қасида аз назари бадеият ва тозагии тасвир низ пайравии арзандаи қасидаи Рӯдакӣ набуда, аз назари ғоя низ хеле маҳдуд аст.

Ғуломҳусайнхон мутахаллис ба Ҳайрат ва маъруф ба Ашрафӣ аз шоирони асри Носириддиншоҳи Қочор буда, дар пайравии қасидаи Рӯдакӣ қасидае гуфтааст, ки байтҳои зерро аз он иқтибос менамоем:

Чунки боди Ҷоҷрӯд ояд ҳаме,

Ашк аз чашмам чу рӯд ояд ҳаме.

Оби чашмам сад раҳ аз Ҷайҳун гузашт,

Аз Фуроташ гарчи зуд ояд ҳаме.

Дил чу ъуду сина маҷмар шуд зи ҳаҷр,

Оҳ, бингар, ҳамчу дуд ояд ҳаме... (118, 86)

Дар ин татаббуъ матлаи Ҳайрат низ мисли матлаи Муиззӣ имтиёзи қасидаи Рӯдакиро надошта, қофияи он бар хилофи қасидаҳои Рӯдакӣ ва Муиззӣ ба ҷойи алифу нун, бо вову дол сохта шудааст. Илова ба ин, чунонки Муҳаммад Муин

низ таъйид кардааст, «Шоир дар байти дувум мехоҳад бигӯяд: маъшуқ ҳарчанд ҳам зуд аз сафар баргардад, боз чун тоқати ҳаҷри ӯро надорам, мудом мегирям, вале ин мафҳумро дар қолаби алфозе рехта, ки завқи салим аз онҳо муттанафир аст». Дар қасидаи татаббуии ин шоир иштимоли калимаи **ҳазиз** дар байти чаҳоруум бо калимоти дигар номуносиб аст, ҳарчанд ки хостааст, онро бо «суъуд» муқобила кунад. Мафҳуми байти мазбур низ омиёна аст. Муин ташбеҳи зулф ба «хӯд»-ро дар байти панҷуми қасида "аз ибтикороти аҷиби гӯянда» [118, 87] ба шумор меоварад. Корбурди «сӯйи дилам» дар байти ҳафтуми қасида саҳеҳ набуда, истеъмоли ду феъли мутаволӣ (озмуд – ояд) ҳам бемавқеъ мебошад. Муин «лутфи ин қасидаро танҳо дар байти ҳаштум ба мушоҳида гирифтааст [118, 88].

Хамрияи маъруфи Рӯдакӣ, ки бо матлаи:

Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ,

Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ (104, 108). –

сар мешавад, низ мавриди татаббуи шоирон, аз ҷумла Сурӯши Исфаҳонӣ воқеъ шуда ва ӯ қасидае тамомматлаъ дар мадҳи Ҳисомуссалтана дар ҳамин баҳру қофия сурудааст ба матлаи зайл:

Сиришки абри озорӣ сиришта бо гулоб астӣ,

Насими боди наврӯзӣ ба бӯйи мушки ноб астӣ [104, 109].

Қоонии Шерозӣ низ қасидае дар пайравии хамрияи маъруфи Рӯдакӣ, ки бо байти:

Модари майро бикард бояд қурбон.

Бачаи ӯро гирифту кард ба зиндон. –

сар мешавад, сурудааст, ки байти аввали он ин аст:

Соқӣ дар ин ҳавои сарди зимистон,

Соғари майро макун дареғи зимистон [104, 109-110].

Ба байти зерини Рӯдакӣ:

Самоъу бодаи гулгуну луъбатони чу моҳ,

Агар фаришта бубинад дар ӯ фитад дар чоҳ (104, 114). –

низ шоирони зиёде, аз ҷумла Муиззӣ ва Фаррухӣ пайравӣ кардаанд, ки байти зайли Фаррухӣ намунаи он аст:

Зи баҳри таҳнияти ид бомдоди пагоҳ,

Бар ман омад хуршеди некувон аз роҳ (104, 114).

Муҳаммад Ҷаъфари Маҳҷуб намунаҳоеро аз ашъори Рӯдакӣ овардааст, ки шоирони баъди ӯ, аз ҷумла Маъруфии Балхӣ, Масъуд Саъди Салмон, Саъдӣ ва Ҳофиз ба онҳо пайравӣ кардаанд [104, 114-116].

Ба ин тариқ, дар заминаи сайри таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ, ки дар мисоли шеъри Рӯдакӣ анҷом гирифт, метавон маҷмуае аз равобитро маълум кард. Агар ин равобит бо баррасии интиқодӣ кашф гардад, мумкин аст бар таҳаввулоти сабкии ба ҳам алоқаманд ва таъсири онҳо равшанӣ андозад, ки бо гузашти солҳо падид омадааст. Баррасии зинаҳои таҳаввулоти татаббуъ моҳияти ҳунарии ин ҷараёнро низ муайян месозад. Вале нуқтаи қобили таваҷҷуҳ дар ин ҷо аз ҳама зиёдтар пайванд ва авлавияти таърихӣ аст, ки асосан, ба муҳтавои шеър ва ҳунари тасвиргарии соҳиби он марбут мешавад ва ба ин васила маншаъ ва сайри таҳаввулии онҳо дар муқоиса равшан мегардад.

Дуктур Муҳаммад Муин, чунонки ба мушоҳида расид, дар мақолаи зикршуда абёт ва қасидаю ғазалҳои дар пайравии қасидаи Рӯдакӣ сурудаи ҳафт шоир – Амир Муиззӣ, Саноӣ, Ҷалолиддини Балхӣ, Шаҳобиддин Абдуллоҳи Табрезӣ мулаққаб ба Вассоф, Лутфалибеки Озарбекдилӣ, Ғуломҳусайнхон Ҳайрати Ашрафӣ, Шиблии Нуъмониро таҳлил ва арзёбӣ карда, афзалияти қасидаи Рӯдакиро бо далелҳои раднашаванда исбот менамояд. Аз ҷумла, ӯ таъкид намудааст, ки «Ҳеҷ як аз ин ашъор монанди қасидаи Рӯдакӣ натавонистааст, мақбули табъи хосу ом гардад". Ин донишманд дар ин замина имтиёзоти қасидаи Рӯдакӣ, аз ҷумла равонии вазни он, кӯтоҳ будани баҳо ва овардани ду калимаи радиф «ояд ҳаме» ва содагии мавзуи абёти онро зикр карда, барои таъйиди назараш суханони зерини Низомии Арӯзиро иқтибос меоварад, ки гуфта: «Кӣ тавонад гуфт бад-ин азбӣ, ки ӯ дар мадҳ ҳамегӯяд дар қасида:

Офарину мадҳ суд ояд ҳаме,

Гар ба ганҷ андар зиён ояд ҳаме [118, 90].

Саид Нафисӣ дар қатори шоирони зикршуда чанде аз шоирони муосири Эрон – Шамсушшуаро Суруши Исфаҳонӣ, Муҳаммадҷавод Шубоби Кирмоншоҳӣ, Ғубори Ҳамадонӣ, Баҳори Машҳадӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Муҳамад Дониши Бузургниё [127, 385-387] ва С. Имронов Сипандии Самарқандӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Суҳайлӣ Ҷавҳаризода, Муҳаммадҷон Раҳимӣ, Бобо Ҳоҷӣ ва дигаронро низ зикр кардаанд [92, 17-20], ки дар пайравии қасидаи ёдшудаи Рӯдакӣ шеър гуфтаанд, вале ҳеҷ кадоме ба пояи ӯ нарасидаанд.

Дар заминаи татаббуоте, ки ба ин қасидаи Рӯдакӣ суруда шудааст, метавон ба ин натиҷа расид, ки бо паҳлуи ҳам гузоштани шоирон ва шеърҳои мутааллиқ ба замонҳо ва маконҳои мухталиф пайвандҳои устувори суннатҳои шеърӣ дар матни ашъор инъикос гардида, дар як вақт таҳким ёфтаанд. Ба қавли дақиқтар, «Инҳо торҳои бодавоме ҳастанд, ки аз якдастӣ ва якнавохтии бофти ҳуллаӣ, ки аз онҳо бофта шудааст, ҳикоят мекунанд» [84, 42]. Ин гароиши муштарак маънои муҳимми дигаре ҳам дорад: имкони ин ки шоири татаббуъсаро ё пайрав охирин ҳалқаи занҷире шавад, ки таъйидкунандаи суннати волои шеърӣ ва тасвибкунандаи он аст, сабаб мешавад, ки вай ба наҳве қотеъ ба ин суннат бипайвандад ва пазиришу эътибори омро ба ҳадди матлуб ва лозим ба даст оварад. Дар ин ҳол ҳатто ҳарфи Давлатшоҳ, ки эроди маҷмуи онро (қасидаи Рӯдакиро – шарҳи мо) таҳаммулнопазир медонад, пас аз андешаи фавқ аз руҳи Рӯдакӣ чунин узр хоста: «Алқисса устодро инкор нашояд кард ба муҷарради ин сухан, балки ӯро дар фунуни улум ва фазоил вуқуф аст» [118, 92].

Вақте сайри таҳаввули татаббуъро дар шеъри форсии тоҷикӣ аз назар мегузаронем, маълум мешавад, ки ин падида дар таҷрибаи шоирон, пеш аз ҳама, василае барои имтиҳони маҳорати ҳунарии онон буда, барои онҳое, ки мехоҳанд ба ҷамъи шуаро бипайванданд, навъе озмоиш ҳам ба шумор меравад. Ба иборати дигар, агар татаббуъ қарини тавфиқ гардад, ба манзалаи гувоҳиномае хоҳад буд, ки тааллуқи шоирро ба суннати шеърӣ тасдиқ карда, нақш ва ҷойгоҳи ӯро дар ҳавзаи шеъри форсии тоҷикӣ мушаххас месозад.

Ҳамин тавр, мруруре ба сайри таҳаввули татаббуот нишон медиҳад, ки ин падида ҳамчун робитаи эҷодӣ ва таъсири адабӣ минбаъд низ дар шеъри форсии тоҷикӣ ташаккул ва таҳаввул ёфта, дар шаклу тарзҳои гуногун зоҳир гардидааст. Бахусус, дар замони равнақи қасидасароӣ дар асри ёздаҳу дувоздаҳ татаббуъсароӣ дар тарзҳои гуногун зоҳир гардида, зери таъсири таҷрибаи шеърии шоирони бузурге, мисли Амир Муиззӣ, Саноӣ, Рашиди Ватвот, Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ, Манучеҳрӣ зинаи нави ташаккул ва таҳаввулро тай намуд. Дар садаи дувоздаҳ, яъне дар давраи инкишофи зинаи нави қасидасароӣ шоирони бузург қасида ва тағаззулоти якдигарро ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз ҷиҳати санъати сухан татаббуъ мекарданд. Дар ин замина нақши Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Хоқонӣ, Аттор, Саъдӣ, Салмони Соваҷӣ, Имоди Кирмонӣ ва дигарон сутуданӣ буда, ин раванд дар асрҳои баъдӣ низ ҳамчунон дар таҳаввул будааст.

Таҳаввули ғазал дар асри чаҳордаҳ заминаи тозаро барои равнақи татаббуъ ба вуҷуд овард. Ҳофизи Шерозӣ, Салмони Соваҷӣ, Имоди Кирмонӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Ҳасани Деҳлавӣ, Камоли Хуҷандӣ ва дигарон ғазалҳои якдигарро татаббуъ мекарданд. Зери таъсири ин раванд шоирон ба ғазали якдигар ҷавоб мегуфтанд, ки на фақат вазну қофия ва радифи муштарак доштанд, балки гоҳо сохтори мундариҷавии онҳо низ ҳамсон буд.

Ҳофиз дар ҷавоби Саъдӣ, Хоҷу ва Салмон ғазалҳои зиёде гуфта, вале ин татаббуот чеҳраи мушаххаси ҳунарии соҳиби татаббуъро ҳифз кардааст. Ду байте, ки дар зер аз Хоҷу ва Ҳофиз иқтибос мешавад, баёнгари тавоноии шоири сонӣ мебошад, ки матлаи татаббуаш аз ҳар ҷиҳат аз матлаи Хоҷу бартару болотар аст:

Хоҷу:

Хирқа раҳни хонаи хаммор дорад пири мо,

Эй ҳама риндон муриди пири соғаргири мо (131, 477).

Ҳофиз:

Дӯш аз масҷид сӯйи майхона омад пири мо,

Чист, ёрони тариқат, баъд аз ин тадбири мо? (131, 477).

Вале гоҳо Ҳофиз дар татаббуи Хоҷу муваффақ набудааст. Масалан, муқоисаи ду байти зер ба ин даъво далели қотеъ аст:

Хоҷу:

Гар шудем аз бода бадноми ҷаҳон, тадбир чист,

Ҳамчунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо (131, 478).

Ҳофиз:

Дар хароботи муғон мо низ ҳамдастон шавем,

К-ин чунин рафтаст аз рӯзи азал тақдири мо (131, 478).

Шиблии Нуъмонӣ дар боби татаббуоти Ҳофиз ба ғазалиёти Хоҷу муфассал сухан ронда, дар заминаи байтҳои иқтибосшуда ба чунин хулоса меояд, ки «... Хоҷа (манзур Ҳофиз аст – шарҳи мо) мазмуни Хоҷу ва низ алфози ӯро дарҳам-барҳам карда ва афсӯс ки коре ҳам аз пеш набурда, яъне онро беҳтар накардааст. Мисраи дувум ҳарф ба ҳарф ҳамон мисраи Хоҷу мебошад. Мисраи аввали Хоҷу зиёда барҷаставу соф аст. Бар илова, муқобилаи тақдиру тадбир бо камоли бетакаллуфӣ эрод шуда ва Хоҷа ин мазиятро ҳам аз даст додааст. Матлаби мисраи Хоҷу ин аст, ки агар майгусорӣ моро бадному расво карда, чӣ мешавад кард, сарнавишти мо аз аввал ҳамин будааст. Аммо Хоҷа мегӯяд: мо ҳам бояд рафта, бо муғҳо ҳамкорӣ кунем, чи килки тақдир дар ҳаққи мо ҳамин тавр ҷорӣ шудааст. Ғараз, ин байти Хоҷа аз ҷиҳати мазмун низ ҳеҷ мазияте надорад» [131, 478].

Ҳофиз ғазалиёти Салмони Соваҷиро низ татаббуъ кардааст. Салмон, ки ба қавли Ҳофиз «саромади фузалои замона» буд (Саромади фузалои замона донӣ кист, Ҷаҳони миллату дин хоҷаи ҷаҳон Салмон. Ҳофиз), дар қасидаву ғазалиёти худ ба бисёре аз шоирони пешгузаштаи худ ҷавоб гуфтааст. Аз ҷумла ӯ дар пайравии Низомӣ, Саноӣ, Хайём, Анварӣ, Заҳири Форёбӣ, Камолиддини Исфаҳонӣ ва дигарон қасидаву ғазалҳо гуфтааст. Аз шоирони ҳамзамонаш беш аз ҳама Ҳофизи Шерозӣ ба шеъри ӯ таваҷҷуҳ дошта ва ба қасоиду ғазалиёташ татаббуъ гуфтааст. Ҳамчунон ки Рашид Ёсамӣ таъйид кардааст, «Шоиста ин буд, ки Хоҷа худро мукаммали... тарзи ғазалсароии Салмон маҳсуб медошт. Алфоз ва ҷумалот ва истилоҳоте, ки Ҳофиз ба дараҷаи камол расонидааст, дар

ашъори Салмон низ дида мешавад, чунонки гоҳе шахс тасаввур мекунад, ба мутолиаи девони Ҳофиз машғул аст... Баъзе аз ашъори ин ду устод ба ниҳояти дараҷа ба якдигар шабоҳат доранд ва нишон медиҳанд, ки унси комил ба гуфтори якдигар дошта ва агар ҳамро надидаанд, гуфтори якдигарро бисёр хонда ва дар садади истиқбол ё тақлид бармеомадаанд» [72, 107-108].

Аз ғазалиёте, ки Ҳофиз дар татаббуи Салмон ё Салмон дар пайравии Ҳофиз эҷод кардаанд, намунаҳои зиёде овардан мумкин аст. Вале барои шинохти тарзи татаббуи Ҳофиз бар ғазали Салмон пораҳои зерро аз ғазали ҳар ду овардан кифоя аст.

Салмон:

Дар аввал акси майи лаъли ту дар ҷом афтод,
Ошиқи сӯхтадил дар тамаи хом афтод.
Холи мушкини ту бар орази гандумгун дид,
Одам омад зи паи донаву дар дом афтод.
Бод зуннори сари зулфи ту аз ҳам бикушуд,
Сад шикаст аз тарафи куфр бар ислом афтод.
Ишқ бар куштани ушшоқ тафаъул мекард,
Аввалин қуръа, ки зад, бар мани бадном афтод [72, 22].

Ҳофиз:

Акси рӯйи ту чу дар оинаи ҷом афтод,
Ориф аз хандаи май дар тамаи хом афтод.
Ин ҳама акси майю нақши нигорин, ки намуд
Як фурӯғи рухи соқист, ки дар ҷом афтод...
Ҳар дамаш бо мани дилсӯхта лутфи дигар аст,
Ин гадо бин, ки чи шоистаи инъом афтод.
Покбин аз назари пок ба мақсуд расид,
Аҳвал аз чашми дубин дар тамаи хом афтод [72, 23].

Татаббуъ ба ашъори ҳамдигар ба ин ду ва дигар чеҳраҳои бузурги шеъри форсии тоҷикӣ монеъ нашудааст, ки равиши ҳунарӣ ва фардияти эҷодии худро ҳифз кунанд ва дар мазмуну шакли шеър тозакориҳо ворид намоянд. Ба

таъбири дигар, ба воситаи ҷустуҷӯҳои шоирон дар ин замина сохтори мундариҷавию бадеии шеър ташаккул ёфта, татаббуот ҳамчун падидаи ҳунарии таъсиргузориву таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодии байни шоирон, ҳатто дар фосилаи гуногуни замониву маконӣ як амри қонунӣ гардид. Ин падида дар эҷодиёти шоирони ин давра на тақлиди маҳз, балки барои офаридани шаклу мазмунҳои нави бадеӣ омили муҳимме ба назар омад.

Асри понздаҳро метавон зинаи нави таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ ба шумор овард. Ба қавли Расул Ҳодизода «Дар ин давраи навиривоҷи тоза дар ғазал ғайр аз хусусиятҳои дигари анъанавии он, равияи татаббуъ ва тазмин аз нав зинда шуд. Инро мо пеш аз ҳама дар эҷодиёти яке аз намояндагони барҷастаи ғазалсароии ин давр Абдурраҳмони Ҷомӣ равшан мебинем» [189, 87-104]. Ҳамчунон ки худи Ҷомӣ эътироф ва таъкид кардааст, вай дар бисёр ғазалҳои худ «ба таври Камол», Ҳофиз, «тӯтиёни Ҳинд», «Хусрави ширинсуханон», Саъдӣ, Хусрави Деҳлавӣ ва дигар ғазалсароёни давраҳои гузашта пайравӣ ва истиқбол намудааст, ки зинаи нави сайри таҳаввули ин падида дар таърихи шеъри форсии тоҷикӣ мебошад. Абдурраҳмони Ҷомӣ, ба қавли А. Сатторзода «на танҳо ба асарҳои шоирону нависандагон ҷавоб» гуфтааст, балки «ишораву гуфтаҳои зиёди ӯ низ, ки дар ғазалу қасида ва хусусан маснавиҳою равзаи ҳафтуми «Баҳористон» [155, 135] омадааст, дидгоҳҳои хоси назарии ӯро оид баи ин масъала мушаххас месозанд. Байтҳои зер ифодагари дидгоҳ ва назари хоси ӯ аз татаббуи ашъори шоирони замонҳои гуногун мебошад:

Бувад ба таври Камол ин ғазал зи гуфтаи Ҷомӣ,
Сазад, ки номи вай аз зумраи камол барояд [20, 304].

Ҳар ҷо ки рафт завраќи Ҳофиз ба баҳри шеър,
Ҷомӣ сафинаи ту зи дунбола меравад [20, 362]

Ҷомӣ ин назми Ҳасан гар бифиристад сӯи Форс,
Ҳофизаш ном ниҳанд, Хусрави ширинсухан [20, 593].

Ҷомӣ татаббуъро аз сармашқ бартар ва ё ҳеҷ набошад ба он ҳампоя медонад. Шояд ба ҳамин сабаб, ҳамчунон ки А. Афсаҳзод мушоҳида кардааст, «баъзан ба як ғазали Ҳофиз ду-се ҷавоб гуфтааст. Ба ғазали якуми девони Ҳофиз Ҷомӣ се ғазал дорад, ки яктои он дар девони дувум ва дутояш дар девони севуми ӯ ҷойгир аст» [49, 234]. Ин санад далели тавоноии ӯ дар шинохти татаббуи асил буда, таҷрибаи шеъриии Ҷомӣ дар ин замина гувоҳи он аст, ки вай дар ҷавобия риояти услуб, вазну қофия ва радифро шарт шуморида, вале риояти маъниро шарт намедонад, балки аз нигоҳи ӯ маънии татаббуъ бояд тоза бошад. Вай дар ин замина маънии шеъри гузаштагонро «дар либоси хубу марғуб ифода карданро» [155, 140] аз шартҳои татаббуи асил ба қалам додааст. Ба ин тартиб, аксари татаббуоте, ки Ҷомӣ бар осори гузаштагон ва муосиронаш сурудааст, тақлид набуда, равиши ҳунармандонаи таҳаввули ин падидаро дар шеъри форсии тоҷикӣ нишон медиҳанд. Ҷомӣ ба ғазалиёти шоирони тавоное чун Заҳири Форёбӣ, Саъдӣ, Ҳумомӣ, Низорӣ, Хусрав, Ҳасан, Хоҷу, Имод, Салмон, Ҳофиз, Камол, Неъматуллоҳи Валӣ, Котибӣ ва дигарон татаббуъ бастааст. Таҳлили қиёсии ин татаббуот собит менамояд, ки вай дар эҷоди ин падида фақат шоири таъсирпазир набуда, балки кошифи маънӣ ва усули тозаи тасвир низ мебошад. Дар ин замина, Ҷомӣ ба понздаҳ ғазали Саъдӣ, аз ҷумла ғазали зер ҷавоб гуфтааст, ки байти матлааш ин аст:

Диле, ки ошиқу собир бувад, магар санг аст?

Зи ишқ то ба сабурӣ ҳазор фарсанг аст (39, 44).

Ҷомӣ дар ин ҷавобия ҳам вазну қофия ва радифро ҳифз кардааст, ҳам ба он маънии тоза бахшидааст. Татаббуи Ҷомӣ бо ин байт шуруъ мешавад:

Муқими кӯйи туро фусҳати ҳарам танг аст,

Зи Каъба то сари кӯят ҳазор фарсанг аст (20, 36)

Шоири дигаре, ки дар тафаккури эҷодии Ҷомӣ ҷойгоҳи хос доштааст, Хусрави Деҳлавӣ мебошад. Ҷомӣ, ба шаҳодати муаллифи «Радоиф-ул-ашъор» ба понздаҳ ғазали Хусрави Деҳлавӣ ва қасидаҳои фалсафию ирфонии ӯ «Луҷҷат-ул-Асрор» ва «Дарёи аброр» ҷавоб гуфтааст. Ҷомӣ дар татаббуоташ бар ғазалҳои Хусрав вазни шеър, қофияву радифро риоят карда, дар мазмуну

мундариҷа тозагиҳое ворид намудааст. Ба қавли М. Бақоев миёни чунин ғазалҳои ин ду шоир «ҳамоҳангӣ, шабоҳат ва монандии наздик» [53, 145] ба мушоҳида расад ҳам, онҳоро наметавон тақлиди хушк шинохт. Зайли намуна пораҳои зерро аз ғазалҳои Хусрав ва Ҷомӣ иқтибос менамоем.

Хусрав:

Ҳар дам чу натвонам, ки он рухсори зебо бингарам,
Ҷое, ки рӯзе дидамаш, он ҷо равам, ҷо бингарам.
Гаҳ гиря пӯшад чашму гаҳ бехуд шавам чун даррасад,
Мумкин нагардад ҳеҷ сон, к-он мурғи зебо бингарам,
Оташ батар гирад ба дил, ҳарчанд бар ёди рухаш,
Берун равам дар чеҳараи гулҳои саҳро бингарам

[22, 333].

Ҷомӣ:

Бе худ фитам ҳар ҷо равон он қадди раъно бингарам,
Чун бигзарад, хезам нишон бар хок аз он по бингарам.
З-он ҷо, ки рӯзе дидамаш бошам гурезон чун кунам,
Бе ӯ набошад тоқатам, к-он ҷо равам ҷо бингарам.
Аз дидани ӯ чун маро қонеъ шавад девору дар,
Гирён зи шаҳр оям бурун гулҳои саҳро бингарам.
Хоҳам ба тӯфони бало олам тиҳӣ аз дигарон,
То ки гаҳе он рӯйро башад, ки танҳо бингарам.

[20, 365].

Муқоисаи татаббуи Ҷомӣ бар ғазали Хусрав моро ба хулосаи зайл овард:

1. Ҷомӣ аз оғоз то анҷоми татаббуъ таҳти таъсири Хусрав будааст. Вале дар бисёр ҳолатҳо мавзуъ ва мундариҷаи ғазали худ ва алфози онро такмил ва тағйир дода, мусиқии лафзӣ ва маънавии байтҳоро беҳтар кардааст. Миёни калимоти «ҷое ки», «он ҷо», «рухсори зебо»-и байти аввали ғазали Хусрав ва «ҳар ҷо», «қадди раъно» ва «нишон бар хок»-и байти Ҷомӣ таносуби комил вуҷуд дошта, маънии хостаи ҳар ду шоирро барҷаста ва таъсиргузор намудааст.

2. Байти дувуми Хусрав бештар ҳолнамо ва таъсиргузор аст, вале мавзуи байти татабуи Ҷомӣ малмус (конкрет) ва фаротар аз вазъест, ки тоқати шоирро шикастааст.

3. Ҳар ду шоир ғулуви мисраъҳои ғазалро бо «андешаи инкорӣ» афзун намудаанд. Дар шарёни байтҳои татаббуи Ҷомӣ навъе ҷонбахшӣ ва умедворӣ (Гирён зи шаҳр оям бурун гулҳои саҳро бингарам) ҷорӣ аст. Ба василаи дар мисраъҳо овардани калимоти мутаносуб, мисли «гулҳои саҳро», «бӯстон», «тамошо» (Хусрав), «тӯфони бало», «бахши фардо», «кӯйи хубон», «рӯйи зебо» (Ҷомӣ) аввалан иртиботи мисраъҳо ва мазмун қавитар шуда, сониян ҳар ду шоир бо талвеҳ ва иҳом хонандаро бовар кунондаанд, ки «хунобаи Хусрав» ва «ҷуз оби чашму дуди дил»-и Ҷомӣ дунё ба чизе намеарзад.

4. Ҷомӣ қофияву радифи ғазали Хусрав (зебо бингарам)-ро унсури муҳимми сохтории татаббуъ қарор додааст. Дар ғазали Хусрав гоҳо қофия такрор мешавад, мисли «зебо», «то». Ин ҳолат дар ғазали Ҷомӣ ба назар намерасад. Ба ин далел, ҳамаи мисраъҳо дар ҷавобияи Ҷомӣ, бар хилофи ғазали Хусрав мустақилияти шаклӣ ва ҳамоҳангии бештар бо мисраъҳои дигар дошта, ба таъсиргузории мазмуну маънӣ ва оҳанги онҳо афзудаанд.

5. Мусиқии канорӣ дар ғазали Хусрав ва татаббуи Ҷомӣ зебо ва таъсиргузор зоҳир шуда, мисли «зебо бингарам», «ҷо бингарам», «саҳро бингарам», «тамошо бингарам», «по бингарам», «то бингарам» (ду бор), «танҳо бингарам» дар ғазали Хусрав бо калимоте чун «раъно бингарам», «по бингарам», «ҷо бингарам», «саҳро бингарам», «танҳо бингарам», «то бингарам», «фардо бингарам», «зебо бингарам», «Масеҳо бингарам», «боло бингарам» дар татаббуи Ҷомӣ ҳамқофия шуда, дар маҷмуъ ҳамовозии комиле миёни мисраву байтҳои ҳар ду ғазал ба вуҷуд овардаанд, ки далели ҳунари ҳар ду шоир аст.

Ҳамчунин, Ҷомӣ қасидаҳои Хоқонӣ ва Хусравро бо номи «Ҷило-ар-руҳ» татаббуъ кардааст. Хоқонӣ бошад, қасидаи худро дар ҷавоби қасидаи Усмон Мухторӣ суруда, Ҷомӣ дар татаббуаш аз алоқамандии қасидаи худ бо қасидаҳои Хоқониву Хусрав бо муҳаббат ба тариқи зайл ёд мекунад:

Сухан он буд, к-аз аввал ниҳод устод Хоқонӣ,

Ба меҳмонхонаи гетӣ паи донишварон хонаш.

Чу дар сайри маонӣ ёфт Хусрав сӯи он хон раҳ,

Малоҳатҳои вай афканд шӯре дар намакдонаш.

Гар имрӯз орад ин ходим зи баҳри шеъри тар обе,

Паи дасту даҳон шустан аз онҳо чист товонаш... [53, 144].

Дар бораи татаббуоти Ҷомӣ сухан карда, наметавон таъсирпазириашро аз Ҳофиз ёд накард. Ҷомӣ аз афзалиятҳои ҳунарии Ҳофиз ва таваҷҷуҳаш ба шеъри ӯ дар «Нафаҳот-ул-унс», «Сабҳат-ул-аброр» ва «Баҳористон» ёд карда, ба андеша ва ҳунари вай баҳои баланд додааст. Ҳамин ихлосу иродат ба шеъри Ҳофиз ӯро водоштааст, ки ба ғазалиёти Лисонулғайб ҷавобҳои арзанда диҳад. Агар девони Ҳофиз бо ғазали «Аё ё айуҳа-с-соқӣ, адир каъсан ва новилҳо» шуруъ шавад, Ҷомӣ фақат ба ҳамин ғазал панҷ татаббуъ гуфтааст, ки сетои он ба девони дувумаш ва дутои дигар ба девони севумаш ворид шудааст. Дар ду байти аввали татаббуи ғазали ёдшудаи Ҳофиз вай матлаи ғазали Ҳофизро ба тариқи зайл ворид кардааст:

Шароби лаъл бошад қути ҷонҳо, қуввати дилҳо,

«Ало ё айуҳа-с-соқӣ, адир каъсан ва новилҳо»

Чу з-аввал ишқ мушкил буд, ахир ҳам чаро гӯям,

«Ки ишқ осон намуд аввал, вале афтод мушкилҳо» (20, 61).

Ин ҷавоби Ҷомӣ ба ғазали Ҳофиз машҳур буда, дар «Радоиф-ул-ашъор» низ ба сароҳат ёдрас шудааст. Чунонки ишора шуд, ҷавоби дигари Ҷомӣ низ, ки дар девони дувумаш ҷойгир шудааст, аз назари мавзуъ ба ғазали Ҳофиз қаробат дорад. Дар он қофия ва баъзе мухтассоти сабкии шеъри Ҳофиз, аз ҷумла вусъатнокии мавзуъ, луғоти арабӣ дар мисраи аввал ва шарҳи он дар мираи дуввум ҳифз шудааст. Дар ҷавоби севуми Ҷомӣ низ қофия, радиф ва баъзе тавсифҳои сабкии ғазали Ҳофиз нигоҳ дошта шудааст. Масалан, ҷавоб бо хитоб шуруъ шуда, сатри охири он ба забони арабӣ навишта шудааст. Барои афзудани таъсири оҳангнокии он шоир ба ғазал унсурҳои оҳангии шеъри арабро ворид месозад. Чунончи, ёдкарди Наҷд – зодгоҳи Лайлӣ, образи корвон ва истгоҳҳои

даргузар дар татаббуи Ҷомӣ ҳарф ва тасвири тоза аст. Матлаи татаббуъ мавзуъро матраҳ сохта, ҳафт байти боқимонда ҷузъиёти онро ифода кардаанд:

Рафиқон, ҳаққи Наҷд аст ин, нигаҳ доред маҳфилҳо,

Ки орад шавқи ёрон гиря бар осори манзилҳо (20, 64).

Дар татаббуи ғазали девони севум, илова ба он ки Ҷомӣ дар байти охир мисраи аввали ғазали Ҳофизро иқтибос кардааст, қофияи онро низ ҳифз намуда, мазмуни байти аввалро такрор ва онро ба сатри арабӣ хотима медиҳад. Ҷавоби дувуми ғазал аз ҳамин девон аз ҷиҳати мундариҷа ва тарзи таҳкия ба ғазали Ҳофиз ва чаҳор татаббуи ёдшудаи Ҷомӣ қаробат дошта, аз баъзе ҷиҳатҳо тозагӣ ҳам дорад, ки марбут мешавад ба ду қисмат кардани мисраи Ҳофиз ва тағйири қофия дар мақтаъ:

«Ало, ё айуҳа-с-соқӣ», май омад ҳалли мушкилҳо,

Зи май мушкил бувад тавба, «адир каъсан ва новилҳо» (20, 67).

А. Афсаҳзод дар ҷое ба чунин хулоса омадааст, ки «Ҳамаи панҷ ҷавоби Ҷомӣ гувоҳи устодии ӯ дар жанри татаббуъ буда, вале ҳеҷ кадоми онҳо ба дараҷаи ғазали лирики шуҳратманд нарасидаанд» [49, 236]. Дар ҷои дигар ин донишманд андешаашро дигар карда, навиштааст, ки «ғазали ҷавобии Ҷомӣ ҳамаҷиҳата аз ғазали Ҳофиз кам нест» [49, 237]. Вале ҳақ ба ҷониби А. Сатторзода аст, ки дар ин замина ба хулосаи зер омадааст: Таҷрибаи татаббуъсароии Ҷомӣ «нишонаи он аст, ки Ҷомӣ ба ақидаи худ устувор мебошад ва то гуфтани ҷавоби сазовор муяссар нагардидааст, дилаш қарор нагирифтааст. Ӯ ҳамеша умеди онро дошт, ки «равнақи назмаш ба Низомӣ» расад ва «бар ҳама дар шеър баландӣ» ёбад» [155, 136]. Ва воқеият ин аст, ки Ҷомӣ ҳамин талаботро дар тамоми ҷавобияҳояш, аз ҷумла татаббуоташ ба ғазалҳои Ҳофиз риоят карда, аз кори худ қаноатманд будааст ва бо ифтихор гуфтааст:

Гуфт дар Ҳинд Ҳасан гуфтаи Ҷомӣ чу шунид:

«К-аз адам Хусрави ширинсуханон боз омад» [20, 437].

Яке аз шоирони бузурги дигаре, ки Ҷомӣ ба ашъори ӯ ҷавоб гуфтааст, Камоли Хуҷандӣ мебошад. Баъзе адабиётшиносон, аз ҷумла, Алиасғари Ҳикмат

ва Ҳошим Разӣ дар эҷоди ғазал пайрави оҳанг ва сабки Камол будани Ҷомиро зикр карда бошанд ҳам, вале ин даъворо асоснок накардаанд. Фақат дар асоси байтҳое, ки Ҷомӣ дар онҳо аз Камол ёд кардааст, ба чунин хулоса омадаанд [188, 123; 20, 12]. Муаллифи «Радоиф-ул-ашъор» Фахрии Ҳиротӣ ҳафт ғазали Камол ва татаббуоти Ҷомиро зикр кардааст, ки омӯзиши қиёсии онҳо моҳияти робита ва таъсирпазирии Ҷомиро аз Камоли Хуҷандӣ бармало мекунад. Дар ин ҷо мо аввалин ғазали Камол ва ҷавоби Ҷомиро, ки Фахрии Ҳиротӣ зикр кардааст, аз назар мегузаронем.

Камол:

Ин чӣ маҷлис, чӣ биҳишт, ин чӣ мақом аст ин ҷо,
Умри боқӣ, рухи соқӣ, лаби ҷом аст ин ҷо.
Давлате, к-аз ҳама бигзашт, аз ин дар нагузашт,
Шодие, к-аз ҳама бигрехт, ғулом аст ин ҷо.
Чун дарой ба тарбхонаи мо бо ғами дил,
Ҳама гӯянд, махӯр ғам, ки ҳаром аст ин ҷо.
Мо ба боми фалакем, аз бари мо гар биравӣ,
Бирав оҳиста, ки ҷому лаби бом аст ин ҷо (38, 75).

Ҷомӣ:

Тарфи боғу лаби ҷӯю лаби ҷом аст ин ҷо,
Соқиё, бархез, ки парҳез ҳаром аст ин ҷо.
Шайх дар савмиа гар маст шуд аз завқи самоъ,
Ману майхона, ки ин ҳол мудом аст ин ҷо.
Лаб ниҳодӣ ба лаби ҷому надонам мани маст,
Ки лаби лаъли ту ё бода кадом аст ин ҷо... (2, 54)

Татаббуи Ҷомӣ ба ғазали Камол аз ҷиҳати мавзуъ, ҳаҷм, вазн, қофияву радиф ва маҷозу шакл хеле наздик аст, вале миёни онҳо фарқият низ ҳаст: тасвири бадеӣ дар ғазали Камол бартарӣ дошта, тавсиф, муболиғаву иғроқ ва тарзи муколамавии байтҳо таъсири ҳиссӣ ва маънавии онро афзудааст. Ғазали Камол сужети хос дошта, он дар татаббуи Ҷомӣ такмил ёфтааст. Дар ғазали Камол қаҳрамони лирикӣ ошиқ аст, саҳеҳтараш бо роҳи шинохти Худо –

ҳақиқат равон аст. Бинобар ин, бо худ гуфтугӯ дошта, маҳалли маҷлисеро, ки дар он ҳузур дорад, зикр мекунад. Баъд ӯ барои сабук кардани ғами худ ба ҳамсуҳбати худ мурочиат мекунад (Чун дарой ба тарабхонаи мо бо ғами дил, Ҳама гӯянд, махӯр ғам, ки ҳаром аст ин ҷо) ва дар посух ба ошиқ дар бораи дараҷаи одамони атрофаш – ҳамнишинон ҳарф мезанад. Маълум аст, ки суханони ӯ ба ҳамсуҳбат таъсиргузор аст ва ба ин далел ӯ низ бо суол мурочиат мекунад, то маънии аслии тавзеҳоти ӯро дарк кунад. Дар ин ғазал тамоюли наздикшавӣ бо Худо ба воситаи рамзҳои ошиқона ифода гардидааст. Мисраи охирини ғазал (Ин мақоме, ки на манзил, на мақом аст ин ҷо посухест ба мисраи аввали ғазал, ки бо вожаҳои ҳамқофия анҷом ёфта (Ин чӣ маҷлис, чӣ биҳишт, ин чӣ мақом аст ин ҷо), сохтори маънавӣ ва бадеии онро камол бахшидааст.

Қаҳрамони лирикии татаббуи Ҷомӣ низ ошиқ аст. Агар шоир чеҳраи тасаввуфии ин образро офариданӣ бошад, хеле суст аст. Даъвати ӯ ба шаробнӯшӣ дар байти аввал, гирифтории маҳал, мурочиат ба соқӣ, санҷиши дӯстдошта ифшои асрори дили худ ва ниҳоят дар мисраи дувуми байти охир корбурди луғоти «ҷом» (Базми ишқ аст, чӣ ҷойи маю ҷом аст ин ҷо) таъкид ба маънии ниҳоии татаббуъ аст, ки Ҷомӣ ифода кардааст. Нируи дарунии ҳар ду ғазал қавӣ буда, чараёни наздикшавии ошиқро ба маъшуқ таъсиргузор муҷассам сохтааст.

Бо назардошти тарзи тасвир ва фарогирии маънӣ метавон хулоса кард, ки Ҷомӣ ин татаббуъро бевосита дар пайравии тарзи Камол сурудааст. Шумораи чунин ҷавобияҳои Ҷомӣ бар ғазалҳои Камол бештар аз сездаҳто буда, аз ҷавобияҳои ӯ ба ғазалҳои Саъдӣ, Хусрав ва Ҳофиз камтар мебошанд. Тафовути дигари ин ҷавобияи Ҷомӣ аз ғазали Камол дар он аст, ки шоир дар эҷоди он бештар ба тарзи тасвир ва мухтассоти сабкии шеъри сармашқ тобеият доштааст, на ба мазмуну мундариҷаи он. Аз таҷрибаи татаббуъсароии Ҷомӣ ва ишораҳое, ки дар ғазалҳояш гузоштааст, маълум мешавад, ки вай дар эҷоди шеър ҳам бо анъанаи гузаштагон ва ҳам равиши замонии инкишофи ғазал пайванди қавии ҳунарӣ доштааст. Ба ифодаи дигар, Ҷомӣ на танҳо бо таҷрибаҳо

ва бозёфтҳои ҳунарии шоирони гузашта ошноӣ доштааст, балки бо ихтироот ва татаббуоти худ санъати олии онҳоро дар замони худ аз нав ривоҷ дода, бо пайравӣ ва эҷодкорӣ мазмуну шакли бадеии шеърро такмил бахшидааст.

Дар заминаи нақду баррасиҳое, ки дар се фасли боби мазкур анҷом гирифт, метавон ба натиҷагириҳои зерин даст ёфт.

1. Татаббуъ яке аз шаклҳои таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодии байни шоирон буда, иқтифо, иқтидо, ҷавобгӯӣ, назирагӯӣ маънои луғавӣ ва истилоҳии онро ифода мекунад, ки бо иқтироҳ низ таносуби маъноӣ дорад.

2. Таҷрибаи эҷодии шоирони татаббуъсаро далели он аст, ки ин навъи адабӣ ҳамчун воситаи робитаи дохилии адабӣ ва таъсирпазирии шоирон аз ҳамдигар дар адабиёти форсии тоҷикӣ аз оғоз вуҷуд дошта, ба тарзу намудҳои мухталиф зоҳир гардидааст. Татаббуъ ҷузъи таҷрибаи ҳунарии шоирони давраҳои гуногун буда, ҳамчун мероси адабӣ ифодакунандаи робитаи воқеии ҳунарии шоирони татаббуъсаро ва соҳиби шеъри сармашқ низ мебошад.

3. Омилҳои лаззат бурдан аз шеъри мумтози пешин, таъсирпазирӣ аз он, гароиш ба тафаннун ва тобеият ба зебоиҳои шеъри сармашқ, худнамоӣ ва фазлфурӯшӣ, рашку ҳасад ба ҳунари шоири шеъри сармашқ, ба тақозо ва дархости мамдуҳе, дӯсте ё бузурге посух гуфтан, таориз ва замму бадгӯӣ, ҳамсабк будан бо соҳиби шеъри сармашқ ва таҷдиди сабк ва бозгашт ба роҳи тозаи ҳунарӣ дар шаклгирии таҷрибаи ҳунарӣ ва таҳаввули сохтори мундариҷавию бадеӣ ва сабкии ин навъи шеър нақши корсоз доштаанд.

4. Заминаҳои таърихӣ, омилҳои таъсиргузори пайдоиш ва инкишофи татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ, даставвал, алоқамандии аҳли дарбор бо шоирон ва гароиши онҳо ба васфи онҳо буда, ин равиш яке аз воситаҳои таъсиргузорӣ ва алоқаҳои эҷодии шоирон ва зимомдорони вақт низ мебошад, ки аз замони Рӯдакӣ ба ин тараф идома ёфта, хусусиятҳои хоси мундариҷавию шаклӣ ва бадеии ин гуна шеърро мушаххас намудааст. Ба ин далел, дар заминаи татаббуоти дар замонҳои гуногун эҷодшуда метавон ба ин натиҷа расид, ки ин навъи шеър ду рисолати муҳимро, ки ба мушкилоти таърихӣ ва адабӣ алоқаманд аст, ба миён мегузорад, ки яке ҳамзамонӣ, дигаре дарзамонӣ

(таърихӣ) буда, ҷустуҷӯҳои мушаххаси ҳунарӣ ва мундариҷавию ғоявии шоирони татаббуъсароро муайян менамояд.

5. Ба ин тартиб, татаббуъсароӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ анъанаи дерин дошта, махсусан дар асрҳои нуҳу даҳ ва баъди он зинаҳои гуногуни ташаккул ва таҳаввулро тай намудааст. Шоирони татаббуъсаро дар эҷоди ин падидаи ҳунарӣ анъанаҳои беҳтарини шоирони пешинро идома бахшида, ин равияи эҷодиро ҳамчун ҷараёни таъсирпазирӣ ва пайвандҳои адабӣ равнақ бахшидаанд. Аксари шоирони татаббуъсаро, ки таҷрибаи онҳо дар фавқ арзёбӣ шуд, пойбанди тақлиди маҳз ва ҷавоб гуфтан набуда, дар ин замина ҳам дар мундариҷа ва ҳам дар шакли ин падида тозакориҳо кардаанд, яъне онҳо дар эҷоди татаббуъ аз образҳои бадеии пешиниёни худ эҷодкорона истифода карда, ин образҳоро мувофиқи завқи бадеии замонашон корбаст кардаву инкишоф додаанд.

## Боби II. Нақши шоирони ҷудогона дар ташаккули татаббуъ

### 2.1. Татаббуоти шоирон ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ

Дар асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ шоирони зиёде ба ашъори ҳамдигар татаббуъ бастаанд, вале дар ин миён аз ҳама бештар шахсияти ҳунарӣ ва андешаву орои Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ мавриди таваҷҷуҳи муосирон ва пасомадагони онҳо будааст. Дар ҳақиқат, ҷараёни таъсирпазирӣ аз шеъри ин шоирон фаротар аз тасаввур буда, дар ин фасли боби дувуми рисола саъй намудем, ки моҳияти равиши таъсирпазирӣ ва хусусиятҳои татаббуоти баъзе шоирони ин аҳдро дар мисоли қасоиди шоирони ёдшуда ба тариқи татбиқӣ таҳқиқ ва арзёбӣ намоем. Дар ин замина нахуст мухтассоти татаббуоти баъзе шоиронро бар қасоиди Унсурӣ аз назар мегузаронем.

Унсурӣ аз симоҳои барҷастаи шеъри ин давра буда, шоирони давраҳои гуногун ба шеъри ӯ пайравӣ кардаанд. Ҳарчанд ин шоир ҳамчун, ба эътирофи Забеҳуллои Сафо, «саромади суханварони порсӣ» [159, 120] шинохта шуда бошад ҳам, вале дар бораи ӯ назарҳо якросту моҳиятбин нест. Аз ҷумла Шафеии Кадканӣ дар мақолаи «Сувари хаёл дар шеъри Унсурӣ» саҳми ӯро «дар инҳитоти шеъри форсӣ» бузург дониста, меафзояд, ки Унсурӣ «сароғози фаслест, ки санъат ва тааммул ва зеҳни мантиқӣ ҷои эҳсос ва таҷрибаи ҳиссиро дар шеъри форсӣ мегирад ва дар дунболи роҳу расми ӯст, ки шоироне аз қабили Амир Муиззӣ тамоми кӯшиши худро сарфи ин роҳ мекунанд ва шуҳрати беш аз ҳадди Унсурӣ ба устодӣ аст, ки андак-андак дар тӯли таърих тасаввури аҳли адабро нисбат ба шеър дигаргун мекунад ва ҳама ҷо сармашқи шоирӣ роҳу расми ӯ муаррифӣ мешавад». Унсурӣ, ба назари Кадканӣ, «бегумон яке аз заифтарин гӯяндагоне» будааст, ки «ба иллати надоштани диди шеърӣ ва таҷрибаи ҳиссӣ кӯшидааст, андеша ва тааммули худро дар ҷиҳате ба фаъолият водорад, ки пӯшише ба шумор равад, барои он заъфи тахайюл ва адами иститоат бар халқи тасовири шеърӣ ва то ҳадде низ дар ин кор муваффақ шудааст ва пас аз ӯ роҳ ва расмашро истеъдодҳое мушобеҳи ӯ идома додаанд» [93, 526-527]. Кадканӣ дар саросари девони Унсурӣ «як тасвири аслӣ, ки аз назари таркиб тозагӣ дошта бошад», пайдо накарда, сababи инро «дур шудан аз

ҳиссу наздикӣ ба мантиқ» медонад ва гӯё, ба фаҳми ӯ, Унсурӣ шеърро «ба назму санъату фан» [93, 527] табдил додааст. Кадканӣ Унсуриро «шоир ба ҳисоб» намеоварад ва фақат дар анҷоми мақолаи зикршуда ҳиммат карда иқрор мешавад, ки «аз ҳақ набояд гузашт, ки гоҳ қудрати назми ӯ, дар баъзе маворид, тавониста навъе ҳолати шигифтӣ дар хонанда эҷод кунад, аз қабили қасидаи:

Чист он обе чу оташу оташе чун парниён,

Бе равон тан пайкаре покиза чун бе тан равон» [93, 538].

Бар хилофи Кадканӣ тазкиранависон ва бузургони илму адаб дар фосилаи замонҳо ба шеъри Унсурӣ таваҷҷуҳи шоёне доштаанд. Муҳаммад Авфӣ шеър ва қасоиди Унсуриро сутуда, ӯро «унсури ҷавоҳири ҳунар ва ҷавҳари арзи фазл» унвон карда, сипас афзудааст, ки Унсурӣ «муқаддами шуарои аҳд ва пешвои фузалои замон...шеъри Унсурӣ мудавван аст ва арсаи фазоил ба зиннати шамоили ӯ музаййан» [4, 266]. Ҳамин тавр, назари тазкиранависони дигар, монанди Давлатшоҳи Самарқандӣ, Амин Аҳмади Розӣ, Ризоқулихони Ҳидоят ва Бегдилӣ низ доир ба Унсурӣ ва шеъри ӯ мусбат мебошад.

Аз донишмандони ғарбӣ Эдвард Браун «шуҳрат ва номи баланд» доштан ва «дар шумори шоирони бузурги аҳд» қарор доштани Унсуриро таъйид намудааст [62, 174]. Бадеъуззамон Фурӯзонфар аз таҷрибаи шеърии ӯ чунин натиҷа гирифтааст: «Унсурӣ бузургтарин устоди қасидапардоз ва мадҳсарои қарни панҷум, балки забони порсӣ аст ва то кунун бад-ин поя ва моя дар ҷазолати лафз ва рашоқати сабк ҳеҷ як аз шоирони қасидасаро бо касрат ва ида ва таваҷҷуҳ ба муориза натавонистаанд қасидае иншо кунанд» [181, 112]. Муҳаммад Ғуломризо низ ӯро «мадеҳапардозе муътадил» унвон карда, афзудааст, ки «шеъраш аз муболиғаҳои шоирони давраҳои баъд орӣ аст» [69, 81]. Ҷалол Ҳумоӣ бар ин назар аст, ки «Унсурӣ дар назари шуаро ва гӯяндагони бузурги қадим чунон ба устодӣ ва пешвоӣ мусаллам будааст, ки аз таърифи мушобеҳаташ ба худ меболида ва ин навъ таҷлилро мояи муфохирати хеш қарор медодаанд. Ва ҳақ ҳамин аст, ки Унсурӣ дар услуби қасидасароӣ бо эъмоли саноеи бадеӣ мобайни шуарои Хуросон мақоми ибтикор ва пешқадамӣ дошт» [191, 220].

Ба ин далел, мавриди таваҷҷуҳ ва истиқболи шоирони замонҳои баъд қарор гирифтани шеъри Унсурӣ ҳодисаи тасодуфӣ намебошад. Шоирони савияҳои гуногун ба шеъри ӯ татаббуъ навишта, пеш аз ҳама, ба ҳунари мазмунофаринӣ ва тасвиргариаш пайравӣ кардаанд, ки дар баъзе мавридҳо афзудаҳое аз қабили табдили лафз ё пирояҳои лафзӣ ва такаллуфоти саноеӣ дар он роҳ ёфта, ки ҳамаи онҳоро наметавон қабул кард. Баъзе аз шоирон ба сабки ӯ низ тақлид кардаанд, ки аз асл поинтар буда, ба қавли Фурӯзонфар «дараҷаи ашъори онҳо аз шеъри Унсурӣ камтар ва фурӯтар аст» [181, 75]. Вале, ба мушоҳидаи Кадканӣ, «пас аз ӯ роҳ ва равишашро истеъдодҳое мушобеҳи ӯ» [93, 527] идома ва такмил бахшидаанд. Ба ифодаи дигар, шеъри Унсурӣ дар шакли татаббуъ, истиқбол, муҷобот, тазмин ва ахзи мазомину услуб мавриди назари шоирони баъдӣ қарор гирифтааст.

Далелҳои кофиеро аз таъсири Унсурӣ ва таъсирпазирии шоирони баъдӣ аз таҷрибаи шеърии ӯ дар мисоли тарзи нигориши Қатрони Табрезӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Усмон Мухторӣ, Рашидаддини Ватвот, Сӯзании Самарқандӣ, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ ва дигарон метавон ироа дод, вале анҷоми ин кор аз доираи имкони мо берун буда, дар ин фасли рисола саъй кардем, ки баъзе паҳлуҳои татаббуоти Амир Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Азрақии Ҳиравӣ ва баъзе шоирони дигарро бар қасидаҳои Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ таҳлил ва арзёбӣ намоем.

Дар пайравӣ ба шеъри ин се шоири ёдшуда Амир Муиззӣ дар ҷои аввал меистад. Таҷрибаи татаббуъсароии Муиззӣ робитаи сареҳи ӯро ба шеъри сармашқ нишон медиҳад. Ин татаббуот пойбанди вомгирӣ ва тозакории хусусиятҳои собити сувари шеъри сармашқ, яъне шеъри Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ мебошад. Ба ин далел, дар аксари татаббуоте, ки Амир Муиззӣ ба қасоиди Унсурӣ ва шоирони дигар навиштааст, миқдори абёт ва қавофӣ ҳамон аст, ки дар қасидаи сармашқ вуҷуд дорад. Ҳамчунин, аз назари таркиби зоҳирии шеър низ татаббуоти Амир Муиззӣ ба асл наздик буда, унсурҳои дигаре низ дорад, ки ошкоро ба сармашқ ишора мекунад, монанди нақли бахше аз асл ё

истифода аз тасвирҳои бадеии он ё зикри номи шоире, ки шеъраш мавриди пайравӣ қарор гирифтааст.

Вақте татаббуоти Амир Муиззиро бар қасоиди Унсурӣ қиёсан аз назар мегузаронем, метавон ба ин натиҷа расид, ки ҷавобҳои ӯ тақлиди сирф набуда, балки эҷоди шеъре дигар дар такя ба сармашқ аст. Андешаи зерини Е.Э. Бертелс низ дар ин боб қобили мулоҳиза мебошад: «Асоси ҷавҳараи ин падида ба ҳеҷ вақт тақлид нест, балки бештар аносири тозае аст, ки шоир барои парварондани мазмун пеш меоварад. Илова бар он, ин тағйирот ғолибан ба дигаргунии решаӣ ва асосӣ дар мафҳум мунҷар мешавад» [55, 115]. Е. Э. Бертелс ин андешаро дар бораи маснавӣ баён кардааст. Аммо Абдулғанӣ Мирзоев бар ин бовар будааст, ки «Ин панҷ ғазал [аз Саъдӣ, Амир Хусрав, Ҳофиз, Камол ва Биноӣ-шарҳи мо] вижагиҳои суварии муштараки зиёде – вазн, қофия, радиф ва низ муҳтавои ошиқона, ки хоси шеъри риндона аст, доранд. Дар айни ҳол, бо он ки ҳама дар мавзуи мушобеҳанд, аз ҷиҳати зарофатҳои ҷадид дар маонӣ, маҳорати ҳунарии сатҳи боло ва равиши байнии хос бо якдигар тафовут доранд» [105, 33].

Вақте татаббуоти Амир Муиззиро бар қасоиди Унсурӣ аз назар мегузаронем, метавон бе ҳеҷ шакке ба ин натиҷа расид, ки «ҷавоби муваффақ ҳам намудори маҳорат ва устодии бештари шоири муқаллид нисбат ба шоири мавриди тақлид аст» [84, 37]. Агар шоир дар эҷоди шеъри татаббуӣ номуваффақ бошад, заъфи ӯро ҷанбаи хоссе аз суннати шеърӣ, ки сарояндаи шеъри сармашқ ироа кардааст, нишон медиҳад.

Ба ин далел, татаббуи қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ барои Муиззӣ фақат пайравӣ ба тарзи нигориши шоирони зикршуда набуда, балки ба таври эҷодӣ пазируфтани суннатҳои беҳтарини сабки қасидасароии замони ин шоирон низ мебошад. Ба ифодаи дигар, Амир Муиззӣ дар симои шоирони мавриди назараш шоиреро медид, ки суннатҳои беҳтарини қасидасароиро, ки дар як муддате таназзул ёфта буд, аз нав зинда карда, ин равияро дар замони худ бо тарзи хоси қасидасароӣ илқо ва тарғиб намуд. Амир Муиззӣ маҳз ҳамин равишро дар татаббуоташ пайравӣ карда, устодии худро аз ҷиҳати сабк ва

офаридани образҳои бадеӣ собит намудааст. Ба андешаи мо, омили асосии гароиши эҷодкоронаи Амир Муиззӣ ба тарзи нигориши Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ маҳз ҳамин мебошад. Нахуст барои таъйиди андешаҳои ироашуда пораи зерро аз қасидаи Муиззӣ аз назар мегузаронем:

Бандаи мухлис Муиззиро ба фарри бахти ту

Аз футуҳи ту ҳазорон дафтару девон бувад.

Унсурӣ Маҳмудро гуфтаст шеъре ҳамчунин,

«То ҳаме ҷавлони зулфаш гарди лоластон бувад».

Он қасида шоиронро гар нигори дафтар аст,

Ин қасида шаҳриёронро нигори ҷон бувад [31, 144].

Ба назари мо, Муиззӣ таъкид бар он дорад, ки беҳуда татаббуи Унсурии Балхӣ накардааст, балки он қадар маонии латиферо, ки дар ашъори ин шоир ҳаст, дар татаббуоти худ низ падид овардааст. Воқеан, Муиззӣ дар татаббуи қасоиди Унсурӣ, пеш аз ҳама, пойбанди ба коргирии лафзи саҳлу равон ва иборати азбу латиф буда, ба ин васила таъсири шеърашро афзун сохтааст. Бахусус, вай дар татаббуоташ ба қасоиди Унсурӣ бар суҳулати лафз бештар такя карда, бовар дорад, ки «дар дилҳо фузун бошад ҳаловат лафзи осонро» [31, 243].

Амир Муиззӣ дар шахси Унсурӣ шоиреро медид, ки суннатҳои волои қасидасароии гузаштагонро аз нав зинда намуда, ин равияи ҳунариро ба воситаи қасидаҳояш ташаккул ва таҳаввул бахшидааст. Муиззӣ маҳз ҳамин тамоюли ҳунарии Унсуриро пайравӣ карда, бо тарзи нигориш ва офаридани тасвирҳои бадеӣ татаббуоти худро такмил бахшидааст, ки яке аз намунаҳои беҳтарини он татаббуи қасидаи Унсурӣ «Дар мадҳи Яминуддавла Маҳмуди Ғазнавӣ» мебошад. Ин қасидаи Унсурӣ бо пораи зайл оғоз меёбад:

Боди наврӯзӣ ҳаме дар бӯстон бутгар шавад,

То зи сунъаш ҳар дарахте луъбате дигар шавад.

Боғ ҳамчун кулбаи баззоз пур дебо шавад,

Бод ҳамчун таблаи аттор пур анбар шавад... [23, 17-19].

Унсурӣ ин қасидаашро дар мадҳи Маҳмуд суруда, Амир Муиззӣ дар пайравӣ ба он Хоҷа Низомиддин Абулфатҳ Музаффар Фахрулмулк ибни Хоҷа Низомулмулкро мадҳ кардааст. Татаббуи Амир Муиззӣ бо пораи зер оғоз меёбад:

Омад он фасле, к-аз ӯ табъи ҷаҳон дигар шавад,

Ҳар замин аз санъати ӯ осмонпайкар шавад.

Боғ аз ӯ монанди суратхонаи Монӣ шавад,

Боғ аз ӯ монанди луъбатхонаи озар шавад... [31, 131-132].

Муиззӣ дар татаббуи худ бар қасидаи Унсурӣ бештар ба шакли бадеӣ ва сабки шеър пайравӣ кардааст. Чунонки аз мундариҷаи қасидаи Унсурӣ ва татаббуи Муиззӣ бармеояд, дар онҳо монандиҳое дар мазмун ба назар расад ҳам, дар тарзи баён ва фарогирии мавзуъ тафовути зиёде дида мешавад. Қасидаи Унсурӣ бештар хусусияти тасвирӣ дошта, мантиқ ва муҳокимаи ақлонӣ дар он мавқеи асосӣ дорад. Унсурӣ дар қасида бештар ба баёни андеша ва қиёсоти фалсафиву ахлоқӣ ва аносири сарнавишти инсон-мамдуҳ диққат дода, ба қавли Шафеии Кадканӣ «ба ҷои ин ки аз ҳис ва таҷрибаи ҳиссӣ ва нерӯи тахайюл ёрӣ талабад, аз ақл ва зеҳни мантиқӣ кумак мегирад» [93, 527].

Дар қасидаи зикршуда Унсурӣ тавонистааст, ки ба василаи тасвирҳои ҳолнамо ва корбурди истиораву ташбеҳот дар хонанда навъе ҳолати шигифтӣ ба вуҷуд оварад, ки Амир Муиззӣ аз ин тарзи тасвири ӯ таъсир пазируфтааст. Ба ифодаи дигар, Амир Муиззӣ бештар ба сабк ва тарзи тасвири Унсурӣ пайравӣ карда, андешаҳояшро, ки ҷанбаи ахлоқӣ ва маърифатӣ доранд, нисбатан содаву ҳамафаҳм ифода намудааст, ки аз хусусияти асосии татаббуоти ӯ мебошад. Агар қасидаи Унсурӣ сиву ду байт бошад, татаббуи Амир Муиззӣ сиву ҳашт байт аст. Ҳам қасидаи Унсурӣ ва ҳам татаббуи Амир Муиззӣ вазн, қофия ва радифи ҳамсон доранд, ки бар робитаи тафаккури бадеии ҳар ду аз лиҳози сохтори шеър вобаста мебошад. Амир Муиззӣ аз қасидаи Унсурӣ хасоиси собити суварии шеърро вом гирифта бошад ҳам, вале дар ифодаи мазмун бозпардозӣ карда, илова ба ин, шоир ба сохтори зоҳирии шеъри сармашқ такя кардааст. Чунонки аз матни ҷавоби Амир Муиззӣ бармеояд,

аносири дигаре низ дар татаббуи ӯ ҳаст, ки ошкоро ба сармашқ ишора мекунад, аз қабили тобеият ба мазмуни асл, истифода аз ибдооти балоғии он ва зикри номи муаллифи сармашқ, яъне Унсурӣ дар матни татаббуъ.

Ба ин тартиб, миёни қасидаи Унсурӣ ва татаббуи Амир Муиззӣ мушаххасоти мундариҷавию сохторӣ ва умумиятҳое ҳаст, ки зери таъсири суннатҳои барҷои ин равияи эҷодӣ ва фардияти ҳунарии ин ду шоир шакл гирифтааст. Ин хусусият дар татаббуоти дигаре, ки Амир Муиззӣ бар қасоиди Унсурӣ гуфтааст, низ мушоҳида мешавад. Ин ҳамон роҳу равишест, ки шоирон пеш аз Унсуриву Муиззӣ дар амалӣ кардани таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодӣ паси сар кардаанд ва ҳамчун анъанаи адабӣ зинаҳои гуногуни ташаккулу таҳаввул ва инқирозро тай намудааст.

Чунонки дар фавқ зикр намудем, ба шеъри Унсурӣ шоирони зиёде пайравӣ кардаанд, ки якеи дигари онҳо Қатрони Табрезӣ мебошад. Шавоҳиди фаровонеро аз таъсирпазирии Қатрон аз Унсурӣ метавон ироа дод, ки барои он як китоби ҷудогона навиштан лозим меояд. Дар ин ҷо кӯшиш мекунем, то ба ихтисор аз равиши пайравии Қатрон ба шеъри Унсурӣ чанд сухан гӯем.

Тарзи нигориши Қатронро донишмандон ба сабки Унсурию Фаррухӣ монанд ва маониву афкори ин дуро дар шеъри вай ба мушоҳида гирифтаанд. Чунончи, Қатрон дар эҷоди рубоии

Се чизи туро се чиз додааст ҷамол,
Худро хату зулфро гулу ораз хол.
Се чизи ман аз се чиз бурдааст мисол,
Дил аз оташу чашм аз обу дида аз хол (92, 178).

– ба рубоии Унсурӣ:
Се чиз бибурд аз се чизи ту висол,
Аз рух гулу аз лаб мулу аз рӯй ҷамол.
Се чиз бурд аз се чизам ҳама сол,
Аз дил ғаму аз рух наму аз дида хаёл (23, 43).
– пайравӣ карда, аз мазмуни он истифода кардааст.

Қатрон қасидае дорад, ки бо байтҳои зер:

Зи баҳри хидматаш овард шаҳриёри Арон,

Сипоҳи хеш барои набард баста камар.

Яке ба тир фикандан ба сони Ораши нев,

Яке ба даръ даридан ба сони Рустами зар (92, 178).

– оғоз шуда, дар пайравии қасидаи Унсурӣ суруда шудааст, ки чанд байти онро иқтибос менамоем:

Замин зи лашкари ӯ мавҷи сабзи дарё буд,

Зи гарди эшон гетӣ сиёҳу рӯз ағбар.

Ҳама сияҳдилу оташҳисому рӯйинтан,

Муҳибрӯю балофеълу Аҳриманпайкар.

Ҳама замин ҷигару кӯҳ сабру соиқа теғ,

Сипеҳр тохтану бод гарду абр сипар... (23, 76).

Қатрон чанд қасидаи дигар низ дорад, ки дар татаббуи қасидаҳои Унсурӣ навиштааст. Масалан, қасидаеро, ки бо матлаи

То ба ҷон дар ақл бошад беҳ то тан дар ҷон бувад,

Ҷону танро аз лаби ҷому лаби ҷонон бувад.

– сар мешавад, дар пайравии қасидаи Унсурӣ гуфтааст, ки байти зер намунаи он мебошад:

То ҳаме чавлони зулфаш гарди лоластон бувад,

Ишқи зулфашро ба гирди ҳар диле чавлон бувад (92, 179).

Ҳамин тавр, Қатрон дар пайравии Унсурӣ қасидаҳои зиёде гуфта, дар бисёр ҳолатҳо мазмун ва вожаву ибороoти тасвирии шеъри Унсуриро аз худ кардааст, ки ҷанбаи тақлидӣ ва сирқатро дар шеъри ӯ афзоиш додааст.

Шоири дигаре, ки аз пайравони чирадасти Унсурӣ мебошад, Азрақии Ҳиравӣ аст. Саид Нафисӣ дар бораи вай менависад: «Дар ин ки Азрақӣ дар шеър пайравӣ аз сабки Унсурӣ мекардааст, шакке нест ва дар ашъори хеш низ гузашта аз шабоҳати лафзӣ ва маънавӣ ишороте чанд дорад. Қатъан, Унсурӣ ба ҷуз ашъоре, ки аз вай ба мо расидааст, суханони фаровони дигаре дошта ва ин нусхаи мавҷуд аз девони ӯ мунтахабе аз ашъори ӯст, чунонки дар китобҳо гоҳе

ба ашъоре бармехӯрем, ки дар нусхаи роиҷи девони ӯ нест. Азрақӣ пайдост, ки нусхаи комиле аз девони Унсурӣ доштааст ва на танҳо дар ашъори худ чаҳор бор ном аз ӯ бурдааст, балки матолибе аз ашъори Унсурӣ гирифтааст, ки дар нусхаҳои роиҷи имрӯз нест, аз он ҷумла дар қасидае дар мадҳи Туғоншоҳ мегӯяд:

Ҳазор ҷой фузун гуфт Унсурӣ, ки малик

Ба рӯзи ҷанг беҳ омад зи хону Чипол.

Зи давлати падарони ту сад ҳазор малик

Нагун шуданд чу Чиполу хон ба рӯзи қитол...» [92, 180].

Азрақӣ дар эҷоди ин қасида ба қасидаи Унсурӣ пайравӣ кардааст, ки байтҳои зер аз он мебошад:

Агар ба турк бикованд машҳади Айлак,

В-агар ба Ҳинд биҷӯянд дахмаи Чипол.

Зи хоки тира хурӯши ҳазимате ҳаме шунаванд,

Чунонки з-ӯ ба замин андар уфтад зилзол (92, 180).

Шоирони дигаре мисли Абулфараҷи Рунӣ, Масъуди Саъди Салмон, Усмон Мухтории Ғазнавӣ, Рашидаддини Ватвот ва ғайра низ аз шеъри Унсурӣ истиқбол карда, татаббуоте таъсиргузор сурудаанд, ки дар мазмун ва тарзи нигориш тозагиҳое дошта, баҳс дар бораи татаббуоти онҳо аз доираи кори мо берун аст

Ҳоло дар заминаи он чи гуфта шуд, метавон хулоса кард, ки татаббуоти шоирони дар боло ёдшуда ба шеъри Унсурӣ, бахусус қасидаҳои ӯ, фақат пайравӣ ё тазмини ашъор набуда, балки ифодакунандаи андешаву оро ва тарзи хоси тасвир ва нигариши соҳибони татаббуъҳо ба воқеияти зиндагӣ ва сарнавишти мамдуҳонашон низ мебошад.

Шоири дигаре, ки осораш, бахусус қасоидаш дар таҳаввули татаббуъ нақши муҳим гузоштааст, Фаррухии Систонӣ мебошад. Аз шеъри Фаррухӣ шоирони зиёде, аз ҷумла муосирон ва баъдиниёни ӯ истиқбол кардаанд. Нахуст дар бораи татаббуоти Муиззӣ ба қасоиди ӯ баъзе мулоҳизаҳоро баён менамоем.

Истиқболи Амир Муиззӣ аз шеъри Фаррухӣ ва пайравӣ ба қасоидии ӯ ҳодисаи тасодуфӣ набуда, даставвал ба робитаи зеҳнӣ ва ҳунарии ин ду шоир рабт мегирад. Ба ифодаи дигар, аз оғоз Амир Муиззиро низ мисли қасоиди Унсурӣ, хусусияти «саломат ва фасоҳати осон ва саҳл»-и [202, 544] тарзи нигориши Фаррухӣ, «шириниву равонии баёни саҳли мумтанеи ӯ ...мусиқии латифу хушоҳанге, ки дар содагии алфоз ва зебоии маонии каломи» [76, 41] вай эҳсос мешавад, ба худ ҷалб карда, ниҳоят ба яке аз пайравони содиқ ва ҳунарманди равиши ҳунариаш табдил медиҳад.

Аксари муҳаққиқон, аз ҷумла Дабири Сиёқӣ девони Фаррухиро «аз оғоз то анҷом якдаст ва якнавохт, латиф ва мулоим, баланд ва бадеъ» дониста, афзудааст, ки шеъри ӯ «ҷӯйборест бо замзамаи ҷонфазо ва ба гӯш хушоянд, софу поку гуворо, дар мадҳу тағаззул ва ташбиб ҳама ҷо мулоим ва латиф ба чашм мехӯрад ва содагии баёну расоии калимот ва ҳамоҳангии ҷумал гӯшро навозиш ва танро фарбеҳӣ мебахшад, агар бихоҳанд «латофати шеъри форсӣ»-ро ҳар чи дақиқтар ва васеътар тавсиф кунанд, беҳтар аст, ба «шеъри Фаррухӣ» иқтисор шавад ва ин ки Рашиди Ватвот гуфт: Фаррухӣ аҷамро ҳамчунон аст, ки Абуфарос арабро ва ин ҳар ду фозил суханро саҳл ва мумтанеъ мегӯянд қавлест, ки ҷумлагӣ бар онанд» [24, 3-4].

Амир Муиззӣ ва баъзе шоирони дигарро маҳз ҳамин тамоюли ҳунарӣ мутаваҷҷеҳ, пайрав ва эътиқодманди таҷрибаи шеърии Фаррухӣ сохта ва дар ҳамин замина онҳо бо Фаррухӣ табъ озмуда ва татаббуоташон мисли қасоиди Фаррухӣ кайфияте хос, ибтикорот ва ташбеҳоти тозаву бадеъ ва андешаҳои борику фаровон доранд. Нахуст ба таври татбиқӣ татаббуоти Муиззиро ба қасидаҳои Фаррухӣ аз назар мегузаронем. Он чизи бунёдие, ки Муиззиро мафтуни таҷрибаи шеърии Фаррухӣ сохтааст, абёте сода ва тасвирҳое аз ҳар гуна таъкиду ҳашв барканори ӯ будаанд. Ба қавли Дабири Сиёқӣ, Фаррухӣ «деҳқонест сухангӯй, ки бе такаллуф, аммо расову балеғ ва пурмаънӣ табъ озмуда ва дар ин содагӣ ва равонии услуб назм ва қавонини балоғатро дар сурати муҳовара ба наҳви акмал муроот карда, вай содасарой ва равонгӯй аст ва

шеъраш низ сода ва равон ва бар мавозини балоғӣ ва асолиби назмӣ мунтабиқ, бад-ин ҷиҳат беҳгузин кардани ашъори Фаррухӣ коре душвор аст» [24, 4].

Чунонки ба мушоҳида расид, бар хилофи гумони баъзе муҳаққиқон, «пешаи асосии» Фаррухӣ «мадеҳагӯӣ» набуда, дар қасоиди ӯ, бахусус дар тағаззулоташ масоили зиндагии инсонӣ, ахлоқ, тасвири баҳор, майю маъшуқ, васфи Наврӯзу Меҳргон ва Сада барин ҷашнҳои мардумӣ ҷойгоҳи хос доранд. Ӯ, бахусус, дар тасвири табиат маҳорати хос дошта, шоир бо камоли ҳунар зебоӣ ва нозукиҳои табиатро зиндаю диққатангез ба тасвир кашидааст, ки хонандаро мутаассир ва пойбанди зебоиҳои табиат месозанд. Амир Муиззӣ маҳз равиши зикршудаи консепсияи ҳунарӣ ва тарзи қасидасароии Фаррухиро пайравӣ кардааст, ки аз ин рӯ бисёре аз татаббуоти ӯ аз ҷиҳати мавзуъ ва руҳия ба қасидаҳои Фаррухӣ қаробат доранд. Вале тарзи тасвири мавзуъ ва ҳалли бадеии он дар ҳар ду шоир гуногун буда, равиши ҳунарии пешгирифтаи онҳо куллан ба ҳам монанд намебошад.

Дар девони Муиззӣ қароине ба назар мерасад, ки далели таваҷҷуҳи бевоситаи ӯ ба шеъри Фаррухӣ мебошад. Аз ҷумла аз абёте, ки дар оғози қасидае дар мадҳи Амидуддавла Ҷамшед ибни Баҳманёр вазири Форс ва Исфаҳон ва баъзеи дигар овардааст, маълум мешавад, ки вай ба шеър ва тарзи нигориши ин шоир назари хоссе доштааст, ки байтҳои зер аз он қасида мебошад:

Баромад соҷгун абре зи рӯйи соҷгун дарё,

Бухори маркази хоке, ниқоби қуббаи хазро.

Чу пайвандад ба ҳам гӯӣ, ки дар дашт аст симобе,

Чу аз ҳам бигсалад гӯӣ магар киштист дар дарё [31, 40].

Ин қасидаро Амир Муиззӣ дар ҳамон вазну қофия ва оҳангу зарби қасидаи нахустини девони Фаррухӣ, ки дар мадҳи Яминуддавла султон Маҳмуд ибни Носируддин Сабуктегини Ғазнавӣ сурудааст, эҷод карда, ки пораи зер ҷузъе аз он мебошад:

Баромад пилгун абре зи рӯйи нилгун дарё,

Чу рои ошиқон гардон чу таби бедилон шайдо.

Чу гардон гашта селобе, миёни об осуда,

Чу гардон гирдбоди тундгарде тира андар во... [24, 16].

Муқоисаи абёти иқтибосшуда, ки бо васфи Фаррухӣ аз абр оғоз мешавад, намоёнгари кайфияти таъсирпазирии Муиззӣ аз қасидаи Фаррухӣ мебошад, ки дар шакли татаббуъ анҷом гирифта, хусусиятҳои хосси мундариҷавӣ ва сохтории ин гуна осори ӯро муайян менамояд. Байтҳои зикршуда, ки аз қисмати тағаззули қасидаҳои ҳар ду шоир интихоб шудаанд, далели он аст, ки дар тарҳрезии тағаззул Муиззӣ ба тарзи Фаррухӣ назар доштааст.

Фаррухӣ дар бештарини мадҳияҳояш, аз ҷумла қасидаи ёдшуда, нахуст манзараҳои табиатро аз баҳору хазон, субҳу шом [шаб], осмону марғзор ва абру руд тавсиф карда, сипас аз султон, вазир ё амир ёд мекунад, бузургиҳову бузургвориҳои ин тоифаро бо баёни муболиғаомез меситояд ва дар охир онҳоро дуо карда, ниёзмандии худ ва гоҳо силаталабишро низ ошкоро баён менамояд. Илова ба ин, вай баъзе қасидаҳояшро бидуни муқаддима аз мадҳ шуруъ карда, дар он овардани тавсифотро лозим намедонад. Инҳо ҳамон қасидаҳоест, ки дар ситоиши фатҳи бузурги султон дар ҷанги маъруфе ё воқеаи муҳимми таърихии маргу зисти мамдуҳ суруда шудаанд.

Аз татаббуи Муиззӣ бар қасидаҳои Фаррухӣ бармеояд, ки ӯ на фақат аз пайравони содиқи тариқати шоирии ӯ будааст, балки ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб, «дар тасвири зебоиҳои табиат ва зебоиҳои башарӣ» тавфиқ ҳам ёфтааст. Беш аз ин, ҳамин равиши тасвиргарӣ «ба тағаззулҳои ӯ гаҳ-гоҳ таровати эҳсосро ҳам меафзояд ва бо ин ҳама чун ба иқтизои тааҳҳуди ҳирфаӣ васфи табиат ё ташбиби ошиқона барои ӯ ҳамвора муқаддимае барои вуруд ба мадоеҳ ва дарвоқеъ баҳонае барои қудратнамоӣ дар ҳирфаи шоирист», ки татаббуоташро саршор аз эҳсоси воқеӣ кардааст [76, 117].

Ба ин тартиб, Амир Муиззӣ тарзи вуқуънигории Фаррухӣ ва содагию фаҳмрасии интихоби унсурҳои тасвир аз ҷониби вайро пайравӣ карда, такмил ҳам бахшидааст. Анқариб ҳамаи образҳо, мавзуъ ва суннати сохтории қасидаи Фаррухиро Амир Муиззӣ дар татаббуъаш идома додааст, ки онро наметавон такрори маҳз номид.

Аксари муҳаққиқон ҷавоб ё татаббуи муваффақро, пеш аз ҳама, «намудори маҳорат ва устодии бештари муқаллид нисбат ба шоири мавриди тақлид» [84, 37] ба шумор овардаанд. Татаббуоти Амир Муиззӣ бар қасидаҳои Фаррухӣ намунаи ҳамин гуна таъсирпазирии шоир аз шеъри сармашқ мебошад. Ба ин далел, мазмуну мундариҷа ва сохтори шаклии қасидаҳои Фаррухӣ ва татаббуоти Амир Муиззиро ба ҳам муқоиса карда, метавон ба хулосаҳои зер омад:

а) мусиқии шеър: вазн ва оҳанги ягона;

б) теъдоди абёт ва қавофии монанд бо андаке тафовути миқдории қасидаи Фаррухӣ аз татаббуи Амир Муиззӣ (қасидаи Фаррухӣ иборат аз сад байт буда, қавофии татаббуи Амир Муиззӣ гоҳо такрори қофияи қасидаи Фаррухӣ мебошад, монанди, кӯҳсор, марғзор, чанор, рӯзгор, Исфандиёр ва ғайра);

в) қофияҳои хос дар ҳар ду асар: аз Фаррухӣ – вор, бофсор, ор, Қандаҳор; аз Амир Муиззӣ – қор, ясор, иқтисор, номвор ва ғайра.

Ҳамчунон ки ишора шуд, шоирони дигар, аз ҷумла Масъуди Саъди Салмон ва Азрақӣ низ ба қасоиди Фаррухӣ татаббуъ гуфтаанд, ки намунааш қасидаи ӯ дар мадҳи Яминуддавла Султон Маҳмуд ибни Насируддин Сабуктегини Ғазнавӣ мебошад, ки байтҳои зер аз он аст:

Баромад пилгун абре зи рӯйи нилгун дарё,

Чу рои ошиқон гардон чу табъи бедилон шайдо.

Чу гардон гашта селобе, миёни об осуда,

Чу гардон гирдбоди тундгарде тира андар во.

Бибориду зи ҳам бигсасту гардон гашт бар гардун,

Чу пилони пароканда миёни обгун саҳро... [24, 16].

Ин қасидаи Фаррухиро Масъуди Саъди Салмон ва Азрақӣ истиқбол намудаанд. Татаббуи Азрақӣ бо байтҳои зер оғоз мешавад:

Чӣ ҷурм аст ин ки ҳар соат зи рӯйи нилгун дарё,

Заминро соябон бандад ба пеши гунбади Хазро.

Чу дил боло бувад бошад ба чашмаш об дар пастӣ,

Чу дар пастӣ бувад бошад ба комаш дуд бар боло.

Гаҳе аз домани дарё шавад бар гӯшаи гардун,

Гаҳе аз гӯшаи гардун равад зи домани дарё **[72, 122].**

Матлаи татаббуи Масъуди Саъди Салмон бо байтҳои зайл шуруъ мешавад:

Сипоҳи абри найсонӣ зи дарё рафт бар саҳро,

Нисори лулуи лоло ба саҳро бурд аз дарё.

Чу гарде к-аш барангезад суми шабдези шоҳаншаҳ,

Зи рӯйи маркази ғабро ба рӯйи гунбади Хазро.

Гаҳе монандаи дуде мусаттаҳ дар ҳаво шаклаш,

Гаҳе монандаи кӯҳе муаллақ гашта андар во... [72, 123].

Дар татаббуи Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон воситаҳои тасвир, аз ҷумла забон барои шинохт ва дарёфти ҷаҳони воқеъ ба кор рафтааст, ки ҷанбаи таомулии иҷтимоӣ дорад. Илова бар ин, дар сохтори мундариҷавии ҳар ду татаббуъ ҳам Азрақӣ ва ҳам Масъуди Саъди Салмон аз воситаҳои забонӣ, монанди мубтадо, хабар, сохти иттилоотӣ ва авомили ғайри сохторӣ, назирӣ ирҷоъ, ҳазф, ҷойгузинӣ, адоти рабт ва инсиҷоми вожагонӣ ҳунармандона истифода карда, паёми худро ироа кардаанд, ки ба паёми Фаррухӣ монанд набуда, тозагиҳо дорад.

Татаббуи Азрақӣ бо хусусияти хоси сохтори мундариҷавӣ ва тасвирӣ аз татаббуи Масъуди Саъди Салмон фарқ дорад, ки фароянди робитаӣ аз ҷумлаи он мебошад. Дар миёни ашъори мазкур Азрақӣ танҳо шоире аст, ки аз фароянди рафторӣ низ истифода кардааст, ки ин фароянд ба фароянди моддӣ наздик аст. Фароянди моддӣ ва рафторӣ дар татаббуи Азрақӣ фарогири маънӣ буда, шоир бо бакоргирии онҳо бар вуқуи рухдод ва таъсири он беш аз ҷанбаҳои дигар, монанди васф, таъкид дорад ва аз тариқи ин фароянд талош кардааст ба рухдод бештар айният бубахшад. Набудани фароянди зеҳнӣ дар ҳар ду татаббуъ далели ин аст, ки суруда ба тафсир ва таъвили зеҳнии хосе эҳтиёҷ надорад ва маониии шеър равшан ва сареҳ аст. Чунонки мулоҳиза мешавад, Азрақӣ дар миёни шоирони мазкур аз фароянди ҳунарӣ бештар суд бурдааст. Дар ин равиш татаббуи Масъуди Саъди Салмон нуқтаи муқобили Азрақӣ аст. Миқдори фарояндҳои ҳоловари татаббуи ӯ бо фароянҳои Азрақӣ як бошад ҳам,

сохтори бадеии фароядҳои вай фақат бар асоси фароянди робитаӣ бино шудааст. Ба тавре ки аз се ду ҳиссаи онҳо фароянди робитаӣ буда, аксари абёти татаббуъ аз ду фароянди робитаӣ бархӯрдоранд. Бештари ин фароядҳо аз навъи васфӣ аст. Масъуди Саъди Салмон дар миёни ин шоирон танҳо касе аст, ки дар ин бахш аз фароянди зеҳнӣ суд ҷустааст ва татаббуи ӯ афзалияти маънавӣ пайдо кардааст, ки далели ҳунари тасвиргарии ӯ мебошад [72, 70-71].

Аз татаббуоти бар қасидаҳои Фаррухӣ сурудаи Муиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон бармеояд, ки онҳо на фақат аз шеъри ин шоир содиқона истиқбол кардаанд, балки дар тасвири зебоиҳои табиат ва муҳити иҷтимоӣ тавфиқ ҳам ёфтаанд. Амир Муиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон тарзи вуқуънигории тасвири Фаррухиро пайравӣ карда, суннати сохтори мундариҷавӣ ва бадеии қасидаи Фаррухиро дар татаббуоташон идома додаанд, ки онро наметавон сирқат ё такрори маҳз номид.

Амир Муиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон аз зумраи гӯяндагоне ҳастанд, ки воқеан ҳам, ба усули тасвири Фаррухӣ, бахусус дар тасвири табиат сахт пайравӣ кардаанд. Вале ин пайравӣ ё худ истиқбол билкул такрори роҳу равиши Фаррухӣ набуда, тозакориҳо низ дорад. Масалан, дар татаббуи зикршуда шоирони баъдӣ дар пайравии Фаррухӣ унсури табиат – дарё ва гардунро бо аъмоли мамдуҳ муқоиса мекунанд, ки диди моҳиятҷӯи онҳоро низ ифода мекунад. Новобаста ба он ки мухотаби ин шоирон кист, дар ин замина тасвирҳоеро илқо кардаанд, ки ҳолатҳо ва мушкилоти зиндагиро ба миён мегузоранд. Байтҳои зер намунае аз ин гуна тасвирҳои ҳар се шоир аст:

1. Аз Муиззӣ:

Ба ҷунби дасти ӯ дарё намояд хоки бебахшиш,

Ба ҷунби рои ӯ гардун намояд танги бепаҳно [18, 94].

2. Аз Азрақӣ:

Сипоҳашро барангезад ба дарё барзанад ғорат,

Масофашро бипайвандад ба гардун бар кунад ғавғо [72, 54].

3. Аз Масъуди Саъди Салмон:

Замини хушк шуд серобу боғи зард шуд ахзар,

Ҳавои тира шуд рушан ҷаҳони пир шуд барно [72, 87].

Мазмуну мундариҷа ва сохтори шаклии қасидаи Фаррухӣ ва татаббуоти Амир Муиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмонро ба ҳам муқоиса карда, метавон хулоса кард, ки онҳо аз ҷиҳати мундариҷа ва сохтори забонӣ аз ҳам фарқ дошта, мустақилияти ҳунарии ҳар чаҳор шоирро дар шинохт ва тасвири воқеият ва манзараҳои атроф собит менамояд.

Аз таҳлилҳои дар фавқ анҷомгирифта метавон ба хулоса омад, ки Амир Муиззӣ, Азрақӣ ва Масъуди Саъди Салмон аз чеҳраҳои намоёни шеъри форсии тоҷикӣ буда, дар пайравии шоири тавоное, чун Фаррухӣ низ маҳорат ва тозаҷӯиҳои худро нишон додаанд, ки ифодагари ҷустуҷӯҳои мундариҷавӣ ва бадеии онҳо дар татаббуъсароӣ мебошад. Ин шоирон дар татаббуоташон бар қасидаҳои Фаррухӣ, пеш аз ҳама, ба сабк ва оҳанги умумии қасида пайравӣ кардаанд, ки дар ҳифзи сабк ва зарбу оҳанги шеъри сармашқ нақши асосӣ дорад.

Асҷадии Марвазӣ савумин шоирест, ки Амир Муиззӣ дар қатори Унсуриву Фаррухӣ ба қасоиди ӯ низ пайравӣ карда ва дар ин замина татаббуоти ҷолибе эҷод намудааст. Вай дар татаббуи қасоиди Асҷадӣ, пеш аз ҳама, мутаваҷҷеҳи лафзҳои бадеъу васфҳои эъҷобӣ будааст (Бад-ин қасида сазад гар зиёдатӣ ёбам, Ки лафзҳош бадеъ асту васфҳош эъҷоб)» [31, 58].

Ба қавли Тоҳирӣ Шаҳоб, «осори Асҷадӣ ба қадре мавриди таваҷҷуҳи асотиди сухани бостон будааст, ки ағлаби шуаро ба иқтифои қасоиди ӯ ба ҳамон вазн чакома месуруданд» [25, 16], ки Амир Муиззӣ аз ҷумлаи онҳо будааст. Ин шоири шеъри содаву равон аз оғоз ба тарзи нигориши Асҷадӣ таваҷҷуҳи хос дошта, ба шеъри ӯ пайравӣ кардааст. Вай дар қасидаи«Дар мадҳи Хоҷа Шаҳобиддин Абубакр Абдуллоҳ Муайидулмулк ибни Хоҷа Низомулмулки Тусӣ» ин равиши ҳунариашро ёдовар шуда, аз ҷумла нигоштааст:

Ба вазну қофият он, ки Асҷадӣ гӯяд:

«Ғуломвор миён баставу кушода ниқоб» [31, 58].

Вале таҳлилҳои муқоисавӣ нишон медиҳад, ки Амир Муиззӣ фақат «ба вазну қофият»-и шеъри Асҷадӣ пайравӣ накарда, балки сохтори мундариҷавӣ ва бадеии осори ин шоир низ мавриди таваҷҷуҳи ӯ будааст. Нуктаи аввали қобили таъкид ин аст, ки усули нигориши Амир Муиззиро дар татаббуоташ ба шеъри Асҷадӣ, пеш аз ҳама, лавозими аслӣ ва фаръии сохтори мундариҷавӣ ва бадеии татаббуъ шакл додааст. Дар таҷрибаи шеърии ӯ қолаби яксон, баҳру вазн ва қофияву радифи яксон воситаи аслии шаклдиҳии сохтори татаббуъ мебошад. Ҳамчунин, гоҳо лавозими фаръӣ, аз қабили мавзуи воҳиди мадҳӣ, ташбиби ҳамсон, корбурди саноеи бадеии ҳамсон, мисли истиора, муболиға, таҷнис, эънот ва ғайра низ аз лавозими мундариҷавӣ ва бадеии татаббуоти ӯ будааст, ки аксаран огоҳона ва ҳунармандона ба кор гирифтааст.

Аз миёни татаббуоте, ки Амир Муиззӣ ба ашъори Асҷадӣ бастааст, нахуст аз қасидаи тӯлонии ӯ «Дар мадҳи Хоҷа Шаҳобуддин Абубакр Убайдуллоҳ Муидулмулк ибни Хоҷа Низомулмулки Тусӣ» метавон ёд кард. Ин татаббуи Амир Муиззӣ аз ҳафтоду панҷ байт иборат буда, шоир онро ба қавли худаш «Ба вазн ва қофияти он ки Асҷадӣ гӯяд» сурудааст ва мисраи Асҷадӣ «Ғуломвор миён баставу кушода ниқоб»-ро иқтибос ҳам кардааст. Вале, мутаассифона, дар миёни осори боқимондаи Асҷадӣ ба ин вазн шеъре пайдо нагардид. Фақат пораҳои шеъриеро дучор шудем, ки бо татаббуи Амир Муиззӣ ҳамвазн набошанд ҳам, ҳамқофия ҳастанд. Илова бар ин, ҳамин пораҳои шеърӣ ҳаммонандиҳои тасвирӣ ва корбурди баъзе саноеи бадеии Асҷадиро дар татаббуи Амир Муиззӣ ҳифз кардаанд, ки далели таъсирпазирии шоири баъдӣ аз шеъри сармашқ мебошад.

Чаҳор мисраи зерини Асҷадӣ, ки дар баъзе сарчашмаҳо ба Пирӯзии Машриқӣ нисбат дода шудааast [179, 126], бешак боқимондаи ташбиби қасидаи ӯ буда, бо татаббуи Амир Муиззӣ қофияи ягона ва тасвирҳои мазмунан ба ҳам наздик доранд:

Ба хатту он лабу дандонш бингар,

Ки ҳамвора маро доранд дар тоб.

Яке ҳамчун Паран дар авҷи хуршед,

Яке чун шойвард (ҳолаи моҳ) аз гирди маҳтоб [25, 22].

Дар як қасидаи Амир Муиззӣ, ки бо қасидаи Асҷадӣ қофия ва вазни ягона дорад, тасвирҳое ҳаст, ки моҳиятан бо тарзи нигориши Асҷадӣ ҳамоҳанг мебошанд, аз ҷумла байтҳои зерин аз ташбиби қасидаи дигаре, ки дар мадҳи Хоҷа Шаҳобуддин гуфтааст:

Бар моҳ лола дориву бар лола мушки ноб,

Дар мушк ҳалқа дориву дар ҳалқа банду тоб.

Майгун лабасту мағзам аз он май пур аз хумор,

Гулгун рухасту чашмам аз он гул пур аз гулоб.

Ва ё:

Як шакли ӯ мудаввар асту як шакли ӯ дароз,

Чун пора-пора абри сияҳ пеши офтоб [31, 58].

Чунонки ишора рафт, аз қасидаи Асҷадӣ, ки мисрае аз онро Амир Муиззӣ дар қасидаи зикршуда иқтибос кардааст, фақат ҳамин мисраъ ва байти дигаре дар қасидаи Амир Муиззӣ мондааст. Санади дигари қобили мулоҳиза алоқамандии ин шоир ба тарзи нигориши Асҷадӣ мебошад. Сухан аз он меравад, ки дар қасидаи Амир Муиззӣ баъзе байтҳое ҳаст, ки ҳаммонанди байти Асҷадист, ки мураттиби девонаш Тоҳирӣ Шаҳоб аз сарчашмаҳои боэътимод баргирифтааст. Масалан, Амир Муиззӣ дар қасидаи «Дар мадҳи Хоҷа Шаҳобуддин Абубакр Абдуллоҳ Муайидулмулк ибни Хоҷа Низомулмулки Тӯсӣ» чунин байте дорад:

Ба бахшиш гуфт ӯ соате вафо накунад,

Агар ситора дирам гардаду фалак зарроб [31, 57].

Дар девони Асҷадӣ низ ин байт дар ҳамин шакл бетағйир омадааст. Маълум мешавад, ки Амир Муиззӣ қасидаи зикршударо бевосита дар татаббуи қасидаи Асҷадӣ гуфтааст, ки дар девони ӯ ду байти боқимондаи он таҳти унвони «Дар сифати ҷуди мамдуҳ» сабт шудааст. Дар ин замина метавон яқин кард, ки татаббуи Амир Муиззӣ дар пайравии қасидаи зикршудаи Асҷадӣ суруда шуда, сохтори мундариҷавӣ ва бадеии онҳо ба ҳам қаробат доранд.

Байти Асҷадӣ аз рӯйи мазмун боқимондаи ташбиби қасидаи мадҳии ӯ буда, ҳусни матлаъ ва тахаллус дорад, ки ифодакунандаи сифати мамдуҳ мебошад. Дар ташбиби қасидаи Амир Муиззӣ ва ин байти Асҷадӣ, вазну қофияи ягона доштан, ҳамсонии муқаддимаю ҳусни тахаллус дар онҳо асос медиҳад хулоса кунем, ки қасидаи мазкурро ӯ бевосита дар пайравии қасидаи Асҷадӣ навишта будааст. Далели мо дар заминаи ҳамин як байти зикршуда ва он мисрае, ки Муиззӣ иқтибос карда ин аст, ки Муиззӣ дар татаббуаш, пеш аз ҳама, пойбанди андешаи ҳакимона, нукоти маънавӣ ва тасвирҳои воқеие аст, ки сармашқаш қасидаи он вақт комили Асҷадӣ мебошад. Ҳамин пораи боқимондаи қасидаи Асҷадӣ гувоҳ аст, ки мавзуи воҳид ва таъсиргузор асоси ташбиби қасидаи ӯро ташкил карда, дар ин замина мушобеҳати ҳолу ҳавои тасвир ба ҳам қаробати наздик доранд.

Муқоисаи қасидаи Муиззӣ ва пораи боқимондаи қасидаи Асҷадӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду шоир дар заминаи сувари хаёл аз ҳама зиёдтар ба ташбеҳ тамоюл доштаанд. Амир Муиззӣ дар байти зерини қасидааш низ ҳамин гуна тамоюли ҳунариро пеш гирифтааст, ки пайравӣ ба суннати тасвиргарии Асҷадӣ мебошад:

Дар офарини ту монад бар ӯй ҳурулъайн,

Қасидаҳои чу оби ман аз малоҳату об [31, 57].

Тарзи ташбеҳофарии Муиззӣ ба равише гароидааст, ки қаринаи он дар байти аз Асҷадӣ иқтибоскардааш маълум мешавад. Байт ин аст:

Ба бахшиш кафи ӯ соате вафо накунад,

Агар ситора дирам гардаду фалак зарроб [25, 57].

Чунонки мебинем, Асҷадӣ дар байти ёдшуда аз ташбеҳ барои табйини мазомин ва мафоҳими зеҳнии худ беш аз дигар шаклҳои хаёл ёрӣ гирифтааст, ба тавре ки басомади бакоргирии ташбеҳ дар ашъори боқимондаи вай нисбат ба дигар сувари хаёл хеле зиёд аст. Аз ин рӯ, ашъори боқимондаи ӯ зеҳни хонандаро ба ин тамоюли ҳунарии ӯ савқ медиҳад. Ӯ бо овардани ин гуна ташбеҳот шеъри форсии тоҷикиро вориди марҳалаи нав кард, ки яке аз идомабахшони он Амир Муиззӣ мебошад. Муиззӣ бисёре аз тасвирҳоро ба

сурати мустақим аз Асҷадӣ ахз карда ва ё ба сурати ғайримустақим аз шоирони ҳамзамони ӯ ё пеш аз вай иқтибос намудааст. Бахусус, ташбеҳоте, ки дар заминаи ситорагон, осмон, тавсифи маъшуқ, абр, борон, асб ва ғайра дар девони ӯ зиёд ба назар мерасанд, қаринаҳои худро дар девони Асҷадӣ низ доранд.

Донишмандони илми бадеъ фаҳмо ва бадеъ будани оғози суханро «аз ҷумлаи балоғат» донистаанд. Аз ҷумла Муҳаммад ибни Умари Родуёнӣ дар «Тарҷумон-ул-балоға» навиштааст, ки «Агар қасидае бувад, бояд, ки байти нахуст некӯ ороста бувад, ба лафзу маънӣ, чунонки шунаванда бидонад, ки ин аввал байт аст» [113, 43]. Байти аввали пораҳое аз қасидаҳои боқимондаи Асҷадӣ ба ҳамин усули балоғӣ иншо гардидаанд, ки намунае аз онро Родуёнӣ иқтибос кардааст. Аз ҷумла пораи зерро аз ташбиби қасидаи Асҷадӣ накл кардааст:

Хуҷаста давлати олӣ ҳамин кард, эй малик, паймон,

Ки фатҳи нав диҳад ҳар рӯз аз як гӯшаи кайвон.

Фурӯд орад сипоҳатро ба гирди кишвари осӣ,

Барорад гард аз он кишвар, ба сӯйи гунбади гардон.

Барангезад зи шодирвон сипоҳи подшоҳиро,

Нишонад як ғуломатро бар он шоҳона шодирвон [113, 44].

Ҳамин тарзи корбурди санъати «ҳусн ал-матлаъ»-ро мо дар қасидаи Амир Муиззӣ «Дар мадҳи султон Санҷар», ки бешак, дар пайравии қасидаи Асҷадӣ навишта шудааст, равшан мебинем. Ин қасидаи Амир Муиззӣ бо қасидаи Асҷадӣ на фақат ҳамвазну ҳамқофия аст, балки балоғати тасвир ва корбурди саноеи лафзиву маънавӣ низ дар онҳо қаробатҳои бунёдӣ дорад, ки намунааш истифодаи ҳусни матлаи зерин дар қасидаи ёдшуда мебошад:

Ҳар он оқил, ки ӯ бандад дил андар тоати Яздон,

Нашояд, к-ӯ напайвандад дил андар хидмати султон.

Саломат бод он кас, к-ӯ ба ҳам пайвандаду бандад,

Тан андар хидмати султон, дил андар тоати Яздон.

Ҳама шоҳон ҳаме нек ахтаре ҷӯянд аз ин хидмат,

Чи дар Машриқ, чи дар Мағриб, чи дар Турон, чи дар Эрон [31, 499].

Муқоисаи матлаи қасидаи Асҷадӣ ва татаббуи Амир Муиззӣ нишон медиҳад, ки ҳар ду шоир тавонистаанд, байтҳои аввали қасидаро «матбуъ ва маснуъ» ва бо «лафзи латиф ва маънии ғариб ва бадеъ» оваранд ва «аз калимоте, ки ба фоли нек набошад» парҳез кунанд, «чунонки самъро аз шунидани он роҳат ояд ва табъро аз дарёфтани он нишот афзояд» [113, 94]. Ҳамчунин, ҳар ду шоир дар матлаи қасида, ба қавли Шамси Қайси Розӣ «аз алфози азбу (фораму) роиқ (равон)» [199, 325] ҳадафмандона истифода кардаааанд, ки далели қотеъ бар пайванди ҳунарӣ ва баҳрабардории Амир Муиззӣ аз тарзи нигориши Асҷадӣ мебошад.

Қасоиди Асҷадӣ ва баъзе татаббуоти Амир Муиззӣ паҳлуи дигари ҳунари ду шоирро ошкор месозад, ки марбут мешавад, ба масъалаи қаробати онҳо ба мамдуҳонашон. Дар ин замина, нукоте аз андешаҳо ва орзуҳои онон дар қасидаву татаббуоташон инъикос шудааст, ки ҳамоҳангие миёни чунин осори онҳо пайдо кардааст. Илова бар ин, дар ин замина мувофиқи писанди дили мамдуҳ сурудани қасида ва татаббуъ маҳаки аслии диди воқеашиносӣ ва бадеии онҳоро муайян ва мушаххас месозад. Аз ин ҷиҳат, шеъри Асҷадӣ ва татаббуоти Амир Муиззӣ саҳнаҳое аз воқеияти таърихӣ ва хостаҳои шоҳони вақтро низ инъикос кардааст, ки ҳунар ва моҳияти ҷаҳонбинии онҳоро ба сароҳат ошкор месозад. Дар қасидаи фатҳи Сумаmake Асҷадӣ ва татаббуи дар таҳнияти фатҳи Шоми Амир Муиззӣ ҳадафҳои сиёсии ҳокимон ва дарбориёни Ғазна дақиқ ба тасвир омадааст, ки аз бисёр ҷиҳат ба ҳам монанд аст. Масалан, Асҷадӣ дар қасидаи фатҳи Суманот сафари «шоҳи хусравон» ба Суманотро ҳамчун муъҷизаи кирдори шоҳ қаламдод карда, меафзояд:

Биздуд зи аҳли куфр ҷаҳонро бар аҳли дин,

Шукру дуои хештан аз воҷибот кард.

Маҳмуд шаҳриёри карим, он ки мулкро

Бунёд бар маҳомаду бар мукарамот кард [25, 27].

Ҳамин тамоюли фикрӣ дар татаббуи Амир Муиззӣ ба тариқи зер баён шудааст:

То шаҳриёри додгар оҳанги Шом кард,

Субҳи мухолифон ҳама дар Шом шом кард.

Перор бар аду зафар аз сӯи Балх ёфт,

В-имсол бар зафар сафар аз сӯи Шом кард.

Як сол шуд ба Шарқу дигар сол шуд ба Балх,

То дар ду сол кори ду ҷониб тамом кард...

Мулке, ки дар қадим араб дошту Рум,

Бигрифт шоҳу мамлакати хеш ном кард [31, 237-138].

Чунин монандиҳои мундариҷавӣ дар қасоиди Асҷадӣ ва татаббуоти Амир Муиззӣ аз вақоеи таърихӣ ва ҳадафҳои сиёсии ҳокимони вақт сарчашма гирифта, дар шаклгирии сохтори мундариҷавию жанрӣ ва бадеии ин навъи шеърӣ таъсиргузор будааст.

Ҳамин тавр, дар асоси таҳлилҳои анҷомгирифта метавон ба ин натиҷа расид, ки Амир Муиззӣ аз оғози фаъолияти эҷодияш ба эҷодиёти Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва баъзе шоирони дигар таваҷҷуҳи хос дошта, ба тарзи нигориши онҳо ҳунармандона пайравӣ кардааст ва баъзе қасидаҳои шоирони ёдшударо дар эҷоди татаббуъ сармашқ қарор додааст, ки тақлиди сирф набуда, чунонки зикр шуд, тозагиҳои мундариҷавӣ ва бадеӣ низ дорад.

## 2.2. Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он

Таҳқиқ ва таҳлили қиёсии татаббуоти шоирони ин давра нишон медиҳад, ки пайравии тарзи нигориши ин ё он шоир барои эҷодкори ҳунарманд ва боистеъдод фақат пайравӣ ба шеъри сармашқ набуда, балки шакли хоси робитаи адабӣ ва таъсирпазириву баҳрагирӣ аз суннатҳои волои ҳунарӣ низ мебошад [190, 110]. Аз ин мавқеъ агар сайри таҳаввули татаббуъро дар шеъри асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ аз назар гузаронем, маълум мешавад, ки аксари шоироне, ки баъд аз Унсурию Фаррухӣ ва Муиззӣ дар арсаи эҷод мақом пайдо кардаанд, мувофиқи талаботи санъати татаббуъсароӣ ба шеъри ҳамдигар ҷавоб гуфта, дар ин равиш мавзуъ, вожаҳои такягоҳиву таъбирҳо, дарунмояи умумии шеъри сармашқ ва равишҳои муҳимми тарзи нигориши шоири қаблиро ҳифз кардаву ташаккул бахшида, аксаран осори наве офаридаанд, ки бо равшании ғоя, образҳои тозаи шеърӣ ва такмили зарбу оҳанги шеър қобили таваҷҷуҳ мебошад. Шоирони баъдӣ ҳам дар оғози фаъолияти адабӣ ва ҳам давраи камолоти ҳунариашон ба шеъри Унсуриву Фаррухӣ ва Муиззӣ пайравӣ кардаанд. Ин далели он аст, ки эҷоди татаббуъ фақат хосси шоирони навкор набуда, балки василаи санҷиши нерӯи ҳунарӣ ва такмили маҳорати эҷодӣ барои шоирони ботаҷриба ва эътирофгардида низ будааст.

Шоирони баъдие, ки ба шеъри салафҳои худ ҷавоб гуфтаанд, ҳар кадоме дар таърихи шеъри форсии тоҷикӣ нақш ва ҷойгоҳи хосси худро доранд ва шумораи онҳо кам ҳам нест. Вале дар ин фасл мо фақат ба таҳқиқи тарз ва усулҳои пайравию таъсирпазирии шоироне, мисли Рашидаддини Ватвот, Ҳаким Саноӣ, Ҳасани Ғазнавӣ, Адиб Собири Тирмизӣ ва баъзеи дигар иктифо намудем.

Рашидаддини Ватвот аз ҷумлаи шоирони тавонои баъдие мебошад, ки ба шеър ва тарзи нигориши Унсурӣ, Фаррухӣ ва Муиззӣ назари хос доштааст. Ин тарзи нигориши ӯро таҷрибаи шеъриаш, ки бунмояи амиқи назарию бадеӣ дорад, шакл дода ва таҳаввул бахшидааст. Зимнан бояд таъкид кард, ки Рашидаддини Ватвот на фақат аз шоирони тавонои асри худ буд, балки ҳамчун донишманди эътирофшудаи соҳаи назария ва амалияи улуми адабӣ низ дар

таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ мавқеият дошт. Агар «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» дидгоҳҳои назариву амалии ӯро оид ба назарияи шеър матраҳ сохта бошад, намунаҳои осори бадеии Рашидаддини Ватвот далели камолоти эътирофшудаи ӯ дар шеър ва наср мебошанд.

Муҳаммад Ориф Лиқоӣ дар тазкираи худ «Маҷмаъ-ул-фузало» дар борaи Рашидаддини Ватвот чунин менависад: «Санад-уш-шуаро Рашид Ватвот-ва ӯ Рашидаддин Муҳаммад ибни Абдуҷалил алкотиб алмаъмурест ва пайванди насабаш ба ҳазрати Амирулмуъминин Умар Ал-Хаттоб мерасад, разиоллоҳу анҳу – бузург ва фозил ва адиб ва зуфунун буда, дар шоирӣ пояи олӣ дошта ва бар ҳамагон худ муқаддас аст. Маддоҳи Хоразмшоҳ буда...» [27, 17].

Рашиди Ватвот асосан, ҳамчун шоири қасидасаро эътироф шудааст ва ин гуна осори ӯ, ба қавли Х. Шарифов, «аз ҷиҳати сохту мундариҷа ба талаботи ин навъи адабӣ мувофиқат мекунад. Тағаззулоти қасоиди Ватвот бо завқу фаросати ҳунармандона гуфта шудаанд ва ҳанӯз ҳам таровати шоистаи мутолиа доранд» [113, 11]. Андешаҳои адабӣ ва саррофиҳояш дар боби шеър ва лавозими он дар китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» арзишманд буда, робитаи ҳунариашро бо шоирони давраҳои гуногун мушаххас месозад.

Дар ашъори Рашиди Ватвот пайи пойи бисёре аз шоирони пешин ва муосири вайро метавон ҷустуҷӯ кард ва ёфт, ки яке аз онҳо Амир Муиззӣ мебошад. Баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла М. Аҳмадӣ ва С. Саидӣ равиши маъмули пайравии ӯро ба шеъри шоирони пешину баъдӣ «дар ахз ва воми маонӣ ва таобири дигар шоирон, салхи мазомин аз тариқи барҳам задани таркиби алфоз ва баёни маънӣ дар қолаби алфоз ва калимоти дигар» [51, 92] донистаанд. Ин донишмандон, усули пайравии Ватвот ба шеъри Муиззиро низ ҳамин гуна фаҳмидаву таъбир кардаанд, ки ба ҳақиқат рост намеояд.

Дар ҳақиқат, Ватвот аз оғози фаъолият аз шеъри Муиззӣ истиқбол намуда, ҳатто дар китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» дар мавриди шинохти шеъри хубу бад ба шеъри ин шоир мисол мезанад, ки далели ихлосмандиаш ба Муиззӣ ва тарзи нигориши ӯ мебошад. Аз ҷумла, дар оғози китоби зикршуда аз муҳассаноти шеъри Муиззӣ сухан гуфта, «ду лафзи мутаҷонисро», ки «ҳама

ҳуруф муттафиқ бувад» [113, 124; 83, 86], ҳунармандона ба кор гирифтани ин шоирро аз равиши усулии тарзи тасвиргарии ӯ донистааст. Илова ба ин, Рашиди Ватвот ба истиқболи шеъри Муиззӣ рафта ва татаббуи вазн ва қофияи шеъри ин шоир карда, гоҳо «бо масху ағора ашъорро аз лафзу маънӣ бардошта ва бо тақдиму таъхири калимот ва басти иборот дар онҳо тасарруф кардааст» [51, 92-93], ки ин амалро муҳаққиқон далели камзарфии ҳунари татаббуъсароии ӯ таъбир кардаанд [51, 94-98].

Бо вуҷуди ин, Рашиди Ватвот тарзи нигориши Муиззиро аксаран, эҷодкорона пайравӣ кардааст, ки дар ин замина баъзе татаббуоташ ҷолиб ва қобили мулоҳиза мебошанд. Яке аз ҳамин гуна татаббуоташро Рашиди Ватвот дар пайравӣ ба қасидаи Муиззӣ «Айзан дар мадҳи Шарафулмулк Абусаъд Муҳаммад ибни Мансур» эҷод кардааст, ки аз назари сохтори мундариҷавию бадеӣ қобили гуфтугӯ мебошад. Барои он ки ба суоли татаббуи Ватвот чи тафовут ва чи монандиҳое бо қасидаи Муиззӣ дорад, посух биҳем, аз ҳар ду қасида пораҳоеро дар зер меоварем.

1. Порае аз қасидаи Ватвот «Дар мадҳи малик Отсиз ва ҳасби ҳоли худ»:

Эй ҷоҳи ту фарохта аъломи кибриё,
Софист эътиқоди ту аз кибру аз риё.
Дар иқди мулк дар ҷалоли ту восита,
Дар чашми фатҳ гарди бароқи ту тӯтиё.
Дасти мубораки туву таби карими ту,
Мавқуф бар саховату маҷбул бар сахо...[27, 5]

2. Порае аз қасидаи Муиззӣ «Айзан дар мадҳи Шарафулмулк Абусаъд Муҳаммад ибни Мансур»:

Омад гаҳи видоъ чу торик шуд ҳаво,
Он маҳ, ки ҳаст ҷону диламро бад-ӯ ҳаво.
Гармӣ гирифта аз ҷигари гарми ӯ замин,
Сардӣ гирифта аз нафаси сарди ман ҳаво.
Моҳи тамоми ӯ шуда чун осмон кабуд,
Шакли шаҳоби ӯ шуда чун моҳи нав дуто...[31, 35].

Чунонки Муиззӣ бештарини қасоидаҳояшро дар мадҳи Маликшоҳу Санҷар гуфтааст, Ватвот низ аксари қасидаҳояшро дар мадҳи Отсиз сурудааст. Аз ҷумла, татаббуи зикршуда яке аз 153 қасидаи ӯ мебошад, ки шоир дар мадҳи Отсиз гуфтааст. Агар замони хидмати ӯро дар дарбори Отсиз пеши назар оварем, маълум мешавад, ки шоир қасидаи мазкурро дар давраи камолоти ҳунариаш навиштааст. Ба ин далел, вай шеърҳои ҷавобии дар ин давра офаридаашро ҳамчун мусобиқаи шоирона эҷод кардааст, ки ҳадафи асосиаш ба вуҷуд овардани асари асили ҳунарӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, Ватвот дар ин татаббуъ на фақат ҳаҷм, вазн, қофия, ғояи умумии шоирона ва сабки таҳкиявии қасидаи Муиззиро риоят кардааст, балки баъзе вожаҳои қофияи қасидаи ӯро низ айнан дар татаббуи худ овардааст. Ватвот низ чун Муиззӣ дар ин татаббуъ ҳолати руҳии худро дақиқ ва ҳоловар ба тасвир кашидааст.

Ватвот дар баробари навҷӯиҳо дар тасвири бадеӣ баъзе образу тасвирҳои Муиззиро низ аз худ намудааст. Аз ҷумла дар байти нахусти татаббуи зикршуда // Эй ҷоҳи ту фарохта аъломи кибриё, Соф аст эътиқоди ту аз кибру аз риё // вай истиқболи қасидаи Муиззиро // Садре, ки дар шамоилу ахлоқи лутфи ӯ, Аз кибриёст маҳзи на кибр асту на риё // бо салхи мазмун даромехта, яъне «маънию лафз»-и Муиззиро аз худ намудаву «таркиби алфози он»-ро тағйир дода, байти худро сохтааст, ки намуде аз «сирқоти (duздиҳои) шеър» [199, 51; 12, 234] ба шумор меравад. Байтҳои зерин низ аз намунаҳои салх буда, мушобиҳати онҳо ба байтҳои Муиззӣ равшан аст.

Аз Ватвот:

Дасти мубораки туву табъи карими ту,

Мавқуф бар саховату маҷбул бар сахо [27, 53].

Аз Муиззӣ:

Дасти мубораки ту сахои мусаввар аст,

Ҳаргиз надидаам, ки мусаввар бувад сахо [31, 37].

Аз Ватвот:

В-ар ҷумла ҳукм ҳукми туву амр амри туст,

Гуфтан хатост бо ту, ки ин чуну он чаро? [27, 8].

Аз Муиззӣ:

Нуқсону таъна бар ту раво нест ҳамчунон,

Чуну чаро бар эзид бечуну бечаро [31, 37].

Ҳамчунин, аз дигар намунаҳои истиқбол қасидаест бо радифи «оташу об», ки Ватвот муҷададан ба иқтизои қасидаи Муиззӣ «Дар мадҳи яке аз вузаро» сурудааст.

Аз Ватвот:

Туӣ, ки теғи туро шуд мусаххар оташу об,

Фиканд ҳайбати ту зилзила дар оташу об [27, 64].

Аз Муиззӣ:

Зи баски монд дилу чашми ман дар оташу об,

Кушода дари дилу дари чашми ман бар оташу об [31, 72].

Баъзе шабоҳатҳо ва дар мавридҳое сирқоти адабӣ, ки дар девони Ватвот ба мушоҳида мерасанд, далели он аст, ки вай ба шеъри Муиззӣ ва тарзи нигориши ӯ назари амиқ ва доимӣ дошта, ин равиш гоҳо ба он оварда расондаст, ки баъзе муҳаққиқон ӯро «сориқи адабии шеъри Муиззӣ» [164, 142] унвон кардаанд. Намунаҳое аз ин тарзи истиқболи Ватвот аз шеъри Муиззӣ зиёд аст, ки баъзеи онро зикр мекунем

Муиззӣ қасидае дорад, ки бо байтҳои зер оғоз мешавад:

Дили беқарор дорам аз он зулфи беқарор,

Сари пурхумор дорам аз он чашми пурхумор.

Донад нигоҳи ман, ки чуниин аст ҳоли ман,

З-он чашми пурхумор в-аз он зулфи беқарор [31, 332].

Ватвот дар ҳамин вазну қофия қасидае дорад, ки аз лиҳози мазмуну мундариҷа ва сохтори бадеӣ ба қасидаи Муиззӣ монандиҳои зиёде дорад. Байтҳои зер дар қиёс бо ду байти дар фавқ иқтибосшуда, бешак, намунаи таъсирпазирии ба сирқот омехтаи ӯ [84, 38] аз шеъри Муиззӣ мебошанд:

З-он зулфи беқарор дилам гашт беқарор,

З-он чашми пурхумор сарам гашт пурхумор.

Сари пурхумори хеш тару дил беқарор,

З-он чашми пурхумору з-он зулфи беқарор [27, 238].

Намунаҳои дигареро аз девони ашъори Ватвот пайдо кардан мумкин аст, ки рӯнависӣ аз шеъри Муиззӣ мебошад. Масалан, байти зерини Муиззӣ:

Рӯйи замин ба ранги фалак гашта аз силоҳ,

Рӯйи фалак ба ранги замин гашта аз ғубор-ро

Ватвот аз қасидаи Муиззӣ «Дар мадҳи султон Баркиёруқ» нусхабардорӣ карда, дар қасидаи «Ҳам дар мадҳи Отсиз гӯяд» ба шакли зайл дарҷ кардааст, ки нусхаи байти Муиззӣ мебошад:

Пушти замин чу рӯйи фалак гашта аз силоҳ,

Рӯйи фалак чу пушти замин гашта аз ғубор [27, 48].

Чунонки ба назар мерасад, Ватвот дар мисраи аввал «рӯйи замин»-ро ба «пушти замин» ва «ранги фалак»-ро ба «рӯйи фалак» иваз карда, ҳамчунин дар мисраи дувум «ранги замин»-ро ба «пушти замин» тағйир додааст ва адоти ташбеҳи байти Муиззиро аз «ба ранг» ба «чу рӯйи» ва «чу пушти» дигар намудааст. Ҷузъҳои дигари байти Муиззӣ ҳамон аст, ки Ватвот такроран овардааст.

Ҳамсони байти зикршудаи Муиззӣ, ки бо қофияи вожаи «ғубор» сохта шудааст, дар девони Ватвот хеле зиёд буда, зайли намуна фақат ду байти онро ин ҷо иқтибос мекунем:

Арсаи ҳомун шуда рӯшан чу гардун аз силоҳ,

Чеҳраи гардун шуда тира чу ҳомун аз ғубор [27, 216].

*******

Гашта ҳомунасар фалак аз силоҳ,

Гашта гардунсифат замин зи ғубор [27, 219].

Бо вуҷуди санадҳои зикршуда мо наметавонем, имтиёзоти қасидаҳо ва усули пайравии Ватвотро бар тарзи нигориши Муиззӣ нодида гирем. Ин имтиёзот дар навбати аввал аз он иборат аст, ки дар қасидаҳои Ватвот, ки ҳама мадҳиянду баъзеи онҳо дар пайравӣ ба қасидаҳои Муиззӣ навишта шудаанд, тозагиҳое ба чашм мерасад. Аз ҷумла, ташбиби татаббуи дар боло ёдшуда, пеш аз ҳама, тасвири аслӣ ва образноки чеҳраи шоҳро мутаносибан бо «ҳасби ҳоли»

[27, 5] шоир пешорӯйи хонанда зинда месозад, ки аввалан аз сарнавишти шахсияти мавриди назараш, яъне Отсиз ҷудо нест, сониян бархӯрди то андозае нав ба мавзуи мадҳӣ аз тарафи шоир мебошад. Ба ифодаи дигар, шоир дар баробари мадҳи Отсиз ҳодисаи мутақобилро, ки бевосита аз сарнавишти худаш маншаъ мегирад, мавриди тасвир қарор дода, фарзияи худашро дар муқобили чеҳраи соҳибони ҷоҳу давлат ба намоиш мегузорад. Ин тарзи дарк ва тасвири воқеият дар мадҳия назари тозаи Ватвотро ба мавзуи анъанавӣ ошкор месозад, ки намунааш пораи зер аст:

Мӯям аз ғам сапед гашт чу шир,

Дил зи меҳнат сиёҳ гашт чу қор.

Ин зи акси бало бубаст хизоб,

В-он зи роҳи ҷафо гирифт ғубор [27, 228].

Ҳаким Саноӣ аз шоирони дигаре будааст, ки «ба Муиззӣ бисёр муътақид буда ва дар ғазалҳои худ татаббуи сабки вайро карда ва дар ғазале ин байтро аз ӯ ба тазмин оварда аст.

Мар Саноиро фитод ин нодира,

Чун Муиззӣ гуфт аз ахбори ёр.

Он чи ман мебинам аз озори ёр,

Гар бигӯям бишканам бозори ёр» [28].

Пайванди маънавию ҳунарии ин ду шоирро санади дигар, яъне дар марсияи Муиззӣ се қитъа гуфтани Саноӣ низ таъйид мекунад, ки якеи он ин аст:

Шуд ёри гуҳартаби гуҳарзой Муиззӣ,

Шуд ёри фалакақли фалаксой Муиззӣ.

К-аз ҳасрати дарҳои ятимаш чу ятимон

Биншаст Аторуд ба муиззойи Муиззӣ [28, 200].

Баъзе муҳаққиқон ду ғазалеро, ки бо матлаъҳои зер оғоз мешавад, ҳам ба Муиззӣ ва ҳам ба Саноӣ нисбат додаанд.

Матлаи 1:

Имрӯз бутам теғи ҷафо охта дод,

Сабр аз дили ман ҷумла бурун охта дод [28, 201].

Матлаи 2:

Баски ман дилро ба доми ишқи хубон бастаам,

Дар нишоти ишқи хубон тавбаҳо бишкастаам [28, 202].

Ва ғазали дигар, ки бо байти:

Гар ту пиндорӣ, ки розам бе ту пайдо нест, ҳаст,

Ё дилам муштоқи он рухсори зебо нест, ҳаст [28, 202] –

оғоз мешавад, низ ба ҳар ду шоир мансуб дониста шудааст. Мударрис Разавӣ ба сабаби он ки ин се ғазал дар нусхаҳои қадимии девони Саноӣ дида мешавад, гумон кардааст, ки «аз они Саноӣ бошад, на Муиззӣ» [28, 21]. Вале муқоиса нишон дод, ки ин се ғазал аз ғазали Муиззӣ фарқ дошта ва ғазале, ки бо радифи «нест ҳаст» дар девони Саноӣ дучор мешавад, низ бо ғазали Муиззӣ якранг нест. Фақат баъзе таркибҳо ва образҳои эҷодкардаи Муиззиро дар ғазали Саноӣ дучор меоем, ки нишонаи таъсирпазирии вай аз шеъри сармашқ мебошад [193, 53-70]. Дар асоси ҳамин монандиҳо метавон ҳадс зад, ки Саноӣ дар эҷоди ин ғазал ба ғазали Муиззӣ назар доштааст ва онро пайравӣ кардааст. Барои огоҳии комил аз ҳар ду ғазал байтҳои зерро намуна меоварем:

1.Ғазали Муиззӣ:

Гар ту пиндорӣ, ки розам бе ту пайдо нест, ҳаст,

Ё дилам муштоқи он рухсори зебо нест, ҳаст.

Ё зи ишқи лулӯйу ёқути шаккарбори ту,

Чашми гавҳарбори ман ҳар шаб чу дарё нест, ҳаст.

В-ар туро сурат ҳамебандад, ки аз чашму дилам

Обу оташ то сарейу то сурайё нест, ҳаст.

Гар ту пиндорӣ, ки бе васли ту ҷон андар танам

Мустаманду дардманду ношикебо нест, ҳаст... [31, 692-693].

2.Аз Саноӣ:

Гар ту пиндорӣ, ки ғамгусорам нест, ҳаст,

В-ар чунон донӣ, ки ҷуз ту хостгорам нест, ҳаст.

Ё ба ҷуз ишқи ту аз ту ёдгорам ҳаст, нест,

Ё қадам дар ишқи ту устуворам нест, ҳаст.

Ё ба ҷуз бедодии ту корзорам ҳаст, нест,

Ё ба бедоди ту бо ту корзорам нест, ҳаст.

Ё сапеду рушан аз ту кору борам ҳаст, ҳаст

Ё сиёҳу рушан аз ту рӯзгорам нест, ҳаст... [28, 821].

Ҳамчунон ки ба назар мерасад, ин ду ғазал радифи ягона дошта, мазмуну мундариҷаи он низ ҳамоҳанг мебошанд. Дар тарзи корбурди вожаҳои ҳоловар ё ҳолнамо низ Саноӣ сареҳан ба Муиззӣ пайравӣ кардааст. Бо таркиби «гар ту пиндорӣ», ки офаридаи Муиззӣ аст, оғоз гардидани ғазали Саноӣ низ дар таъйиди он чи мо гуфтем, мебошад.

Дар девони Саноӣ қасидаҳое ҳаст, ки ба Санҷар ва Баҳромшоҳ бахшида шудааст. Муиззӣ низ чанд қасидае дар мадҳи Санҷар ва Баҳромшоҳ сурудааст. Ин қасидаҳо аз ҷиҳати сохтори мундариҷавию бадеӣ ба ҳам қаробат доранд. Вале аз қасидаи «Мадҳи Баҳромшоҳ кунад"-и Саноӣ маълум мешавад, ки дар эҷоди ин асар вай аз Муиззӣ баҳрабардорӣ кардааст. Қасидаи Саноӣ бо байтҳои зер сар мешавад:

Дида набинад ҳаме нақши ниҳони туро,

Бӯса наёбад ҳаме шакли даҳони туро.

Ҳусн бад-он то кунад ҷилвагаҳат бар ҳама,

Пираҳани ҳасту нест сохта ниҳони туро...

Султон Баҳромшоҳ он ки ба таъйиди ҳақ

Ҳаст ба ҳақ посбон хонаву ҷони туро.

Ҳайбаташ ар нестӣ шаҳна вуҷуди туро,

Ҷон зи адам ҷӯяде ному нишони туро [28, 25].

Муиззӣ бо номи «Дар мадҳи султон Маликшоҳи Салҷуқӣ ва рафтани ӯ ба меҳмонӣ назди хоҷа Низомулмулк» қасидае дорад, ки бо қасидаи Саноӣ аз ҷиҳати сохтори мундариҷавию бадеӣ монанданд. На фақат ин ду қасида зарбу оҳанги яксон, балки вожаҳои монанд ва қаринаҳои ҳаммазмун, мисли «бӯса» низ доранд, ки далели баҳрабардории Саноӣ аз тарзи нигориши Муиззӣ мебошад. Қасидаи Муиззӣ бо чунин байтҳо шуруъ мешавад:

Ситора саҷда барад талъати мунири туро,

Замона бӯса диҳад пояи сарири туро.

Мувофиқ аст қазо бахти комгори туро,

Мусаххар аст аду теғи шергири туро.

Худойгони ҷаҳон бе назири чун ту сазад,

Ки н-офарид худои ҷаҳон назири туро...

Асири туст ба хок андарун мухолифи ту,

Ҳаме зи хок ба оташ баранд асири туро [31, 20].

Он чи гуфта шуд, далели қотеи қаробати маънавию адабии ин ду шоир ва ҷараёни таъсирпазирии Саноӣ аз Амир Муиззӣ мебошад.

Сайид Ҳасани Ғазнавӣ мулаққаб ба Ашраф аз шоирони тавонои охири садаи дувоздаҳ буда, ба ҷустуҷӯҳои адабии ӯ шоироне, мисли Анварӣ, Хоқонӣ, Муҷири Байлақонӣ, Ҷамолиддин ва Камолиддин Исфаҳонӣ, Асири Ахсикатӣ ва монанди инҳо таваҷҷуҳ кардаанд ва ба қасидаҳояш ҷавоб ҳам гуфтаанд. Худи Сайид Ҳасани Ғазнавӣ низ ба шеъри шоирони аз ӯ пешгузашта ва муосираш, аз ҷумла Амир Муиззӣ таваҷҷуҳи хос дошта, ба баъзе аз қасидаҳои мадҳии ӯ ҷавоб ҳам гуфтааст. Аз ҷумла, вай ба қасидаи Муиззӣ «Дар ситоиши подшоҳ» ҷавоб навиштааст, ки тарзи шинохт ва пайравии ӯро аз шеъри Муиззӣ мушаххас менамояд. Дар қасидаи ҷавобияаш Сайид Ҳасан шаклан ва мазмунан қасидаи Муиззиро истиқбол карда, баъзе байтҳои ҳаммонанд ба шеъри шоири шеъри сармашқ офаридааст, ки онҳоро метавон байти тазминӣ унвон кард. Барои муқоисаи минбаъда аввал пораеро аз қасидаи Муиззӣ нақл мекунем:

Моҳ аст ҷоми бодаву шоҳ аст офтоб,

Сайёрагон сипоҳу фалак маҷлиси шароб.

Бар дасти шаҳриёр ниҳодаст ҷоми май,

Чун гавҳари гудохта бар дасти офтоб.

Шоҳе, ки пеш аз одаму дидори одамӣ,

Давлат ҳаме намуд ба дидори ӯ шитоб... [31, 64-65].

Сайид Ҳасан бо номи «Ин марсия аз барои волидаи султон Саидуддин Баҳромшоҳ гӯяд» қасидае дорад, ки ҳарчанд бо қасидаи Муиззӣ қофияи ягона

надорад, вале таъсирпазирии вай аз шеъри сармашқ равшан ба назар мерасад. Байтҳои зер аз марсияи Сайид Ҳасан аст:

...Эй ҳамчу гули мутеъ ту бо баргу бо наво,

В-эй ҳамчу гули ҳасуд ту берангу беравон.

Чун зарраанд лашкари Мансур беадад,

Ту ҳамчу офтоб ба ҳайбати ҷаҳонситон.

Ҷумла чун боз ҳамдилу чун бод ҳамнафас,

Ҳар як чу сарв ҳамсару чун бед безабон... [21, 143-144].

Қасидаи Сайид Ҳасан бо қасидаи Муиззӣ ҳамқофия набошад ҳам, аз ҷиҳати зарбу оҳанг ва таносуби андешаву тасвир бо шеъри сармашқ ҳамсон мебошад. Бахусус, вай ба тарзи образсозии Муиззӣ ва корбурди саноеи лафзиву маънавӣ на фақат таваҷҷуҳ доштаву пайравӣ намудааст, балки баъзе байтҳои ӯро тазмин ҳам кардааст. Аз ҷумла, дар қасидаи Муиззӣ байти зерин бори амиқи маънавӣ дошта, як навъ ифодакунандаи дуо ва андешаи ниҳоии шоир дар ҳаққи мамдуҳ аст:

То осмон бимонад бо осмон бимон,

То муштарӣ битобад бо муштарӣ битоб [31, 65].

Қасидаи Муиззӣ бо байти зикршуда ба итмом мерасад, ки хулосаи дуо ва орзуи шоирро дар ҳаққи мамдуҳаш ифода мекунад, ки дар таъкиди ивазнашаванда будани подшоҳ аст. Байти ҳаммонанди тазминии Сайид Ҳасани Ғазнавӣ низ дар фароварди қасида омада, низ дуои нек аст ва ормони шоирро дар бораи абадан будани подшоҳ ифода мекунад. Сайид Ҳасан мисраъҳои шеърро ҷобаҷо карда, ба салх даст назадааст, балки дидаву диниста аз Муиззӣ бурда ва ба сурати дигар андешаашро тарҳрезӣ кардааст.

Чунонки гуфтем, ин ҷо ҳадаф фақат ҷобаҷокунии алфози истифодакардаи Муиззӣ набуда, дар шакли дигар овардани андешаву оро мебошад, ки ифодакунандаи хулосаи қотеи шоири маддоҳ мебошад.

Сайид Ҳасан «бо осмон бимон»-ро бадал ба «мамлакат бимон» ва «бо муштарӣ битоб»-ро бар «бандагон битоб» тағйир дода, аҷзои дигарро айнан овардааст. Муиззӣ дар мисраи аввал дар ҳаққи мамдуҳ дуо карда ва гуфта: «То

осмон бимонад бо осмон бимон». Дар ҳақиқат, вай хостааст ҷойгоҳи мамдуҳаш осмон бошад. Аммо Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ба дигар тарз мегӯяд: «То осмон бимонад дар мамлакат бимон». Ин шоир бо тағйири мухтасаре, ки дар шеъри Муиззӣ ворид карда, ҷойгоҳи мамдухро абадӣ ва безавол донистааст. Ба ифодаи дигар, хулосаи ҳар ду шеър, ки дар байтҳои ёдшуда ифода ёфтааст, ба ҳам қаробат дошта, мавқеияти ҳар ду шоири мадеҳасароро ифода мекунад.

Сайид Ҳасан таҳти унвони «Дар мадҳи худовандзода Хусравшоҳ гӯяд дар ҷавоби Амир Муиззӣ» қасидае дорад, ки бо мадҳияи Муиззӣ, ки дар васфи Баҳромшоҳ сурудааст, ҳамвазну ҳамқофия ва ҳамзарбу ҳамоҳанг мебошад. Мавзуи асосии ҳар ду қасида мадҳ буда, дар ташбиби онҳо Баҳромшоҳ ва Хусравшоҳ васф шудаанд. Қасидаи ҷавобияи Сайид Ҳасани Ғазнавӣ бо байтҳои зерин шуруъ мешавад:

Эй ёфта аз чеҳраи ту Ҳасан камоле,
Додаст ҷамолет худову чи ҷамоле.
Аз дидаи ман ишқи ту ангехта Ниле,
В-аз қомати ман ҳаҷри ту пардохта ноле.
Чун зулфи ту шуд ҳоламу ин аз ҳама хуштар,
К-андар хами зулф ту дилам дорад ҳоле... [21, 188].

Аз муқоисаи ҳар ду қасида метавон хулоса кард, ки онҳо аз ҷиҳати сохтори мавзуиву мундариҷавӣ ва шаклӣ ба ҳам монанд буда, аз тарзи ифодаи мазмун, тасвирҳо ва истифодаи саноеи бадеӣ таъсирпазирии Сайид Ҳасан аз Муиззӣ равшан ба назар мерасад. Ягона тафовути байни қасидаи Муиззӣ ва ҷавоби Сайд Ҳасан дар шакли таориз ифода шудани андешаҳои шоири баъдӣ ва «мавриди ситоишу таъзим» карор гирифтани «соҳиби сухан худи шоир» [199, 351-353; 187, 190] мебошад. Ҳамчунин илова ба таориз бо Муиззӣ, Сайид Ҳасан ба Рашиди Ватвот ва Имодӣ низ мутаарриз шудааст, ки намунааш пораи зайл мебошад:

Аз лафзи матин маънии азбам чу бихандад,
Гӯйӣ, ки ҷаҳад берун аз санг зулоле.
Зинҳор чу Ватвоту Имодим мапиндор,

К-афсӯс бувад Исо бо хар ба ҷуволе.

Худ ҳукм ту кун, к-ин беҳ ё шеъри Муиззӣ,

К-эй бар суман аз мушк ба амдо зада холе [21, 190].

Ҳамин мурури кӯтоҳ собит мекунад, ки Сайид Ҳасани Ғазнавӣ мулаққаб ба Ашраф ба шеъри Муиззӣ таваҷҷуҳ ва назари хос дошта, ба баъзе қасидаҳои ӯ ҷавоб гуфтааст, ки далели пайравии ҳунариаш ба соҳиби шеъри сармашқ мебошад. Вале ин тарзи пайравии ӯ чунин маънӣ надорад, ки вай тамоман муқаллиди сабку равиши ҳунарии шеъри Муиззӣ бошад. Тарзи нигориши Сайид Ҳасани Ғазнавӣ аз Муиззӣ фарқ дошта, шинохту арзёбии он аз доираи баҳси мо берун мебошад.

Ҳамин тавр, аз таҳлилу арзёбиҳои анҷомгирифта хулоса ин аст, ки шеъри Муиззӣ барои шоирони баъди ӯ, аз ҷумла Рашидаддини Ватвот, Ҳаким Саноӣ ва Сайид Ҳасани Ғазнавӣ сармашқ буда, онҳо ҳар кадоме ба тарзу равиши хос ба шеваи нигориши ӯ пайравӣ кардаанд. Тарзу равиши хоси таъсирпазирӣ ва пайравии шоирони ёдшударо аз шеъри Муиззӣ, пеш аз ҳама, усули фарогирии мазмуну дарунмоя ва тарзи нигориш мушаххас месозад, ки ҳар кадоме ба қадри тавоноии худ анҷом додааст. Шоирони ёдшуда аз тарзи нигориши Муиззӣ, усули корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ ва алфозу таркибҳои хоси шеъри сармашқ истифода кардаанд, ки ин тамоюл гоҳо боиси ба вуҷуд омадани сирқоту таворуд ҳам гардидааст.

Шоири дигаре, ки аз муосирони Муиззӣ буда, бо ӯ робитаи амиқи эҷодӣ доштааст, Адиб Собири Тирмизӣ мебошад. Адиб Собир аз ҷумлаи шоиронест, ки «ба дақоиқи назари Муиззӣ ва мазомин ва мафоҳими ба кор рафта, дар шеъри вай чашм дошта ва ин иддаоро татаббуоти бисёри вай аз девони шеъри Муиззӣ исбот мекунад». Муаллифи «Ал-муъҷам...» Қайси Розӣ бо зикри мисоле аз сирқат ёд ва пайравии вайро ба Муиззӣ таъйид менамояд. Фурӯзонфар низ ба эътиқод ва «дастандозии» Адиб Собири Тирмизӣ ба ашъори Муиззӣ ишора кардааст [181, 143]. Ҳамчунин, Адиб Собир дар шеъраш аз Муиззӣ бо дилбастагӣ ёд карда, аз ҷумла дар байтҳои поён бо муҳаббат аввал

забону табъи худро ба забону табъи Рӯдакию Муиззӣ монанд карда, сипас дар аҳди худ ҳеҷ касро аз Муиззию Масъуди Саъди Салмон боло намегузорад:

Забону таби Муиззию Рӯдакист маро,

Санои давлати Салҷуқу оли Сомонро [5, 29].

Ва:

Ба аҳди худ шуароро тақаддуме надиҳам,

Ба ҷуз Муиззию Масъуди Саъди Салмон [5, 64].

Ин санадҳо далели он аст, ки Адиб Собири Тирмизӣ аз оғоз ба шеъри Муиззӣ таваҷҷуҳи хос дошта ва зери таъсири андешаву оро ва ҳунари тасвиргарии ӯ будааст. Далели ин татаббуот ва баҳрабардориҳои дигари Адиб Собир аз шеъри Муиззӣ мебошад. Амир Муиззӣ бо номи «Дар мадҳи Шарафуддин Абутоҳир Саъд ибни Исо» қасидае дорад, ки Адиб Собир ба он ҷавоб ё худ татаббуъ навиштааст. Ин ду қасида ҳамвазн ва ҳамқофия буда, аз ҷиҳати зарбу оҳанг низ ҳамсадову ҳамнаво мебошанд. Мазмуни ҳар ду қасида мадҳӣ буда, баъзе мушкилоти ахлоқиву иҷтимоиро низ дар бар мегиранд, ки Муиззиву Адиб Собир ба тарзи худ тасвир ва ба миён газоштаанд.

Дар қасидаи ҷавобии Адиб Собир ба ҷуз мисрае, ки аз Муиззӣ иқтибос кардааст, монандиҳои мавзуию тасвирии дигар низ ба назар мерасад. Муҳаққиқи эронӣ Муҳаммад Фозилӣ татаббуи қасидаи Муиззӣ будани қасидаи Адиб Собирро пай набурда, як мисраи Муиззиро, ки Адиб Собир айнан иқтибос кардааст, далел оварда, муаллифи сониро ба интиҳол айбдор мекунад. Дар асл, Адиб Собир бо риояи талаботи татаббуъ, ки гоҳо дар он байт ё мисрае аз муаллифи аслӣ иқтибос мешавад, фақат як мисраъро аз Муиззӣ иқтибос карда, дар ин замина ба шеъри сармашқ ҷавоб гуфтааст.

Қасидаи Муиззӣ бо байтҳои зерин оғоз меёбад:

Аё тани ту ҳамасола пеши руҳ фидо,

Ба сӯи модарат аз осмон расида нидо.

Чаро чу бараҳманон хештан ҳаме сӯзӣ,

Агар турост ҷуҳудона тайласону ридо... [31, 653].

Қасидаи Амир Муиззӣ аз панҷоҳ байт иборат буда, аз «ҳусни матлаъу мақтаъ ва лутфи тахаллусу адаби талаб» [198, 325] иборат мебошад. Шоир ҳусни матлаи қасидаро «лоиқи мақсуди хеш» ниҳода, онро бо калимоти равону зебо ва таъсиргузоре, мисли руҳ, фидо, модар, осмон, тайласон, гудохта, қатра, ҷисм, зулол ва ғайра оро додааст, ки бо сохтори мундариҷавии қасида таносуби комил доранд. Дар қасидаи зикршуда Муиззӣ «аз мадҳу мафохираву зам ва аз ин қабил масоил» [83, 291] сухан карда, матолиби дигар, аз қабили масоили ахлоқӣ, ҳикамӣ, динӣ ва монанди инҳоро низ ба тасвир кашидааст. Қасидаи Муиззӣ сохтори қавии мундариҷавӣ ва бадеӣ дошта, унсурҳои шаклии ташбиб ё насиб, муқаддима ё тағаззул, қисмати мадҳ ва поёни шеър-шарита ё дуо дар он дар таносуб бо якдигар корбаст шудаанд, ки далели маҳорати шоир дар ин замина мебошад.

Агар қасидаи Муиззӣ бевосита аз мадҳи мамдуҳ, ки онро маҳдуд ё муқтазаб меноманд [83, 292], шуруъ шуда бошад, татаббуи Адиб Собир бо муқаддимае оғоз мешавад, ки дар он маъшуқ дар муқоиса бо зебоиҳои табиат тавсиф карда шудааст. Инак, намунае аз татаббуи зикршудаи Адиб Собир:

Танам ба ишқ асир асту дил ба меҳр фидо,

Ҳаме ба гӯши манояд зи ҳарфи ишқ нидо.

Дилам фидо шуду чашмам надид рӯйи халос,

Халос нест асирони ишқро ба фидо.

Маломати ҳама олам марост аз пайи ишқ,

На расми ишқ ман овардаам дар ин дунё?... [5, 183-184].

Чунонки дар боло ишора шуд, Адиб Собир дар татаббуаш аз шеъри сармашқ, яъне қасидаи ёдшудаи Муиззӣ фақат як байтро иқтибос карда, мутаносибан бо мисраи худаш дар шакли зайл овардааст:

Ба сабри ман, санамо, он лаби чу пистаи ту

Ҳамон кунад, ки зумуррад ба дидаи афъо [5, 184].

Ба таъбири дигар, шоир дар татаббуи худ талаботи сохтори мундариҷавӣ ва шаклии шеъри сармашқро пурра риоя карда, татаббуъе сода, равон ва пурмаънӣ гуфтааст. Яке аз бартариҳои татаббуи Адиб Собир дар он аст, ки вай

дар қофия аксаран калимаҳои ҳамафаҳм, аз қабили нидо, фидо, дунё, тӯбо, шифо, вовайло, даъво, иншо, иҷро, ҳиҷо ва монади инҳоро ба кор гирифтааст, дар ҳоле ки Амир Муиззӣ бештар вожаҳои арабии душворфаҳм, монанди вардо, баҳдо, башро, ҳабо, заҳо, аъмо, ақсо, марзо, ақбо, суфло, басро, амло, шаъро, иззо, сафро, азҳо ва ғайраро кор фармудааст, ки то ҷое ба ҳамзарбиву ҳамоҳангии сохтори ҷомеи қасида халал ворид кардаанд.

Ҳам қасидаи Муиззӣ ва ҳам татаббуи Адиб Собир дар мавзуи мадҳ, ки хоси ин навъи шеъри он замон аст, суруда шудаанд. Шояд яке аз сабабҳои монандии мазмуну дарунмоя ва тасвирҳои ҳар ду асар дар ягонагии мавзуи он бошад. Вале ба назари мо омили аслии ба ҳам монанд шудани сохтори мундариҷавӣ ва шаклии ин ду асар тобеияти назари муаллифи дувум ба нусхаи сармашқ, яъне қасидаи Муиззӣ мебошад. Зайли намуна ба ташбиби ҳар ду қасида мурочиат менамоем.

Қасидаи Муиззӣ бо байти зерин оғоз меёбад:

Аё тани ту ҳамасола пеши руҳ фидо,

Ба сӯи модарат аз осмон расид нидо [31, 653].

Байти нахустини ташбиби татаббуи Адиб Собир ба тариқи зер аст:

Танам ба ишқ асир асту дил ба меҳр фидо,

Ҳаме ба гӯши ман ояд зи ҳарфи ишқ нидо [5, 183].

Вақте вожаҳои ҳар ду байт – тан, фидо, руҳ, модар, осмон, нидо, ишқ, асир, дил, меҳр, гӯш, ҳарф ва ишқро канори ҳам гузошта, бо мазмуни байтҳо муқоиса мекунем, монандии мазмуни онҳо равшан ба назар мерасад. Ҳамин гуна монандӣ дар идомаи қасидаи Муиззӣ ва татаббуи Адиб Собир низ ба назар мерасад, ки далели таъсирпазирии шоири баъдӣ аз қасида ва тарзи нигориши Муиззӣ мебошад. Чунин равиши таъсирпазирии Адиб Собир аз Муиззӣ дар дигар қасидаҳояш низ ба мушоҳида мерасад, ки бо он чи дар ин боб гуфта шуд, иктифо менамоем.

Аббос Иқболи Оштиёнӣ Анвариро бо Муиззӣ муосир шинохта, сипас баъзе ҳадсу гумонҳоро доир ба робитаи ин ду шоир ба баҳс мекашад. Аз ҷумла назари муаллифи «Таърихи Вассоф»-ро, ки ба қавли ӯ «зоҳиран ба шеъри

Муиззӣ иқболе надошта» [31, мим] оварда, сипас дар такя ба китоби ӯ байти зерини Анвариро:

Кас донам аз акобири гарданкашони назм,

К-ӯро сареҳ хуни ду девон ба гардан аст [31, мим]. –

иқтибос мекунад ва меафзояд, ки ба назари муаллифи «Таърихи Вассоф» «ғараз аз ин ду девон, ки гӯяд Муиззӣ онҳоро интиҳол намуда, девони Абулфараҷи Рунӣ ва Масъуди Саъди Салмон аст. Нигоранда бо ниҳояти тафаҳҳус тафсили ин тавҷеҳ аз байти Анвариро ҷуз дар «Таърихи Вассоф» дар ҷое дигар наёфтам ва надонистам, ки муаллифи ин китоб ба чӣ санад ин таъризи Анвариро дар ҳаққи Муиззӣ ва ғараз аз он ду девонро ҳам девони Масъуд ва Абулфараҷ дониста» [19, мим].

Аббос Иқбол ин андешаи муаллифи «Таърихи Вассоф»-ро ба далели он ки Анварӣ «худ шеъри Муиззиро бар сабили тазмин дар гуфтаҳои худ оварда» [19, мим] рад мекунад. Худи санади шеъри Муиззиро «дар гуфтаҳои худ» овардани Анварӣ далели эҳтиром ва эътимоди ҳунарии Анварӣ ба шахсияти инсонӣ ва ҳунари шоирии Муиззӣ буда, робитаҳои адабии онҳоро низ рақам мезанад. Илова ба ин, дар асоси гуфтаи муаллифи «Ал-муъҷам...» Шамси Қайси Розӣ метавон ба ин натиҷа расид, ки агар Анварӣ ба Муиззӣ эътимоди ҳунарӣ намедошт, ба шеъри ӯ пайравӣ намекард.

Ҳамин тавр, дар заминаи шеъри Анварӣ ва баъзе ишораҳое, ки дар кутуби балоғӣ доир ба ҳунари шоирии ӯ ба назар мерасанд, метавон ба ин натиҷа расид, ки вай ба шеъри Муиззӣ на фақат ҳамчун шоири тавоно назари ҳунарӣ доштааст, балки ба ӯ пайравӣ ҳам кардааст.

Барои савия ва моҳияти таъсирпазирии Анвариро муайян намудан қасидаи Муиззӣ «Дар мадҳи Абутоҳир Исмоил Сафӣ»-ро қиёсан бо татаббуи Анварӣ аз назар мегузаронем. Ташбиби қасидаи Муиззӣ бо байтҳои зер оғоз мешавад:

Расид иди ҳумоюну рӯза кард раҳил,

Ба ҷом дод фалак рушноӣ аз қандил.

Чу рушноии қандил боз гашт ба ҷом,

Сазад, ки ман ба ғазал боз гардам аз таҳлил.

Ғазал зи баҳри ғизоле ғизоларух гӯям,

Ки кард хаста диламро асири худ асбил...[31, 421].

Муиззӣ дар ин қасида Абутоҳир Исмоил Сафавирро мадҳ карда, як-як ҷамолу камол ва фазоили ӯро бармешуморад ва аз амалу кирдори ӯ чунин натиҷа мегирад:

Кушодарӯю кушода дилу кушода кафаш,

Зи молу ҷоҳ бар озодагон кушода сабил [31, 421].

Анварӣ дар вазне дигар, вале бо ҳамон қофия бар қасидаи Муиззӣ татаббуъ навишта, ҳамон мазмуни мадҳӣ ва ситоишгариро ба тарзи дигар иҷро кардааст. На фақат мазмуну дарунмояи татаббуи Анварӣ ба қасидаи Муиззӣ монанд аст, балки баъзе байтҳои қасидаи Муиззиро бо ҳифзи мазмуни асл тазмин кардааст. Аз ҷумла, байти зерини қасидаи Муиззӣ-

Агар дар додани рӯзӣ кафил хоҳад даҳр,

Кафаш ба додани рӯзӣ кифоят аст кафил [31, 421]-ро ба шакли зайл тазмин кардааст:

Эй салоҳияти оламро килки ту замон,

Ризқ зарест одамро кафи ту кафил [26, 143].

Ба ҳамин тартиб, қофияҳои татаббуи Анварӣ, монади қандил, далел, тафзил, сабил, кафил, сақил, алил, таҳвил ва монанди инҳо бо қофияҳои қасидаи Муиззӣ ҳамсон ва зарбу оҳанги якхела доранд. Чунонки ба мушоҳида мерасад, на фақат дар татаббуи Анварӣ вожаҳои қофиясози қасидаи Муиззӣ такрор шудаанд, балки ҳарфҳои сокин (қайд) «ба ҳарфе дигар мутабаддил» [199, 209] нашудаанд, яъне дар ҳадду ҳақиқати ҷобаҷокунии қофия Анварӣ тобеи тарзи нигориши Муиззӣ будааст, ки далели пайравии содиқона ба шеъри сармашқ мебошад.

Ҳамчунон ки Муиззӣ дар баъзе сафарҳои шоҳони вақт ҳамроҳ будааст, Анварӣ низ боре дар ҷараёни лашкаркашии Санҷар ба тарафи Хоразм иштирок менамояд. Дар ин сафар дар мадҳи шоҳ шеъре мегӯяд, ки бо қасидаи Муиззӣ «Дар мадҳи шоҳ», яъне Санҷар ҳамрадиф буда, бо мисраъҳои зайл сар мешавад:

Эй шоҳ, ҳама мулки ҷаҳон ҳасб турост,

В-аз давлату иқболи ҷаҳон касб туростִ.

Имрӯз ба як ҳамла Ҳазорасб бигир,

Фардо Хоразму сад Ҳазорасб турост [26, 234].

Қасидаи Муиззӣ, ки дар мадҳи Санҷар гуфтааст, бо байтҳои зерин оғоз мешавад:

Эй хусраве, ки машриқу мағриб ба ҳам турост,

В-эй доваре, ки ҳам арабу ҳам аҷам турост.

Дар шарқу ғарб халқи Худо ҷумла шокиранд,

Фазли худою раҳмати ӯ лоҷарам турост [31, 113].

Муқоисаи кӯтоҳе монандиҳои зиёдеро миёни ин таълифоти Муиззӣ ва Анварӣ ошкор менамояд. Ҳатто байти аввали шеъри Анварӣ ҳамон маъниву мазмунеро дар бар мегирад, ки Муиззӣ дар байти аввали ташбиби қасидааш фаро гирифтааст. Маънӣ ҳамон, фақат вожаҳои дигар интихобу корбурд шудаанд, мисли ба ҷои «хусрав»-и Муиззӣ «шоҳ», ба ҷои «машриқу мағриб», «давлату ҷаҳон» ва монанди инҳо.

Шоири дигаре, ки дар ин давра равиши хосси татаббуъсароиро дунбол кардааст, Асириддини Ахсикатӣ мебошад. Асириддин аз шеъри шоирони зиёде, мисли Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Ғазоирии Розӣ, Қатрони Табрезӣ, Амъақи Бухороӣ, Мухтории Ғазнавӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Анварии Абевардӣ, Хоқонии Шервонӣ, Низомии Ганҷавӣ, Рашидаддини Ватвот ва дигарон пайравӣ намудааст.

Асириддин як қасидаашро, ки бо байти

Зиҳӣ сар бар хати фармони ту афлоку арконро,

Чу чобукдаст меъморест лутфат олами ҷонро [187, 22]. –

сар мешавад, дар пайравӣ ба байти Қатрон:

Худовандо, ту Қатронро зи ҳар кас дӯсттар дорӣ,

Валекин дертар бахшӣ зи ҳар кас чиз Қатронро [72, 34]. –

навиштааст. Ҳамчунин вай қасидаи Манучеҳрӣ «Шамъ»-ро истиқбол карда, дар пайравии мусаммати ӯ, ки бо байти

Хезеду хаз оред, ки ҳангоми хазон аст,

Боди хунук аз ҷониби Хоразм вазон аст [187, 43]. –

оғоз мешавад, ғазале навиштааст, ки байти

Хезеду хаз оред, ҳангоми баҳор аст,

Рухсори арӯсони чаман ҳамчу нигор аст [187, 44]. –

матлаи он мебошад.

Асириддини Ахсикатӣ ба шеъри Фаррухӣ низ татаббуъ навиштааст, ки байти зер аз он аст:

Чунон макун, ки дар он қитъа Фаррухӣ гӯяд:

«Ҳамеравию ман аз рафтани ту нохушнуд» [187, 182].

Ин шоир ба шеъри Ҳаким Мухтории Ғазнавӣ низ назар дошта, ба чаҳор қасидаи ӯ татаббуъ навиштааст. Масалан, ӯ дар қасидае, ки матлааш байти - Биномезад, биномезад, зиҳӣ хуршеди гулрангаш, Ба харворон шакар пинҳон шуда дар пистаи тангаш, – аст, Мухтории Ғазнавиро истиқбол менамояд, ки матлаи қасидаи ӯ байти зер аст: Мусулмон куштан оин кард чашми номусулмонаш, Ба нӯки новаки мижгон, ки пурзаҳр аст пайконаш [187, 183]. Ҳамин тавр, Асириддин ба қасидаҳои зиёди Мухторӣ татаббуъ навиштааст, ки далели ихлосу иродати ӯ ба ин шоир мебошад.

Асириддини Ахсикатӣ ба шеъри Анварӣ низ таваҷҷуҳи хос дошта, ба баъзе қасидаҳои ӯ татаббуъ навиштааст, ки намунааш байти ӯ-Зиҳӣ унсури ҷавҳарофаринаш, Туӣ руҳ дар пайкарофаринаш, мебошад, ки дар истиқболи қасидаи Анварӣ, ки бо байти – Зиҳӣ дасти ту бар сар офаринаш, Вуҷуди ту сари дафтар баринаш, – сар мешавад, эҷод кардааст [187, 186]. Ҳамчунин, байтҳои зер аз ду ғазали Асириддин ва Анварӣ низ дар таъйиди таваҷҷуҳи ин шоир ба шеъри Анварӣ мебошад:

1. Аз Анварӣ:

Корам зи ғамат ба ҷон расидаст,

Фарёд бар осмон расидаст [26, 716]

****

Эй рӯйи ту ояти накӯӣ,

Ҳусни ту заволи хубрӯӣ [26, 941].

2. Аз Асириддин:

Кори ситамат ба ҷон расидаст,

Ин корд ба устухон расидаст [187, 333].

****

Ҷоно, ҳама ояти накӯӣ

Дар шаъни ту омадаст гӯӣ [187, 402].

Ҳамчунин, Асириддин ба қасоиди Сайид Ҳасани Ғазнавӣ низ татаббуъ навиштааст, ки намунаашро аз ҳар ду дар зер иқтибос менамоем:

Аз Сайид Ҳасан:

Фасона гашт ба як бор достони карам,

Бурида шуд пайи ҳоҷат зи остони карам.

Ба бӯйи фазлу карам хонумон раҳо кардам,

Ки рӯйи фазл сияҳ боду хонумони карам [21, 117]

Аз Асириддин:

Зи хони Ашраф як байт залла баргирам,

Зи пардаҳои фалак бигзарад фиғои карам.

«Ба бӯйи фазлу карам хонадон раҳо кардам,

Ки рӯйи фазл сияҳ боду хонумони карам»

Камар барои карам бар миёни ҷафо бастам,

Ки баста бодо зуннор бар миёни карам [187, 211-212].

Асириддин қасидаҳои фахрияи дигар низ дорад, ки дар истиқболи қасидаҳои Сайид Ҳасан навишта шуда, дар ин замина вай ба ду қасидаи Хоқонӣ ҳам татаббуъ навиштааст. Матлаи татаббуи Асириддин, ки дар заминаи қасидаи Хоқонӣ сурудааст, ин аст:

Эй ақл, ханҷари туву новардгоҳи ҷон,

Беруни ҷаҳон саманди камол аз пули ҷаҳон [187, 250].

Матлаи қасидаи Хоқонӣ бо байти зер сар мешавад:

Вақти вафост дар бунаи охируззамон,

Ҳон, эй ҳаким, пардаи узлат бисоз, ҳон! [187, 434].

Ҳамин тавр, аз мурури кӯтоҳе, ки анҷом гирифт, метавон ба ин натиҷа расид, ки пайравии шоирон аз шеър ва тарзи нигориши Унсуриву Фаррухӣ, Муиззӣ ва шоирони дигар, на фақат санади таъсиргузор ба муҳити адабӣ мебошад, балки хусусиятҳои татаббуоти шоирони мавриди назар ва ҳусну қубҳи чунин таълифоти онҳоро низ мушаххас месозад. Шоирони давраи мазкур асосан, ба қасоиди салафҳояшон пайравӣ карда, дар ин замина аз тарзи нигориш ва усули таҳкиявию мадҳии сабки онҳо истифода кардаанд, ки моҳияти ҷустуҷӯҳои онҳоро дар такмили сохтори мундариҷавӣ ва бадеии чунин ҷавобияҳо нишон медиҳад.

Аз раванди ҷустуҷӯҳои дар ин боб анҷом ёфта, мо ба хулосаҳои зерин омадем.

1. Дар замони мавриди таҳқиқ шоирони зиёде ба шеъри ҳамдигар ҷавоб гуфтаанд, вале дар ин миён, беш аз ҳама тарзи нигориши Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва баъзе шоирони дигар мавриди назар будааст. Таҳқиқи муқоисавӣ собит сохт, ки раванди таъсирпазирӣ аз шеъри шоирони ёдшуда фаротар аз тасаввур буда, дар ин замина таҷрибаи Амир Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Азрақии Ҳиравӣ ва чанде дигар қобили мулоҳиза мебошад.

2. Ба далели он ки Унсурӣ «ҷавоҳири ҳунар ва ҷавҳари арзи фазл» (Муҳаммад Авфӣ) буда, шеъри Фаррухиву Азрақӣ «софу поку гуворо», «мулоиму латиф» (Дабири Сиёқӣ) ва тасвириву пурмоя будааст, шоирони баъдӣ ба онҳо сидқан пайравӣ намудаанд, ки дар ин миён татаббуоти Амир Муиззӣ намунаи беҳтарин мебошад.

3. Истиқболи Амир Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Масъуди Саъди Салмон ва Азрақӣ аз шеъри Унсуриву Фаррухӣ, Асҷадӣ ва шоирони дигар ва пайравӣ ба қасоиди онон ҳодисаи тасодуфӣ набуда, пеш аз ҳама ба робитаи зеҳнӣ ва ҳунарии онон алоқаманд мебошад. Амир Муиззӣ ва пешгузаштагони вай дар ин раванд даставвал мутаваҷҷеҳи «саломат ва фасоҳати осон ва саҳл»-и тарзи нигориши шоирони ёдшуда буда, шириниву равонии баёни саҳли мумтанеъ, мусиқии латифу хушоҳанг, ки дар содагии алфоз ва таъсиргузории маонии

каломи шоирони соҳиби шеъри сармашқ ифода шудааст, ӯро гирифтор ва ба татаббуи шеъри онон во доштааст.

4. Татаббуоти Муиззӣ, Азрақӣ, Масъуди Саъди Салмон ба қасоиди Унсуриву Фаррухӣ бо корбурди воситаҳои тасвир, аз ҷумла забон имтиёз дошта, забон дар таҷрибаи ин шоирон барои шинохт ва тафсиру таъбири ҷаҳони воқеъ истифода шудааст, моҳияти таомулии иҷтимоӣ дорад. Ҳамчунин, дар сохтори таомулии мундариҷаи татаббуот шоирони ёдшуда аз воситаҳои забонӣ, монанди мубтадо, хабар, сохти иттилоотӣ, авомили ғайрисохторӣ, назирӣ, ирҷоъ, ҳазф, ҷойгузинӣ, адоти рабт ва инсиҷоми вожагон ҳадафмандона истифода карда, дар ин замина паёми худро ироа кардаанд, ки ба паём ё хостаи шоирони шеъри сармашқ монанд набуда, тозагиҳои чашмрас дорад.

5. Таҷрибаи Муиззӣ, Азрақӣ, Масъуди Саъд ва шоирони дигаре, ки ба шеъри Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ ҷавоб гуфтаанд, собит месозад, ки пайравии онон фақат пайравӣ ба шеъри сармашқ набуда, балки баёнгари мустақилияти фикриву ҳунарӣ ва таъсирпазириву баҳрагирӣ аз таҷрибаи судмани адабӣ низ мебошад.

6. Таҷрибаи Унсурӣ, Фаррухӣ, Муиззӣ ва баъзе шоирони дигар заминаи воқеиро барои пайравии эҷодкорона ва ҳунармандона ба вуҷуд овард, ки дар ин замина усулҳои пайравию таъсирпазирии Рашидаддини Ватвот, Ҳаким Саноӣ, Ҳасани Ғазнавӣ, Адиб Собири Тирмизӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва монанди инҳо аз бисёр ҷиҳатҳо тозагӣ дорад. Пайравии шоирони ёдшуда ба шеъри Унсурӣ, Фаррухӣ, Муиззӣ ва шоирони дигар фақат санади таъсиргузор ба муҳити эҷодӣ намебошад, балки баёнгари мухтассоти андешаву оро ва ҳунари шоирони зикршуда ва ҳусну қубҳи таҷрибаи онҳо низ мебошад. Шоирони зикршуда ба ашъори пешиниён пайравӣ карда, дар ин раванд на фақат аз тарзи нигориш ва усули таҳкиявию мадҳии тарзи нигориши онҳо истифода кардаанд, балки дар ташаккул ва таҳаввули сохтори мундариҷавию жанрӣ ва бадеии татаббуот низ нақши мондагор гузоштаанд.

## Боби III. Хусусиятҳои сохтори мундариҷавӣ, бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирон дар асрҳои XI-XII

### 3.1. Мундариҷаи татаббуоти ин давра ва зинаҳои таҳаввули он

Вақте ки дар бораи мундариҷаи татаббуоти шоирони давраи мазкур меандешем, пеш аз ҳама, диққати мо ба фикр ва маънои ҳоким дар ин намуди шеър равона мегардад. Дар воқеъ, шинохти амиқи хусусиятҳои сохтори мундариҷавии татаббуоти шоир ба дарк ва фаҳми ҳоким ва мусаллат бар сохтори мундариҷавии ин намуди осори ӯ вобастааст, ки унсури асосии он мазмун ва дарунмоя мебошад. Аз ин назар, мазмун ва дарунмоя дар таҷрибаи татаббуъсароии шоирон сохтори ҷомеи мундариҷавии шеъри онҳоро ташкил медиҳад, ки мавзуи мавриди назари шоирро таҳким бахшида, дар маҷмуъ асарро ба ваҳдати ҳунарӣ савқ медиҳад. Афзун бар ин, агар аз қавли Овнер Зис бигӯем, «Андешаҳо дар ҳунар ҳамеша ба воситаи масолеҳи мушаххасе, ки аз зиндагӣ ахз шуда ва мазмуни асарро месозанд, иблоғ мешаванд. Мазмун иборат аз силсилаи падидаҳои мохуз аз зиндагӣ аст, ки дар як асари хос тасвир мешаванд. Мазмун сирфан масолеҳи мохуз аз зиндагӣ нест, балки ҷанбаҳое аз ин масолеҳ низ ҳаст, ки дар асар мавриди ворасӣ қарор гирифта ва ба хонанда, бинанда ва шунаванда арза мешавад» [85, 121]. Аз ин назар, мазмун ва дарунмояи қасидаҳои татаббуии шоирони ин давра, аз ҷумла Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Рашиди Ватвот, Масъуд Саъди Салмон, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва баъзеи дигар пурвусъат буда, сохтори онро тарзи тасвир, таъбир ва тафсири шоир аз воқеиятҳо ва сарнавишти инсонҳо мушаххас месозад.

Шоирони ёдшуда, чунонки аз мундариҷаи татаббуоташон бармеояд, аз баёни сареҳи мавзуъ ва дарунмояи мавриди назар парҳез карда, барои тасвир ва ташреҳи онҳо аз шеваҳои хоси ҳунарӣ кор гирифтаанд, ки дар шаклгирии он вазъи замон ва омилҳои касбии шоеъ дар замони зиндагиашон таъсиргузор мебошад. Ба ин далел, вақте дар бораи мундариҷа, яъне мазмун ва дарунмояи татаббуоти шоирони ин давра сухан мекунем, воқеияти ҳаёти адабии давраро низ бояд ба назар гирифт. Яъне, фақат дар заминаи мазмуни мадҳии осори

шоирон мо ҳақ надорем, ки онро «шоири дарборӣ ва зоҳиран фоқиди таҳзиби илми олӣ» [76, 112] ба шумор оварем ва «аз навъе ҳаловати табиӣ»-и [76, 112] осорашон, ки баёнгари қареҳаи шоирӣ ва андешаи созандаи онҳост, сарфи назар кунем. Фоидаи умдае, ки дар қатори дигар анвои шеър, аз қасидаву татаббуоти шоирони зикршуда ба даст меояд, чунонки Абдулҳусайни Зарринкӯб гумон кардааст, фақат ба «порае иттилооти марбут ба рӯйдодҳои таърихӣ, дастабандиҳои роиҷ дар дарборҳо...» [76, 116] маҳдуд намешавад, балки вазъи иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва равонии ҷомеа ва табақоти мустабиду таҷовузгари он замонро низ ба хубӣ инъикос менамояд.

Ҳамин тавр, вақте ки дар бораи осори яке аз шоирони давраи мазкур – Амир Муиззӣ, бахусус татаббуоташ сухан меронем, пеш аз ҳама, чеҳраи шоире мадеҳагӯ ва қасидапардоз пеши назар меояд. Дар даврае, ки ӯ зиставу эҷод кардааст, қасида аз роиҷтарин анвои шеър маҳсуб шавад ҳам, мундариҷаи тамоми осори ин шоирро наметавон мадҳӣ шумурд, балки ӯ ба ғайр аз мадҳ мазмун ва дарунмояи дигарро низ дар ин намуди осораш сабт кардааст.

Шамси Қайси Розӣ дар таърифи қасида ва мазомини роиҷ ва мутаносиби он навиштааст: «Ва иштиқоқи (баромади) қасида аз қасд аст ва он таваҷҷуҳ ва рӯй ниҳодан аст ба чизе ва ҷое. Ва мақсуд маҳалли қасди мардум аст ба талабу таҳсилу гуфтану кардани он. Пас қасида фоиле аст ба маънии мафъул, яъне мақсуди шоир аст ба эроди маонии мухталифу авсофи мутафарриқ аз мадҳу ҳиҷою шукру шикоят ва ғайри он ва «ҳо»-и дар охири қасида аз барои он аст, то далолат кунад бар ваҳдати он, чунонки шаиру (ҷав) шаира ва забеҳу (гулӯбурида) забеҳа» [199, 165]. Чунонки мебинем, Шамси Қайс мадҳро нахустин мазмуни роиҷ дар қасида шумурдааст. Равшантарин далел девони бисёре аз шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ, аз ҷумла девони Муиззӣ мебошад, ки мавзуъ ва дарунмояи асосии татаббуоташ мадҳро дар бар гирифтааст. Ба ин далел, дар масъалаи дастабандии мавзуоти қасида аксари донишмандони соҳа ба ин нукта такя кардаанд. Аз ҷумла, Эдуард Браун вақте хостааст, ашъори форсии тоҷикиро аз назари мавзуъ ва маънӣ тақсимбандӣ кунад, аввалин мазмуне, ки барои қасида шинохтааст, мадҳ мебошад [62, 213].

Ҳамин тавр, муқоисаҳо нишон медиҳад, ки мавзуи асосии татаббуоти Амир Муиззӣ ва шоирони дар фавқ ёдшуда мадҳ буда, ин мавзуъ сохтори асосии мундариҷавии осорашонро мушаххас менамояд. Шоирон аксаран барои мақсуди худ султону шоҳзодагон ва дигар арбоби ҷоҳ ва мақому қудратро меситоянд, ки ин мавзуъ бунмояи татаббуоти онҳоро ташкил медиҳад. Тасвири ин мавзуъ яке аз воситаҳое низ будааст, ки шоирони татаббуъсаро иртиботашонро бо ашхоси гуногун мушаххас созанд. Ба илова, аз хилоли абёти қасоиди татаббуӣ мавзуъ ва масъалаҳоеро низ метавон берун кашид, ки аҳвол ва сифоти баъзе аз шахсиятҳои таърихиро ба хонанда менамоёнанд. Аз ин ҷиҳат, шинохт ва тасвиру тавсифи ҷузъиёти вақоеъ, макону замон ва сифоти ашхос яке аз хасисаҳои татаббуоти шоирони ёдшуда мебошад. Вақте татаббуоти мадҳии шоиронро аз назар мегузаронем, феҳристи номи шахсиятҳое рӯйи даст меояд, ки шоирон дар замони хидматаш дар дарбори ғазнавиҳову салҷуқиҳо бо онҳо робитаи бевосита дошта ва сарнавишти онҳо мавзуи асосии ин гуна осорашон қарор гирифтааст.

Ба ин далел, тасвир ва тавсифи мамдуҳон унсури асосии сохтори мундариҷавии қасидаҳо ва татаббуоти Амир Муиззӣ буда, аз мадҳи султон Маликшоҳи Салҷуқӣ ва рафтани ӯ ба меҳмонӣ назди хоҷа Низоммулмулк шуруъ шуда, сипас ба ин тартиб идома меёбад: дар мадҳи султонуссалотин султон Санҷар, дар мадҳи Маликшоҳ ва таҳнияти фатҳи Самарқанд, дар мадҳи малик Санҷар ва хоҷа Муйидуддин Алӣ Муинулмулк ноиби Фахрулмулк дар вазорати он мулк, дар ситоиши Тоҷиддин хотун - модари Санҷар ва султон Муҳаммад, дар мадҳи Низомулмулк Ябғубек Муҳаммад ибни Сулаймон Кошғарӣ вазири султон Санҷар, дар таҳнияти валодати фарзанди султон, дар ситоиши малик Санҷар, дар мадҳи Сайидурруас Муинулмулк Абулмаҳосин Муҳаммад ибни Камолуддавла Фазлуллоҳ ноиби девони иншо ва туғрои Маликшоҳ, дар мадҳи Абусаид Муҳаммад ибни Мансур ибни Муҳаммад (ду қасида), дар мадҳи Маҷдуддавла Насирулмулк Тоҷиддин Абумуҳаммад Манеъӣ, дар мадҳи Амидуддавла Ҷамшед ибни Баҳманёр, дар мадҳи Ҷамолиддин Абулвафо, дар мадҳи Камолуддавла Абуризо Фазлуллоҳ ибни

Муҳаммад, дар мадҳи Амирзода Муинуддавла, Абузоҳир Муттаҳар ибни Алӣ Алавӣ, Ҷамолиддин ибни Абуҷаъфар Сиққатулмулк Ораз, Киё Абулфатҳ Муҷирулмулк Муайидуддин Алӣ ибни Ҳусайн Ардистонӣ, Абубакр Шамсушшараф, Соҳиб Умар ибни Фахруддин ибни Зайнулмаолӣ, хоҷа Шаҳобиддин Абубакр Абдуллоҳ Муйиддулмулк ибни хоҷа Низомулмулк (ду қасида), Шарафулмулк Абусаид Муҳаммад ибни Мансур, хоҷа Низомулмулк, хоҷа Муйиддулмулк ибни хоҷа Низомулмулк, дар ситоиши подшоҳ, султон Баҳромшоҳи Ғазнавӣ, хоҷа Муинуддин Мухтассулмулк Абунаср Аҳмад ибни Фазл ибни Маҳмуди Кошӣ, киё Муҷируддавла Алӣ ибни Ҳусайн Ардистонӣ, дар мадҳи яке аз вузаро, Фахрулмаолӣ Абуалӣ Шарафшоҳ Ҷаъфарии Қазвинӣ, Абуҷаъфар Муҳаммад ибни хоҷа Низомулмулк, султон Маликшоҳ, дар ситоиши Маликшоҳ, дар мадҳи яке аз муншиён, султон Маликшоҳ, Сайидурруасо Муинулмулк Абулмаҳосин Муҳаммад ибни Камолуддавла, хоҷа Абулфатҳ Музаффар Фахрулмулк ибни хоҷа Низомулмулк, султон Санҷар, боз султон Санҷар, Малик Арслон Арғу бародари Маликшоҳ, султон Маликшоҳ, дар мадҳи Маликшоҳ пас аз дафи фитнаи Хуросон, таҳнияти фатҳи султон Маликшоҳ дар Туркистон, Санҷар, Алоуддин Баҳоуддавла, Шамсулмулк Алӣ ибни Шаҳриёр ибни Қорун, Шарафуддин Абутоҳир Саъд ибни Алии Қумӣ, Сайидулмулк Умар Орази Хуросон, дар таҳнияти меҳмонӣ рафтани малик Санҷар ба хонаи Муҷируддавла Ардистонӣ, Камолулмулк Абуҷаъфар Муҳаммад ибни Аҳмад, Муинулмулк писари Камолуддавла Абуризо, амир Алоуддавла Алӣ ибни Шамсулмулк домоди Ҷуғрибек, Абутоҳир Исмоил Сафӣ, Ҳисомуддин Алоулмулк Абумузаффар Шамсулмаолӣ Исмоил ибни Муҳаммади Гелакӣ, Сафӣ султон Абутоҳир Исмоил, Зулсаодот Малик Фахрулмаонӣ Абуалӣ Шарафшоҳ Ҷаъфарӣ малики Қазвин, хоҷа Низомиддин Абулфатҳ Музаффар Фахрулмулк ибни хоҷа Низомулмулк, Абулқосим Имоддулмулк ибни хоҷа Низомулмулк, дар мадҳи раиси Хуросон Тоҷиддин Мунйъ ибни Масъуд, дар таҳнияти фатҳи Шом ба дасти Маликшоҳ, дар таҳнияти мурoҷиати Маликшоҳ аз Самарқанд, дар шукргузорӣ дар эътои хилъат, дар таҳнияти иди Фитр ва мадҳи Маликшоҳ, дар табрики иди Азҳо ва мадҳи султон Санҷар,

Муғайиссуддин Маҳмуд ибни Муҳаммад ибни Маликшоҳи Салҷуқӣ, дар таҳнияти эътои хилъат аз тарафи Маликшоҳ ба Баҳоуддин Наҷмуддавла Усмон, Абусаид Зайнулислом Муҳаммад ибни Наср ибни Мансур, дар таҳнияти мурочиъати султон Санҷар аз Бағдод ба Нишопур, Муинуддавла амири Бағдод, дар мадҳи халифаи Бағдод, дар мадҳи амир Арслон Арғу, дар мадҳи Шамсуддин Шаҳобулислом Абдурразоқ бародари хоҷа Низомулмулк, дар мадҳи яке аз мамдуҳини падари худ гӯяд, сайид Абуҳошим Алавӣ, дар таҳнияти мурочиъати Санҷар аз ҷанг, дар мадҳи султон Санҷар ва фатҳи Ғазнин, дар мадҳи султон Санҷар ва ҷанги Сова дар 12 ҷимодулаввали 513 ва ғайра.

Зикри мадҳияҳо ва таҳниятҳои Амир Муиззӣ ва исми мамдуҳон чунин маънӣ надорад, ки мазмуни ин қасидаҳову татаббуотро фақат мадҳи салотину умаро ва шоҳу вазирон ташкил медиҳад. Дар асл, шоир дар ҳар қасида ё татаббуъ дар баробари таҳнияти шахсияти мавриди назараш масъалаҳои дигар, тасвири табиат, хушгузаронии умр, ҳифзи аҳкоми шаръӣ, устувории пояҳои исломият, ҳамчунин мавзуоти ҳикамӣ ва ахлоқиро низ ба муҳокима мекашад. Аз ин назар, яке аз мавзуъҳои асосии қасоид ва татаббуоти ӯ дар баробари таҳнияту шукргузорӣ ва тамаъ аз салотин мавзуи инъикоси воқеаҳои таърихӣ, аз ҷумла ҳодисаҳои хунини ҷангӣ ва кашмакашҳои ҷоҳталабона миёни шоҳон мебошад.

Сулолае, ки Амир Муиззӣ ба шоҳони номдораш Маликшоҳу Санҷар хидмат кардааст, дар нимаи дуюми асри ёздаҳ ва нимаи аввали асри дувоздаҳ аз пурқувваттарин хонадон дар Хуросону Эрон буд ва салотинаш барои вусъати хоки кишвар, истило ва ба тобеияти худ даровардани кишварҳои ҳамсоя бардавом ба сафарҳои ҳарбӣ ва тохтутозҳои ҷангӣ мекӯшиданд. Бахусус, Маликшоҳ бо сулолаи Қарохониён ва султон Санҷар бо Ғазнавиён мунокишаи доимӣ доштанд. Яке ҳар гоҳе аз Исфаҳон сӯи Самарқанд лашкар мекашиду дигаре аз Марв ба Ғазнин тохтутоз мекард. Дар ин муборизаҳо аксаран, султонҳои Салҷуқӣ ғолиб меомаданд ва бо ғаноими ҷангӣ бармегаштанд.

Дар аксари ин юришҳо ё тохтутозҳои ҳарбӣ Амир Муиззӣ ба сифати шахси маъмури дарбор ва восифи хосаи султон шахсан, ширкат варзида, рафти

воқеиятҳоро аз ибтидо то интиҳояш ба тасвир мегирифт ва футуҳоти султонро васф мекард. Аз баъзе қасидаҳо ва татаббуоташ бармеояд, ки гоҳо дар чунин юришҳо иштирок накарда, аммо дар ин мавридҳо назарашро аз маросими гусели лашкар, ки натиҷаи мушоҳидаи худаш ва ё ёддошти дигарон будааст, ба тасвир гирифтааст. Аз ин назар, воқеиятҳои таърихӣ ва хунини он рӯзгор дар аксари татаббуоташ, ки ба қасидаҳои Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ навиштааст, ёдрас ва ё бо ҷузъиёте ба тасвир омадаанд, ки асоси сохтори мундариҷавии ин қабил асарҳои ӯро ба ҳам меоваранд.

Унсурӣ дар мадҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ қасидае дорад, ки бо ташбиби зерин шуруъ мешавад:

Шаҳриёри додгустар хусрави моликрикоб,
Он ки дарё ҳаст пеши дасти эҳсонаш сароб.
Осмон ҷуд гашту ҷуд моҳи осмон,
Офтоб мулк гашту мулк чархи офтоб.
Бингар акнун бо худованди ҷаҳон шоҳи замин,
Ҳар саре андар Хуросон зайбате дорад шитоб.
То шитобон зи Хуросон омад аз сӯи Ироқ,
Чун физояд бандагонро қадри мулку ҷоҳу об... [23, 285].

Амир Муиззӣ ба ин қасидаи Унсурӣ бо номи «Дар мадҳи Фахрулмаолӣ Абуалӣ Шарифшоҳ Ҷаъфарии Қазвинӣ» татаббуе навишта, назарашро дар бораи ин шахсияти дарбори шоҳ баён кардааст. Аз матни татаббуъ бармеояд, ки ин шахсият ҳокими шаҳри Қазвин буда, нақши қобили мулоҳизае дар таҳкими ободии ин шаҳр ва осудагии сокинони он гузошта будааст. Ҳамчунон ки Унсурӣ дар қасидааш корномаи Маҳмудро тавсиф кардааст, Амир Муиззӣ низ аз будани ин шахсият тамҷид карда, «Ҷоҳу ҳашмат нест илло дар ҳумоюн даргаҳаш» мегӯяд ва меафзояд:

Хоки ҳомун бо вуҷудаш бартар аз авҷи Зуҳал,
Ганҷи Қорун пеши ҷудаш камтар аз пури зубоб...
Кай рабоянд аз ту шоҳон гӯй ҳаноми набард,
То ту дорӣ рӯзи майдон офтоб андар шаҳоб.

Эй ҳамеша пеши тадбири ту шоҳон чун абид,

В-ей ҳамеша пеши шамшери ту шерон чун калоб.

То ки ҷуди ту ба Қазвин нест як сокин фақир,

То ки адли ту ба Қазвин нест як маскан хароб...

Шаҳргиру даргушойу динпарасту кинситон,

Мулкдору мулкбахшу комҷӯйу комёб [31, 75].

Амир Муиззӣ дар идомаи татаббуъ аз сифатҳои неки инсонии мамдуҳаш, аз ҷумла сарпаноҳи аҳли адаб будани он, дастгириаш аз онҳо, хислатҳои илму адабдӯстиву қадршиносӣ ёд карда, сипас ҳолу аҳволи худашро менамояд ва барои ба ӯ паноҳ додану ёрӣ расонданаш аз ӯ сипосгузорӣ карда, дар анҷоми татаббуъ бо самимият ва пурэҳсос дар ҳақи ӯ ба тариқи зайл сухан мекунад, ки намунааш байтҳои зер мебошад:

Хусраво, будам дар ин буқаб ғарибу навсафар,

Бар ғарибу навсафар ногоҳ ғурон шуд ғуро.

Пушт чун пушти ятими бепадар дар ангор,

Чашм чун чашми ғариби навсафар дар инсикоб.

Ба вафояш буд даъвӣ аз қазову аз қадар,

Нест касро бо қазову бо қадар ҷангу итоб.

Чанд гирам ман ҳисоби умри ӯ панҷоҳу шаш,

Нест дидораш маро рӯзе ило явмулҳисоб... [31, 75].

Унсурӣ дар мадҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ қасидаи дигаре дорад, ки дар он аз шуҷоату сафшиканӣ ва диловарию пайкорҳои Маҳмуд сухан меравад. Тасвир ва васфи муболиғаомези Унсурӣ аз хусусияти хосси тарзи нигориши ӯ дар чунин қасидаҳо мебошад. Аз қасидаи зикршуда чанд байтеро иқтибос менамоем:

Аё шунида ҳунарҳои хусравон ба хабар,

Биё, зи хусрави машриқ аён бубин ту ҳунар.

Дурӯғ зери хабар дону рост зери аён,

Агар дурӯғ чу некӯе рост некӯтар.

Агар ба талъат гӯйӣ хуҷаста талъати ӯ,

Ҳаме зи талъати хуршед беш дорад фар.

Аз он ки талъати ӯ сар ба сар ҳама нафъ аст,

Бувад зи талъати хуршед гоҳ-гоҳ зарар... [23, 113].

Худойгонийу озодагийу давлату дин,

Бузургвор бад-ӯ гашт чун шаҷар ба самар [23, 130].

Амир Муиззӣ дар пайравии ин қасидаи Унсурӣ дар мадҳи Санҷар қасидае навиштааст, ки ҳар ду қасида вазни ягона дошта, қофияҳояшон гуногун бошад ҳам, аз ҷиҳати мазмуни васфӣ ва умуман, мазмуну дарунмоя ҳамсон мебошанд. Татаббуи Амир Муиззӣ бо байти зерин оғоз мешавад:

Аё навишта ҳунарномаҳо фузун зи ҳазор,

Ва ё шунида зафарномаҳо бурун зи шумор [31, 123].

Мундариҷаи ин татаббуъро шукуҳу ҳашамати Санҷар ба ҳам оварда, дар радифи андешаҳои муболиғаомези васфӣ шоир тавонистааст, ки аз воқеиятҳои зиндагӣ, ҷаҳонхориҳои салотин низ биандешад. Ҳамчунон ки Унсурӣ дар мадҳи Маҳмуд «Фатҳнома» навиштааст, ин роҳу равишро Амир Муиззӣ низ огоҳона дар пайравӣ ба ӯ идома бахшидааст, ки паҳлуҳои мусбат ҳам дораду манфӣ ҳам.

Дар аксари ин татаббуот Амир Муиззӣ мамдуҳаш Санҷарро бо мамдуҳи Унсурӣ Маҳмуд муқоиса карда, он чиро, ки Унсурӣ дар сифати шоҳи Ғазна гуфтааст, ба тарзи дигар баён кардааст. Аз ҷумла, Амир Муиззӣ дар қасидаи «Дар мадҳи малик Санҷар», ки бевосита дар пайравии қасидаи Унсурӣ «Дар мадҳи султон Маҳмуди Ғазнавӣ» навиштааст, дар байте ба сармашқ, яъне қасидаи Унсурӣ ишора ҳам кардааст, ки дар таъкид ва таъйиди пайравиаш аз мазмуну мундариҷа ва дарунмояи қасидаи Унсурист:

Дар миёни куфру дин шамшери ту садде қавист,

Дар ту он гӯям, ки дар Маҳмуд гӯяд Унсурӣ:

«Садди ту шамшери туст андар муборак дасти ту,

Ку Сикандар гӯ, биё, то садди мардон бингарӣ» [31, 643].

Мавзуи асосии ин татаббуъ мисли қасидаи Унсурӣ мадҳи Санҷар ва корномаҳои ӯ буда, шоир дар ҷараёни тасвир масъалаҳои дигарро низ ба

муҳокима кашидааст, ки умқ ва паҳнои мавзуи бунёдии асарро тақвият бахшидааст.

Дар ташбиби татаббуъ Амир Муиззӣ дар алоқамандӣ бо чеҳраи сиёсӣ ва иҷтимоии Санҷар мавзуи зебоиҳои табиат ва ҳаммонандии он бо ҳастии шоҳро ба тасвир мекашад. Агар дар қасидаи Рӯдакӣ «Модари май» саҳнаи базми шоҳона бо фарогирии унсурҳои табиат (рангу зебоии табиӣ) ба тасвир омада, шоир бо ёдкарди ранги шароб ва таносуби он бо табиат «ба нажоди сурхпӯсти турк нисбат доштани онҳоро тасдиқ» (Турк ҳазорон ба пой пешсаф, Ҳар як чу моҳӣ бар ду ҳафта дурахшон. Ҳар як бар сар басоки мурд ниҳода, Рӯй – майи сурху зулфи ҷаъдаш – райҳон) [197, 153] ва таъкид карда бошад, Амир Муиззӣ низ бо ҳамин усул мавзуи шаҳомати шоҳро ба тасвир ва муҳокима кашидааст, ки бо байтҳои зайл шуруъ мешавад:

Турки ман дорад шукуфта гулситон бар муштарӣ,
Муштарӣ бар сарву сарв андар қабои шуштарӣ.
Бар суман як ҳалқаи ангуштарӣ дорад зи лаъл,
В-аз шабаҳ бар арғувон сад ҳалқаи ангуштарӣ.
Дар ҷаҳон ҳаргиз нигори орзуе гӯё нашуд,
Дар миёни одамӣ ҳаргиз нашуд пайдо парӣ.
Ин шигифтӣ бин, ки то турки ман аз модар бизод,
Шуд парӣ пайдову шуд гӯё нигори орзу.
Гар ба майдон орази ӯ лашкаророй кунад,
Дар дили ошиқ зи ишқи ӯ нишинад лашкаре... [31, 641].

Пас аз ин суханон шоир бевосита ба тавсиф ва мадҳи Санҷар мегузарад ва чеҳраи шоҳро ҳамчун шахсияти сарнавиштсоз ба тасвир мекашад. Шоир дар ин ва баъзе татаббуоти дигараш ба ҳамин усул мавзуъҳои иҷтимоиро ба муҳокима мекашад, ки якеи он ҷузъиёт ва иштирокдорони муҳити пуршаҳомати зист ва амали Санҷар мебошад. Тасвир ва таъкиди мавзуи нажоди султон низ дар татаббуъ ҳадафи иҷтимоӣ дошта, дар боби аз лиҳози нажодӣ ба эрониён ва туркон пайванд доштани ин ҷомеа андешаронӣ мекунад, ки аз диди тозаи воқеиятшиносӣ ва таърихписандии ӯ маншаъ мегирад. Истиқболи гарми

ҷисмониву маънавӣ аз султон, тавсифу тамҷид аз «амиру вазир ва дабиру ҳоҷиб ва далқаку соқӣ» [76, 117] паҳлуи дигари назари иҷтимоии Амир Муиззӣ мебошад, ки дар осори мадҳии адабиёти мо суннати дерин ва мондагор дошта, аз қасоиди мадҳии Муҳаммад ибни Васифи Саҷзӣ ибтидо мегирад ва ба василаи таҷрибаи шеърии Рӯдакиву пасояндагони ӯ инкишоф меёбад. Вале минбаъд, бахусус дар давраи Салҷуқиён ва дар заминаи таҷрибаи эҷодии Унсуриву Фаррухӣ, Асҷадиву Муиззӣ, Рашиди Ватвоту Масъуди Саъди Салмон барин шоирон роҳи нави ташаккул ва таҳаввулро тай менамояд.

Қасидаи «Дар мадҳи малик Санҷар» ва дигар татаббуоти Амир Муиззӣ аз ҷиҳати фарогирии мазмунҳои иҷтимоиву ҳикамӣ низ ҷолиби диққат мебошанд. Шоир ба ин васила сари мавзуи мақому вазъи иҷтимоиву ахлоқии инсон ба андеша рафтааст, ки дар татаббуи «Дар мадҳи малик Санҷар» ба сароҳат ба миён кашида шудааст. Хушӣ ва саодати инсонро дар ин татаббуъ шоир ба мақому вазъи иҷтимоии ӯ вобаста медонад. Будани амире чун Санҷар ба шодиву хуррамӣ ва зиндагии осуда замонат медиҳад. Дар ин равиш шоир тасвирҳо ва образҳои шеъриро дар таносуб бо ҳайсияти Санҷар ҷо ба ҷо карда, орази рухсори султонро ба дасти Мусо, зулфи ӯро ба шаъбони Мусо ва чашмашро ба сомирӣ монанд мекунад ва дар идома ин қиёси тасвириро пеши шоҳ ночиз шуморида, ба ин натиҷа мерасад, ки

Сомирӣ гар заргарӣ бар сурати гӯсола кард,
Кард ҷоду чашми ӯ бар чеҳраи ман заргарӣ.
Гар ба кори сомирию кори чашмаш бингаранд,
Чашми ӯ донотар аст аз сомирӣ дар соҳирӣ.
Бар дили мискини ман парвози мушкин зулфи ӯ,
Ҳаст чун парвози шоҳин бар сари кабки дарӣ [31, 642].

Ин тасвирро шоир «аз зарри сухан ганҷе...дар ҷони пок» ба шумор оварда, «муҳри он зарро ...мулки подшоҳӣ ё санҷарӣ» медонад, ки дар таъкид ва таъйиди нақш ва ҷойгоҳи мамдуҳаш дар ҷомеаи он замон мебошад. Ғанимат будани дунёи гузарон, ҳамоиш бо зебоиҳои табиат, гароиш ба омилҳои

хушгузаронии вақт ва талош барои зиндагонии шодибахш ва ормонии иҷтимоӣ аз ҳадафи мавзуӣ ва ғоявии шоир дар ин ва татаббуоти дигараш будаанд.

Дар ин замина, Амир Муиззӣ мавзуъҳои осоиши хотир, бениёзӣ, таъмини хоҳишҳои завқию моддиро, ки худаш аз онҳо баҳраманд буд, ба муҳокима кашида, ҳамчун василаи замонати он чи ҳаст, дар фароварди татаббуъ дасти дуо сӯи осмон мебардорад, ба ин тарзу сиёқ:

Довари рӯйи заминӣ бо ту гӯям ҳоли хеш,

Ёвари халқи ҷаҳонӣ аз ту хоҳам ёварӣ.

То ки аз нилуфари гардун бирӯяд арғувон,

Чун падид ояд фурӯғи офтоби ховарӣ.

Рӯзи сайду разм бод аз хуни нахҷиру аду,

Дар кафи ту арғувонӣ ханҷари нилуфарӣ... [31, 643].

Чунонки мебинем, Унсурӣ ғазои Маҳмудро бар Ҳиндустон дар қасидааш тасвир ва таҷлил карда, аз қатлу ғорату ғаниматгириҳои Маҳмуд изҳори сарфарозиву қаноатмандӣ карда буд, Амир Муиззӣ низ ин мавзуъро дар мисоли зулм ва қатли ҷуҳудони хайбарӣ дар татаббуаш ба миён кашидааст, ки ҳуҷҷати таърих дар боби ғоратгариҳо ва қатли оми Санҷар буда, диди таъмимии ҳар ду шоирро дар шинохти моҳияти воқеиятҳои замони зиндагиашон ва султаи ҷобирони вақт нишон медиҳад.

Дар татаббуи зикршуда ва баъзе аз қасидаҳои дигар Амир Муиззӣ дар симои Санҷар Маҳмуди тозаиёрро ба тасвир кашида, султони Салҷуқиро ҳамчун Маҳмуди зиндашуда дар шароит ва рӯзгори дигар мадҳ ва тавсиф менамояд. Муиззӣ дар ин гуна мадҳияҳояш мазмуни барои шоҳ писанд ва дархури ҳадафи ӯро ба миён мегузорад, ки ҳарчанд ҷанбаи амиқи таъсирпазирӣ дорад, бо вуҷуди ин матолиби дархури руҳия ва хости ҳокимони вақтро ифода менамояд.

Ҳам Унсуриву Фаррухӣ ва ҳам Асҷадиву бисёре аз дигар шоирони маддоҳ, бахусус Муиззӣ дар ин гуна осорашон, Ба андешаи А. Зарринкӯб, пеш аз ҳама, мавзуи «фармонравоии худкома ва қудратҷӯй»-ро, ки «бо тазвир ё тааддӣ ҳарифро ҳалок мекунад, ба ҳазимат вомедорад ё ба ҳабс меандозад» [76, 117],

ба тасвир кашида, дар зимн масъалаи садоқат ва алоқаи дӯстиаш ба шоҳро бо тамоми ҷузъиёташ матраҳ мекунад. Дар ин мадҳия мисли дигар осори ҳамсонаш Муиззӣ худро дар ин ситоишҳо харҷ мекунад, ихлосу иродати фавқулодда нишон медиҳад ва, ба ифодаи А. Зарринкӯб, «рост ё дурӯғ дар шодии онҳо (шоҳони давр – шарҳи мо) худро шод ва дар нохурсандии онҳо худро нохурсанд фаро менамояд» [76, 120].

Бештарини татаббуоти Амир Муиззӣ аз назари фарогирии мавзуву масъалаҳо хусусияти фатҳномаро дошта, ҷанбаи амиқи таърихиву ахлоқӣ низ доранд. Ба ифодаи дигар, мавзуъҳое, ки шоир дар ин татаббуъҳо ба тасвир гирифтааст, арзиши иҷтимоиву ахлоқӣ ва таърихӣ дошта, маълумоти дар сарчашмаҳои адабиву таърихӣ омадаро на фақат такмил мебахшанд, балки дар бисёр маврид ахбори тозаро дар ихтиёри муҳаққиқони соҳа мегузаранд. Яке аз ҳамин гуна маълумот таваҷҷуҳи шоир ба мавзуи вазъи иҷтимоиву сиёсии замони ҳокимияти ин ё он султон мебошад.

Барои Амир Муиззӣ дар татаббуоташ осоиши хотир, бениёзӣ, даст ёфтан ба ормонҳои завқию моддӣ ҳадафи аслӣ ва эътиқодӣ ба шумор меравconfigured.

Ба ин тартиб, мавзуи дигаре, ки дар сохтори мундариҷавии татаббуоти ӯ ҷойгоҳи хос дошта, аз ҷумлаи мушкилоти иҷтимоиву ахлоқист, мадеҳи мунҳасир ба мадҳи султон ва дигар вузарову умаро мебошад. Чунонки дар мисоли татаббуи ёдшуда ба назар расид, Муиззӣ дар ин гуна осораш мавзуи мадҳи хушомадгӯёна ва тамаллуқкоронаро хеле ривоҷ дода, дар ин замина ба муболиғоти зоҳиран ба шаъни мамдуҳ муносиб ривоҷ бахшидааст, ки аз заъфҳои ҳунарии ӯ дар фарогирӣ ва тасвири ин мавзуъ мебошад.

Муиззӣ дар тасвири мавзуоти корномаҳои султон Санҷар ба ҳадде аз муболиғаву тавсифҳои аз воқеият дур кор мегирад, ки «ҳатто зебоиву асолати маонӣ ва тасвирҳои он меҳнати таҳаммули ин тамаллуқҳои хиҷолатоварро

барои хонанда ҷуброн» [76, 120] намекунад. Санҷарро «довари гетӣ» шуморида аз он ки вай;

Оварад зери нигину рояту тавқеи хеш,

Ганҷи ройу рояти Фағфуру мулки Қайсарӣ [31, 642]. –

тамҷид мекунад ва ӯро «шаҳриёри одил», «соҳибқирони комрон», «хусраве олинажоду подшоҳе гавҳарӣ» ба қалам медиҳад. Зиёда аз ин, ба «Шоҳнома»-ю қаҳрамони Фирдавсӣ – Рустам тавҳин ва чеҳраи Рустамро бо Санҷар ба тариқи зер қиёс мекунад:

Достони Рустами дастон намояд сар ба сар,

Пеши зӯри дасти ӯ найранги дастоноварӣ [31, 642].

Аммо васф, ки ба қавли Абдулҳусайни Зарринкӯб «вижагии дигари қасоиди Муиззӣ маҳсуб аст, бидуни он ки ҳамвора мутазаммини асолат ё фоқиди он бошад, маҳорат ё лоақал тавфиқи шоирро дар тасвири зебоиҳои табиат ва зебоиҳои башарӣ нишон медиҳад», ки намунаи он татаббуоти ӯ ба қасоиди Фаррухӣ мебошад. Дар чунин қасидаҳо аксари шоирон, аз ҷумла Фаррухӣ, ки Муиззӣ аз ӯ таъсир пазируфтааст, нахуст мавзуи табиат ва аносири онро ба муҳокима ва тасвир кашида, сипас «ба муносибат аз султон ё вазир ё амри вай ёд мекарданд, бузургиҳову бузургвориҳои мамдуҳро боз мегуфтанд, аз бахту давлат ва родиву донишу диловарии ӯ бо баёне ғолибан бисёр муболиғаомез сухан мегуфтанд ва дар охир ӯро дуо, дуое пур аз ниёзу хоҳиш мекарданд ва дар баъзе маворид ҳам ба сароҳат ё ба киноят аз ӯ дархости сила мекарданд» [76, 44].

Ба ин тартиб, яке аз мавзуъҳои асосии қасоиди Фаррухӣ, ки Амир Муиззӣ ба онҳо пайравӣ кардааст, ҳамоно васфи табиат ва аносири он мебошад, ки моҳияти дид ва андешаи ҳар ду шоирро мушаххас месозад. Ҳамин тавр, мавзуи табиат ва аносири он дар татаббуоти Муиззӣ паҳлуҳои дигар низ дорад, ки пеш аз ҳама, ба талаботи сохтории ин жанр вобаста буда, асосан бо се роҳ амалӣ карда шудааст: а) фарогирии мавзуи падидаҳои гуногуни табиат дар ташбиби татаббуъ: б) тасвири табиат ва аносири он дар ҳамбастагӣ бо мавзуоти дигар: в)

истифодаи ин мавзуъ ҳамчун васила барои корбурди ташбеҳу истиора ва тасвири бадеии вазъу ҳолатҳои гуногун.

Дар куллиёти Амир Муиззӣ татаббуоте ба назар мерасанд, ки дар онҳо фаслҳои гуногуни сол, манзараҳои табиат ва зебоиҳои он тавсиф шудаанд. Мавзуи табиат ва аносири он, бахусус дар ташбиби татаббуоти шоир ҷойгоҳи хос дошта, барои ифодаи андешаҳои гуногун имкон фароҳам овардаанд. Баҳор дар тасвири ӯ василаест, ки вазъи имрӯз ва ояндаи султон, амир ё вазирро рақам мезанад. Дар биёр ҳолатҳо вазъи зоҳиру ботини мамдуҳ дар таносуби комил бо табиат ва аносири он тасвир ва тавсиф шудааст, ки ифодагари дарунмояи асар ва ормонҳои шоир дар ҳаққи мамдуҳ мебошад.

Дар татаббуи «Дар мадҳи Амиддудавла Ҷамшед ибни Баҳманёр вазири Форс ва Исфаҳон», ки дар пайравии қасидаи Фаррухӣ эҷод шудааст, фардияти диди шоир дар инъикоси мавзуи тасвири табиат ва унсурҳои он зоҳир шуда, мундариҷаи ғоявӣ сохти татаббуъро шакл додааст.

Амир Муиззӣ дар тасвири мавзуи мавриди назар зиёдтар ба унсурҳои ин мавзуъ, аз ҷумла сабзу хуррам шудани боғу бӯстон, кӯҳу даман, ба наво омадани мурғони хушилҳон, таровати дилпазири рангҳои гулҳо, дар маҷмуъ табиат ва монанди инҳо таваҷҷуҳ доштааст. Пораи зайл, ки аз татаббуи ёдшудаи Амир Муиззӣ иқтибос шудааст, тағаззулест, дар шинохти баҳор ва рангу бори он, ки ба зиндагии мамдуҳ бетаъсир намебошад:

Баромад соҷгун абре зи рӯйи соҷгун дарё,

Бухори маркази хоке, ниқоби қубаи хазро.

Чу пайвандад ба ҳам гӯйӣ, ки дар дашт аст симобе,

Чу аз ҳам бигсилад гӯӣ магар киштист дар дарё.

Гаҳе чун хирмани мушк аст бар пирӯзагун мафраш,

Гаҳе чун тӯдаи рег аст бар зангоргун саҳро.

Гаҳе чун шохи нилуфар миёни боғи пурнаргис,

Гаҳе чун тали хокистар фарози кӯҳи пур мино... [31, 40].

Чунонки аз тасвирҳо бармеояд, табиат ва аносири он барои шоир василаи дарки пешомадҳои зиёдест, ки дар ниҳояти кор ба сарнавишт ва амалу кирдори

мамдуҳ рабт мегирад. Ҳамчунин, унсури табиат [боди наврӯзӣ] дар ин татаббуъ василаи тарс додани чашми душмани давлат «зи бими хоҷаи воло»-ст [31, 40], ки басо шоирона ва ояндабинона ба тасвир омада, моҳияти сиёсиву иҷтимоӣ дорад ва сохтори мундариҷавӣ ва ғоявии татаббуъро такмил мебахшад.

Яке аз имтиёзоти мундариҷаи ин гуна ашъори Амир Муиззӣ аз он иборат аст, ки шоир «на ҳодисаи алоҳида, балки асосӣ ва ягонаро тасвир мекунад». Ба ин маънӣ, назар ба андешаи Ю. М. Лотман, дар ин ҳол «шеър нисбат ба роман ба афсона наздиктар аст. Барои ҳамин ҳам, тадқиқоте, ки лирикаро ҳамчун маводи муқаррарии ҳуҷҷатӣ барои реконструксияи зиндагинома истифода мекунад (ин нуқсонро ҳатто рисолаи муҳимми А. Н. Веселовский дар бораи Жуковский низ дорад), на образи воқеӣ, балки афсонавии шоирро меофарад. Санадҳои зиндагӣ бо тағйироти муайян метавонад, сужети шеър шавад» [102, 103-104].

Дар ин замина, ба татаббуи «Дар мадҳи малик Арслон Арғу ибни Алпарслон» сурудаи Амир Муиззӣ мисол мезанем. Агар мо дар дарбори умарову вузарои Ғазнавӣ хидмат гузоридани ин шоирро намедонистем ва фақат маводи шеъри ӯро ба роҳбарӣ мегирифтем, дар зеҳнамон ин суол пайдо мешуд, ки «Шоир дар бораи кӣ ва чӣ сухан мегӯяд?». Далел ин аст, ки дар татаббуъ тавсифи табиат ва Алпарслон бо хаёл ва тасвирҳое дар заминаи сувари хаёл омехта буда, оид ба пайванди хидматии шоир бо Алпарслон ҳеҷ ҳуҷҷате ба чашм намерасад. Баръакс, дар паси ҳар сатр ифтихороти шоир аз он чи менависад чашмрас буда, хонандаро мутаваҷҷеҳи воқеияте мекунад, ки бо сарнавишти шоир бевосита алоқаманд ва боиси ифтихори ӯ мебошад. Зиёда аз ин, решаҷӯӣ дар гузаштаи авлодии малик Арслон Арғу ҳуҷҷати дигари шоиронаест дар шинохти воқеияте, ки шоир ба тасвир гирифтааст:

Аз нажоду гавҳари Салҷуқиён пайдо шудаст,

Талъати ӯро ҳаме кардаст гетӣ интизор.

Талъати ӯ аз саодат дод гетиро нишон,

Рост пиндорӣ, саодат парваридаш дар канор.

Кори ӯ адл асту ошуб аз ҷаҳон бардоштан,

В-ин ду бояд шоҳро то мулки ӯ гирад қарор.

Бахт хандад ҳар замон бар душманони давлаташ,

Душманони давлаташ з-ин ғам ҳамегирянд зор.

Ақлу фазл аз хидматаш хезад, ки мардумро ҳаме,

З-он бувад таҳзиби лафзу в-ин бувад тартиби кор [31, 214].

Чунонки ба назар мерасад, дар ин татаббуъ тавсифи хаёломез ва баланд мундариҷа, мазмун ва дарунмояро ба вуҷуд оварда, ғояи ҷомеи сиёсиву иҷтимоии мушаххаси замони муайянро то ба сатҳи афсона умумият додааст. Дунёи андеша ва орои шоири маддоҳ ба ду қисмат шуда: яке мунҳасир ба «ташрифоту завоҳир»-и шоҳу дарбориён [76, 111], дигаре тасвири «футуҳоту тафреҳот ва ташрифоти пуршукӯҳ, аммо ғолибан пучу бехосияти подшоҳони салҷуқӣ ва баъзе умарову подшоҳони муҷовир» [76, 120].

Барои он ки маънии дар зеҳни шоир бударо аз ин ҳама тасвирҳои пуршукӯҳ ва амалу кирдори маддоҳ дарк кард, бояд типи таъмимии афсонаи романтикиро пеши назар овард, ки мундариҷаи ҳамин гуна осорро шакл медиҳад. Илова ба ин, мундариҷаи татаббуъ, ки аз тасвири табиат, фасли хазон, сада ва мавқеияти шахсиятҳои асар Арслон Арғу ва худи шоир ба ҳам омадааст, ягонагии сохтори мундариҷавии татаббуи зикршударо таъмин намудааст, ки бозгӯи ҳунари нигорандагии Амир Муиззӣ мебошад.

Амир Муиззӣ дар вазну қофияи қасидаи дар боло зикршуда татаббуи дигаре дорад боз дар мадҳи Арслон Арғу. Ин татаббуъ, агар аз қавли Шиблии Нуъмонӣ бигӯем, «мамлу аз истилоҳоти рӯзона» [131, 87] буда, мундариҷа ва мазмуну дарунмояи хосси ин гуна осорро дорад. Мавзуи асосии ин татаббуъ низ васфи мамдуҳ ва тавсифи манзараҳои табиат мебошад, ки дар таносуби комил бо футуҳоти султон нигошта шудааст. Ташбиби он бозгӯии манзараи хосси табиат аст, ки бо назардошти руҳияи султон тасвир шудааст ва ин чанд байт аз он қасида:

Мушку шангарф аст гӯӣ бехта бар кӯҳсор,

Нилу зангор аст гӯӣ рехта бар ҷӯйбор.

Табли аттор аст гӯӣ дар миёни гулситон,

Тахти баззоз аст гӯӣ дар миёни лолазор.

Аз замин гӯӣ баровард анд ганҷи шойгон,

Бар чаман гӯӣ пароканданд дурри шоҳвор.

Аз шукуфа боғ шуд монандаи рухсори дӯст,

В-аз бунафша роғ шуд монандаи зулфайни ёр... [31, 217].

Чунонки мебинем, тасвир ва тавсифи манзараҳои табиат дар чунин татаббуоти Амир Муиззӣ ҷозибаноку рангин ва таъсиргузор сурат гирифтаанд. Дар ин ва бисёре аз татаббуоти Амир Муиззӣ тасвир ва васфи табиату аносири он хеле тӯлонӣ буда, гоҳо қисматҳои мадҳу дуоро низ фаро мегирад. Ба ифодаи дигар, тасвири табиат ва манозири он дар ин ва бештарини татаббуоти шоир бо мавзуи мадҳ омезиш ёфта, маҳал, манзара ва замони (баҳор, тарамоҳ ё зимистон) ба амал омадани воқеа ё ҷузъи сарнавишти мамдуҳро равшан мекунад. Ба ин далел, шоир вақте ин мавзуъро ба тасвир мекашад, аввал манзараҳои умумӣ ва мушаххасоти фасли солро воқеъбинона ба муҳокима гузошта, сипас мутобиқ бо маъниҳое, ки аз тасвири табиат берун меояд, ҳастӣ, амал ва кирдори Арслон Арғуро тавсиф менамояд. Шоир барои заминаи мадҳи шоҳро ба вуҷуд овардан унсурҳои табиат ва ҷиҳатҳои зоҳирии он – ранги ашё, ҳолат ва зоҳири онро мушаххасан, ба тасвир мегирад ва шаҳомати мамдуҳро бо бузургии манозири табиат муқоиса менамояд, ки таъкид бар мақом ва манзалати Арслон Арғу мебошад.

Тасвирҳои шоир аз манозири табиат, пеш аз ҳама, ифодагари дилбастагӣ ва муҳаббати зиёди ӯ ба зебоиҳои бардавоми табиат, аносири он, навоҳои дилкаши парандагон ва гавазну кулангон мебошад, ки ҷанбаи амиқи тазйинӣ дорад. Ҳамчунин, дар тасвири табиат Амир Муиззӣ барои муҷассам кардани хасоиси ҳаётӣ аксаран «аз табиат ва аносири он кумак» [93, 320] мегирад ва ба ин васила, ранги аслии унсури табиатро дар тасвирҳои шеъриаш равшантар ва маҳсустар месозад. Ин ҳунари ӯ яке аз намудҳои қадимаи мутаносибияти ду образ – руҳияи мувозӣ ва мутобиқ кардани образи инсону худфарсоии ӯ бо ҳодисаҳо ва унсурҳои табиат мебошад [183, 175]. Ба ин далел, дар заминаи инъикоси мавзуъҳои ба табиат алоқаманд дар татаббуоти Амир Муиззӣ метавон

ба ин натиҷа расид, ки диди ӯ дар ин замина табиӣ буда, на фақат васфҳои табиат, балки ангезаҳои дигар низ таваҷҷуҳи шоирро ба табиат ва аносири он мушаххас месозад, ки якеи он кашф ва мутаносибан берун овардани нуҳуфтагиҳои даруни инсон аз тасвирҳои манозири табиат мебошад. Доманаи тасвири ин мавзуъ дар татаббуоти Амир Муиззӣ васеъ буда, тавсифи абру борон, боғу роғ, дашту марғзор ва монанди инҳоро дар бар мегирад.

Аз таҳлилҳое, ки дар ин замина анҷом гирифт, дарк кардан душвор нест, ки падидаҳои бешумори табиатро шоир мутобиқи завқ ва руҳияи маддоҳонааш ба кор гирифта, ба ин васила эҳсос ва андешаашро, ки бо хостаҳои мамдуҳ мутаносиб аст, ифода кардааст. Ба ин далел, агар дар татаббуоти шоир аз як тараф, чунонки дидем, манзараҳои дилфиребi табиат дар фаслҳои гуногун ба тасвир омада бошанд, аз сӯи дигар чеҳраи мамдуҳ дар фони табиат дар ҳамхонӣ бо диди зебоишиносиаш ба ҷилва омадааст, ки то ҷое баёнгари ормони нафсонӣ ва тамаъомези ӯст.

Муқоисаи татаббуоти Амир Муиззӣ нишон медиҳад, ки вай дар ин навъи шеър ҳангоми тасвири табиат зиёдтар он ашёву унсурҳоеро васф кардааст, ки аз ягон ҷиҳат ба зиндагии шахсияти мавриди назараш, ба завқ ва мавқеияти иҷтимоии ӯ наздик бошад. Дар ин замина, дар тасвири ӯ баҳору падидаҳои он барангезандаи ҳассосияти хос аст, ки ба зиндагӣ ва умри пурнишоти мамдуҳ рабт мегирад; тирамоҳ фасли хазонрез бошад ҳам, мутаносибан бо футуҳоти султон арзишҳои мондагор дорад; шукуфаи боғ монанди рухсори дӯст асту бунафшаи роғ монанди зулфайни ёр, булбулон чун мутрибон, канори сабза пуранбар ва ғайра намунаи тасвирҳоест, ки дар корбурди шоир бар қадри зиндагӣ ва зебоиҳои он меафзоянд.

Мавзуи табиат ва аносири он гоҳо шоирро ба ҳадде мутаассир месозанд, ки беихтиёр бо ашёҳои беҷон ба гуфтугӯ мепардозад ва ба ин васила андешаву орояшро баён медорад. Ашёҳои табиат, ки барои ӯ василаи ангезиши андешаву оро ҳастанд, дар тасаввури шоиронаи ӯ фосиларо миёни ҳастӣ ва нестӣ кӯтоҳ мекунанд ва ба ҷои яъсу навмедӣ ба инсон умедвориву хушбинӣ ато мекунанд. Татаббуи дигаре, ки низ шоир дар мадҳи Арслон Арғу навиштааст, ҳамин гуна

диди фарогир ва моҳиятҷӯи ӯро дар шинохти табиат ва аносири созандаи он ифода мекунад. Дар ин замина, шоири моҳиятҷӯ кӯҳсорро мушкрангу шангарф, ҷӯйборро ҳамранги нилу зангор, гулистонро табли аттор, лолазорро тахти баззоз, шукуфаи боғро монанди рухсори дӯст мебинад. Ҳамаи ин зебоиҳои табиат барои шоир василаест, табиӣ дар шинохт ва тавсифу тамҷиди мамдуҳе, мисли Арслон Арғуст. Тасвирҳои ҳоловари табиат заминасози дуои зиндадори шоир дар фароварди татаббуъ аст, ки низ заминаи табиӣ дорад. Пораи зайлро иқтибос менамоем, ки дархӯри ҳол аст:

То банотуннаъшро бар қутби гардун гардиш аст,

Бод асли умри ту чун қутби гардун устувор.

То шумори қатри борон кас надонад дар ҷаҳон,

Бод мулку базми ту чун қатри борон бешумор.

То ба Чин андар зи саҳфи Монавӣ монад асар,

Бод фаррух базми ту чун саҳфи Монӣ пурнигор.

Шоду бархӯрдор бодо дар баҳору дар хазон,

То баҳорею хазоне ҷашнҳо созӣ ҳазор [31, 218].

Татаббуи ёдшуда аз он ҷиҳат диққатангез аст, ки дар он ҳар як образу тасвир, таркибу таъбир бо ҳисси воқеашиносии шоир омезиш ёфта, унсурҳои табиат зиндаву воқеӣ ва чун инсон дар ҳаракату амал ба тасвир омадаанд. Дар аксари татаббуоташ шоир ба табият ва манзараҳои он аз ҳамин дидгоҳ нигариста, моҳияти онро ба воқеияти зиндагӣ ва сарнавишти мамдуҳаш пайванд додааст, ки то ҷое андешаи зерини В. Г. Белинскийро ба ёд меоварад, ки гуфта: «Тасвири зебоиҳои табиат нусхабардорӣ не, балки офарида мешавад. Шоир манзараҳои табиатро аз таҳи дил ба тасвир мегирад ё чизҳои дидаашро аз нав меофарад, ки дар ҳама ҳолат аз дили шоир берун меояд, зеро манзараи табиат ҳеҷ гоҳ зебоии мутлақ нест... Шоир бо эҳсосу андешаи худ ба манзара ҷон мебахшад; агар ӯ моро мафтун карданӣ ва ё ба даҳшат афканданӣ бошад, зарур аст, ки мафтуни он шавад ё аз он ба даҳшат ояд» [54, 72]. Бемуҳобо, чунин пайвастагии табиат ва аносири он бо воқеияти сарнавишти мамдуҳи

шоир ва мавзуъҳои дигари зерматн аз хусусияти умдаи татаббуоти дар мавзуи табиат эҷод кардаи Амир Муиззӣ мебошад.

Ҳамин тавр, дар татаббуоти Амир Муиззӣ ҷанбаи объективии тасвир қавӣ буда, тасвирҳои офаридаи ӯ васф ба хотири васф набуда, балки моддӣ ва маънавиянд ва гоҳо нуҳуфтагиҳои даруни дил ва андешаи инсонро бармало мекунанд, ки таҷрибаи нодир дар тасвири табиат ва аносири он аст. Аз ин ҷиҳат, ҳақ ба ҷониби Н. Пригарина аст, ки гуфтааст: «Вазифаи пейзаж чи дар адабиёт ва чи дар санъати тасвирӣ гуногунранг буда, санъаткор дар пейзаж на танҳо сурати зоҳирии табиатро ба тасвир мегирад, балки метавонад, онро зинда созад ва эҳсосу андешаҳоеро, ки инсонро ба ҳаяҷон меоварад, ифода намуда, барои дарки як давраи таърихӣ ёрӣ расонад» [140, 8].

Дар баъзе татаббуоти Амир Муиззӣ, ки ба қасидаҳои Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ навиштааст, тасвири табиат дар алоқамандӣ бо мавзуъҳои дигар сурат гирифтааст. Ин алоқамандиро тасвири мавзуъҳои маю майгусорӣ, ишқу ҳаётдӯстӣ мушаххас месозад. Дар ин замина, омезиши мавзуи тасвири табиат ва ишқ дар татаббуоти шоир имтиёз дошта, баъзе паҳлуҳои диди воқеъбини ӯро дар шинохти ин мавзуъ муайян менамояд.

Тасвири унсурҳои табиат ва ҳамбастагии онҳо бо мавзуи ишқ дар аксар маврид заминагузори тасвири чеҳраи маънавии мамдуҳ мебошад. Дар аввалин байтҳои татаббуъ ин пайванд равшан ба назар мерасад, ки бо тасвири унсурҳои табиат ва робитаи «ошиқу маъшуқ ҳангоми тараб», ҳамчунин «шарму ҳашматро» хунсо кардани шароб бармало мешавад:

Наргиси пурхоби ӯ аз чашми ман бурдаст хоб,
Сунбули пуртоби ӯ дар пуштам овардаст тоб.
Чашми ман пурхоб аз он шуд пушти ман пуртоб аз ин,
В-ин ду ҳол аз ҳар ду пиндоре ҳаме бинам ба хоб.
Он чу суҳҳорон агар пеша надорад суҳри сирф,
В-ин чу атторон агар моя надорад мушки ноб.
Чист чандон рангу зарқ аз суҳри он бар муштарӣ,
Чист чандон рангу бӯй аз атри ин бар офтоб.

Гар миёни ошиқу маъшуқ ҳангоми тараб,

Шарму ҳашматро шароб аз пеш бардорад ҳиҷоб.

Хештанро дар ҳиҷоби шарму ҳашмат турки ман,

Бештар пӯшад ҳаме чун бештар нӯшад шароб [ 31, 65-66].

Ҳамин тавр, аз байтҳои минбаъда маълум мешавад, ки ҳадафи шоир аз тасвири унсурҳои табиат нерӯ бахшидан ба тавсифи ҳолу ҳавои маъшуқ аст. Дар ин ҳол, тасвири унсурҳои табиат заминаест, ки ҳоли маъшуқ ва вазъи ба амал омадаро воқеӣ ва дақиқ муҷассам менамояд. Амир Муиззӣ дар баъзе татаббуоташ дар ҳамсозӣ бо унсурҳои табиат, ишқ ва шароб саҳнаи муошират ва мухолифати мамдуҳро хеле ҳунармандона таҷасссум кардааст, ки сахт ҳиссомез ва андешапарвар аст:

Шароб бояду оташи рубоб бояду чанг,

Ки рӯз фохтагун асту хок ғолияранг.

Насиби тан кунам оташ насиби руҳ шароб,

Насиби гӯш хурӯши рубобу нолаи чанг.

Насиби дидаву дил чеҳру меҳри ёр кунам,

Ки ӯ ба чеҳра чу меҳр асту бар битоб сарҳанг.

Рухаш чу зуҳраву моҳу лабаш чу шакару қанд,

Бараш чу савсану симу дилаш чу оҳану санг... [31, 405].

Ҳамин тавр, дар татаббуоти Амир Муиззӣ мавзуи табиат бо мавзуъҳои ишқу шароб ва омилҳои хушгузаронии вақт омехта, боиси амиқрафтани назари шоир ба воқеиятҳои зиндагӣ ва омилҳои таконбахши он шудааст, ки гоҳо аз доираи мавзуи асосии татаббуъ, яъне мадҳ берун меравад ва ин далели мустақилияти шоир дар тасвири манзараҳои табиат бо ҳамхонии мавзуъҳои дигар мебошад.

Дар ин равиш мутаносибан бо мавзуъҳои ишқи ҳақиқии инсон, каму костиҳои замон, хилқати ҳокимони давру замонҳои гуногун, мазаммати рақибони сиёсии Маҳмуду Маликшоҳу Санҷар, ситоиши ахлоқи ҳамида ва накӯҳиши ахлоқи разила дар алоқамандӣ бо шахсияти мамдуҳ, аъмоли уламо ва табақоти гуногуни он, ҳасби ҳоли худ ва тобеияти нафсониаш ба дарбору

дарбориён, зикри хориву зорӣ ва бенавоиаш, ки лаҳзавӣ будаанд, аз ҷумлаи мавзуоте будаанд, ки дар матни қасидаҳояш ба ваҷҳе тасвир ва таъбир шудаанд.

Чунонки ишора шуд, яке аз мавзуъҳои асосии дигаре, ки сохтори мундариҷавии татаббуоти Муиззиро шакл додаанд, мадҳ мебошад. Вале Муиззӣ дар татаббуоташ фақат ба мадҳ машғул нашуда, балки дар онҳо маъниву мазмунҳои гуногунро ба тасвир ва муҳокима кашидааст. Дар ташбиби қасидаҳои татаббуии шоир, бахусус дар қисмати мадҳии онҳо ба тасвири хислатҳои шахсии мамдуҳон, корномаву лашкаркашиҳои онон ва робитаҳои авлодиашон бештар таваҷҷуҳ кардааст. Шоир хӯйю хислат ва амалу кирдори мамдуҳонашро тасвир карда, чеҳраи ботинӣ ва зоҳирии онҳоро ба хонанда менамояд. Масалан, дар қасидаи «Дар фатҳи Самарқанд ба дасти Маликшоҳ» шоир лашкаркашӣ ва шуҷоати мамдуҳашро ба тариқи зер тасвир кардааст:

Бубин, ки аз зафару фатҳи ӯ ба шарқу ба ғарб,
Ҳазор гуна далел асту ҳазор гуна асар.
Ба Руму Мағриб перор теғи ӯ он кард,
Ки гар кунам сифаташ кас надорадам бовар.
Чу бозгашт ба фориғ диле зи Мағрибу Рум,
Ба сӯйи Машриқу Чин азм кард соли дигар.
Муродаш он, ки биёбад ба қаҳр хонаи хон,
Чунонки қаср ба шамшер биситонад аз қайсар.
Ба фоли фаррух лашкар кашид то лаби об,
Саодаташ шуда ҳамроҳу давлаташ раҳбар.
Ба фатҳ рӯй ба Тӯронзамин ниҳоду нишаст,
Чу оташ аз бари обу бар об кард гузар.
Чу з-оби Ҷайҳун бигзашт рӯзгори набард,
Кашид то ба Самарқанд рояту лашкар [31, 270].

Ин ва чанде дигар аз татаббуоти шоир, ки бардошти ӯро аз футуҳоти салотин дар минтақаҳои гуногун, аз ҷумла Самарқанд ва мушоҳидоти бевоситаашро аз он воқеиятҳо инъикос мекунанд, баёнгари шеваи хосси бархӯрди ӯ ҳамчун шоир дар тасвири ҷузъиёти мавзуъ мебошад. Дар ин равиш

гоҳо ӯ он чи дар замир дошта, бо назардошти иттилооту шавоҳиде, ки пешорӯяш будааст, тасвир кардааст. Дар ин замина, фақат лозим ба ёдоварист, ки ишораву санадҳои таърихии дар осори Муиззӣ омада, мисли ҳамин гуна маълумоти шоироне, чун Унсуриву Фаррухӣ аз маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ фарқ дошта, аслан назар ва натиҷагириҳои шоиронаи ӯро ба воқеиятҳо ва сарнавишти шахсиятҳо ифода менамояд. Аз ин назар, хулосаи зерини М. Муллоаҳмадов қобили мулоҳиза мебошад: «Муҳимтарин хусусияте, ки дар ин гуна мавридҳо бояд ба назар гирифт, он аст, ки мақсади асосии шоир монанди муаррих тасвири воқеаҳои таърихӣ набуда, балки ӯ аз он воқеаву санадҳо чун воситае барои ифодаи муроди аслии шоиронааш (масалан, мадҳ) истифода мебарад» [111, 86]. Дар ин ҳол, бо мақсади ошкор намудани ҳақиқати суханони шоир зарурати муқоисаи асноди зикркардаи ӯ бо маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ ба миён меояд, ки ин кор аз доираи имкони мо берун аст.

Чунонки қаблан ишора кардем, Фаррухӣ ягона шоирест, ки дар қасидаҳояш дар бораи шаҳрҳои алоҳида, ҳаёти таърихиву фарҳангии онҳо маълумоти дақиқ овардааст. Яке аз ҳамин гуна қасидаҳи ӯ «Фатҳи Суманот» мебошад, ки мавриди пайравии шоирони зиёде қарор гирифтааст. Аз ҷумла, Асҷадӣ ва Муиззӣ низ ба он татаббуъ гуфтаанд. Аз қасидаи Асҷадӣ ҳамагӣ даҳ байт боқӣ мондаасту халос.

Дар вақташ қасидаи Фаррухӣ таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқонро ба худ ҷалб намуда, арзиши бузурги таърихиву фарҳангӣ ва бадеии онро эътироф карда буданд. Ин қасидаро Насруллоҳи Фалсафӣ «таърихчае аз сафари Суманот» ва Ҳодӣ Ҳасан «таърихчаи гӯё ва асили лашкаркашиҳои Маҳмуд ва ному асомии қуллоъ ва шаҳрҳо ва ақоиди ҳиндувон ва тамаддуни моддии Ҳиндустон» номида буданд. Рашид Ёсамӣ низ онро «як сафарномаи дуруст ва дақиқ» шинохта буд. Ғ. Алиев дар баробари арзиши таърихиву фарҳангӣ, бадеияти баланди онро низ эътироф карда буд.

Азбаски татаббуи Асҷадӣ бар қасидаи Фаррухӣ дар шакли комил боқӣ намондааст, дар бораи сохтори мундариҷавию бадеии он наметавон ба таври

ҷомеъ андеша ронду хулоса кард. Вале дар бораи мавзуву мундариҷаи татаббуи Амир Муиззӣ ба қасидаи Асҷадӣ метавон баъзе мулоҳизаҳоро изҳор кард.

Татаббуи Амир Муиззӣ бо қасидаи Асҷадӣ ҳамвазн буда, бо он ҳамқофия не, балки радифи ягона дорад. Фақат байти Асҷадӣ:

Биздуд зи аҳли куфр ҷаҳонро бар аҳли дин,

Шукру дуои хештан аз воҷибот кард [25, 27].

ба он омилҳое ишора мекунад, ки Фаррухӣ дар қасидааш чун фоҷиаи куффор, яъне аҳли Суманот ба қалам додааст. Татаббуи Амир Муиззӣ дар матни фоҷеаи фатҳи Шом ба дасти Маликшоҳ эҷод шуда, аз сиву як байт иборат мебошад. Дар бораи мундариҷа ва дарунмояи ин татаббуъ мо дар боло баъзе мулоҳизаҳоро баён доштем. Ҳоло ҳамин қадар метавон гуфт, ки дар татаббуи Муиззӣ фақат таҳният, васф ва мадҳи Маликшоҳ матраҳ аст. Ҳамоҳангии онро бо қасидаи Фаррухӣ «Фатҳи Суманот» ва байти аз Асҷадӣ иқтибосшуда, фақат масъалаи «ҷанги куфру ислом» таъйид мекунад, ки дар байти зайл хулоса шудааст:

Ислом дод кофари ҳафтодсоларо,

Дорулфасоди куфр чу дорулислом кард [31, 137].

Муиззӣ дар ин татаббуаш, ҳамчунон ки Фаррухӣ ҳангоми фатҳи Суманот аз маҳаллоти дигари Ҳиндустонро забт кардани Маҳмуд иттилоъ медиҳад, дар бораи ҳуҷуми Маликшоҳ ба Араб, аз ҷумла шаҳри Бағдод нақл карда, сипас мавзуи баҳсашро бо байтҳои зерин хулоса мекунад:

Мулке, ки дар қадим Араб доштанду Рум,

Гирифт шоҳу мамлакати хеш ном кард.

Ҳар шаҳру ҳар ҳисор, ки як бандаро сипурд,

Бар бандагон ҳалолу бар аъдо ҳаром кард.

Бишкаст пушту гардани аҳли зулому зулм,

То судашон зиёну зиёшон зулом кард [31, 138].

Зимнан бояд гуфт, ки Фаррухӣ қасидаашро зери таассуроти бевоситаи лашкаркашии Маҳмуд ба Ҳиндустон навиштааст, ки худ дар он лашкаркашӣ ширкат дошт ва ҳамчун шоҳид воқеаҳоро ба тасвир гирифт. Вале дар бораи

иштироки бевоситаи Муиззӣ дар фатҳи Шом ҳеҷ маълумоте дар даст нест. Фақат аз рӯйи тасвири шоир, ки аксаран ҳамчун шоҳид сухан меронад, ҳадс задан мумкин, ки шояд ӯ дар ин муҳориба иштирок карда бошад: зикри номи маҳаллу мавзеъҳову шаҳрҳо, аз ҷумла Ғазнин, ки лашкари Маликшоҳ аз онҳо убур кардааст, ин фарзияро то ҷое таъйид менамояд.

Аз мулоҳизаҳои дар боло зикршуда бармеояд, ки маълумоти таърихии дар татаббуоти Муиззӣ омада, аз воқеияти лашкаркашиҳои Маликшоҳ гирифта шудаанд ва мушоҳидаҳои бевоситаи шоирро дар бар мегиранд. Зикри номи маҳалҳо, дарёҳое мисли Ҷайҳун, ки лашкари шоҳ аз он убур кардааст, тасвири расму оинҳо, мазҳабталошиҳо ва муқовиматҳои динӣ дар баъзе татаббуоти шоир заминаи таърихӣ ва ҳуҷҷатии татаббуоти шоирро таъйид менамоянд.

Татаббуи дигари Муиззӣ «Дар фатҳи Ғазнин ба дасти Санҷар» низ ҳамин гуна хусусияти сохтори мундариҷавӣ дошта, шоир он чиро, ки аз сари Ғазнин ва сокинони он гузаштааст, ҳамчун шоҳид ба тасвир кашидааст. Муиззӣ ҷараёни лашкаркашии Санҷар ба Ғазнин ва ба қавли худаш «муъҷизоти фатҳро», ки шоҳ «бинмуд дар Машриқ аён» воқеъбинона тасвир карда, дар ин замина «достони фатҳи Ғазнинро ба ҷон» [31, 480] навиштааст, ки дар он воқеиятҳои аз сари ин шаҳр ва сокинони он гузашта ба таври образнок инъикос ёфтааст. Воқеияти фоҷиае, ки аз сари Ғазнин гузаштааст, бо ҳаводиси шаҳрҳои Коланҷару Қунуҷи Синд ва Мӯлиён муқоиса шуда, дар бораи иштироки «сад лашкар» [31, 480] дар ин ҷанг хабар дода шудааст. Ҳамчунин аз корномаи Санҷар дар Ғазнин мадҳ карда, дар зимн аз ҳодисоти Кирмону Балх, ки дар вақташ ба пирӯзии Санҷар анҷомида буд, ёд меоварл ва дар хотимаи қасида шоҳро дуо мекунад:

То ки ту гаштӣ муиззи дину дунё чун падар,
Шуд Муиззӣ пеши тахти ту ҷавонбахту ҷавон.
Гар забон бошад қазоро то бад-он гӯяд сухан,
Дар дуои ту қазо ин лафз ронад бар забон.
К-эй бинои асли одам то фалак пояд ба по,
В-эй шаҳаншоҳи муаззам то ҷаҳон монад бимон [31, 481].

Дар татаббуоти Муиззӣ корҳои мавриди алоқаи шоҳону амирон, аз ҷумла Санҷару Маликшоҳ тасвир ёфтаанд, ки ҷузъи муҳимми мавзуоти қасоиди шоир ва сарнавишти мамдуҳонаш мебошанд. Масалан, дар аксари татаббуоташ Муиззӣ аз хостану нӯшидани шароб, меҳмондорӣ ё ба меҳмонӣ рафтан, шикор кардан, чавгон задан, лашкар оростан ва корҳои дигаре сухан меронад, ки шоҳон ҳама умр бо онҳо машғул будаанд. Ҷавониву хӯйи некӯ, ҳилму меҳрубонӣ ва шоирнавозии Санҷар ва Маликшоҳ, ҷавонӣ, зебоӣ ва ишратдӯстии Маликшоҳ, зиракӣ, ҳушёрӣ ва душманшиносии шоҳон, сарват ва ҷоҳу ҷалол, фазл мебошад, ки шоир ба сароҳат баён кардааст.

Дар фароварди ин фасли рисола чанд нуктаро ба тариқи фишурда дар бораи мундариҷа ва дарунмояи татаббуоти шоирони дигар, аз ҷумла Рашиди Ватвот, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ низ баён мекунем, то нақши ҳар кадоме дар фарогирӣ ва тасвири воқеиятҳои зиндагӣ ва сарнавишти мамдуҳонашон мушаххас гардад.

Рашидаддини Ватвот қасидае дорад, ки онро дар ҷавоби қасидаи Саноӣ, ки дар мадҳи Алоуддавла Отсиз аст, гуфтааст. Ин қасида бо матлаи зер оғоз машавад:

Баҳори ҷонфазо омад, ҷаҳон шуд хурраму зебо,

Ба боғу роғ густарданд фарши ҳулаву дебо.

Ба роғ андар бунафша шуд чу қадди бедилон чафта,

Ба боғ андар шукуфа шуд чу худи дилбарон зебо.

Ҳама атроф саҳро ҳаст пурёқуту пурбисад,

Ҳама акноф бустон ҳаст пурмарҷону пурмино.

Зи пастӣ то ба боло бурд лашкари абри ғурранда,

Пур аз аълом рангин гашт ҳам пастиву ҳам боло... [27, 20].

Матлаи қасидаи Саноӣ ин аст:

Макун дар ҷисму ҷон манзил, ки ин дун асту он воло,

Қадам з-ин ҳар ду берун неҳ, ин ҷо бошу на он ҷо.

Қасидаи Саноӣ «дар арсаи Сарахс ва дар он замини муқаддас гуфта шуда дар мақоми аҳли тавҳид фармояд» [28, 20]. Ин қасида дорои мазомини ирфонӣ

буда, бунмояи онро тавсифи маънавиёт ва мақоми он дар камолоти инсон ташкил медиҳад. Мазмуни татаббуи Ватвотро, ки сирф мадҳист, зебоиҳои табиат, аъмоли писандидаи шоҳ, тавсифи амалҳои «Худованде, ки ӯро нест дар кулли ҷаҳон монанд» [28, 20], ба ҳам овардааст. Илова ба ин, дар матни васфҳои муболиғаомез [Аз ӯ оромише дорад билоди Машриқу Мағриб, В-аз ӯ осоише дорад равони Одаму Ҳавво] [28, 23] шоир ба воқеаҳое талмеҳ мезанад, ки бевосита ба сарнавишти шоҳ, ки посдори оромиши Машриқу Мағриб аст, пайванд мехӯранд ва умеди ояндабинонаи муаллифро, ки низ осоиши кишвар аст, бармало менамоянд. Қасидаи Саноӣ ва татаббуи Ватвот ҳамвазну ҳамқофия бошанд ҳам, мундариҷаи гуногун доранд. Дар баёни маъниҳо Ватвот аз воқеият фосила гирифта, Саноӣ ба замин наздик аст. Ба ифодаи дигар, Саноӣ мазмуни ирфониро бо қаринаҳои заминӣ мутаносибан ба тасвири кашидааст, ки ҳунармандона низ ҳаст.

Амир Муиззӣ қасидае дорад, ки бо матлаи зер оғоз мешавад:

Садре, ки дар шамоилу ахлоқи лутфи ӯ,

Аз кибриёст маҳз на аз кибр асту риё [31, 25].

Рашиди Ватвот ба ин қасида татаббуъ гуфтааст, ки бо байти зер шуруъ мешавад:

Эй ҷоҳи ту фарохта аъломи кибриё,

Соф аст эътиқоди ту аз кибру аз риё [27, 5].

Ҳар ду қасида мадҳӣ буда, мазмунан ба ҳам хеле наздиканд, ки байтҳои иқтибосшуда гувоҳанд. Вале он чи ки татаббуи Ватвотро ҷолиб ва хонданӣ сохтааст, тавсифи мамдуҳ бо такя ба тасвири амалу кирдори ӯ мебошад. Ба ифодаи дигар, мазмуни ахлоқӣ бунмояи ин татаббуъро ташкил дода, як навъ ҳушдорест, ба мақомдороне, ки аз роҳи ҳақ, яъне фармуди Худо берун мераванд.

Бештарини татаббуъҳояшро Ватвот бар қасидаҳои Муиззӣ гуфта, аксаран ба мазмун ва мандариҷаи онҳо пайравӣ ва гоҳо мазмун ва лафзи онро баргардонда ба ваҷҳе дигар адо кардааст, ки намунааш байтҳои зерин аз ӯ ва соҳиби шеъри сармашқ мебошад:

Аз Ватвот:

Дасти мубораку табъи карими ту,

Мавқуф бар саховату маҷбул бар сахо [27, 5].

Аз Муиззӣ:

Дасти мубораки ту сахои мусаввар аст,

Ҳаргиз надидаам, ки мусаввар бувад сахо [31, 26].

Аз Ватвот:

Ҳастанд дар ҳавои ту бар сирри поки ман,

Руҳониёну холиқи руҳониён гуво [27, 8].

Аз Муиззӣ:

Дар хидмату санои ту пок аст сирри ман,

Ба сирри мани банда бувад шеъри ман гуво [31, 26].

Ватвот дар мундариҷаи татаббуоташ аз мазмунҳои ҳикамӣ низ фаровон истифода кардааст, ки қаринаи онро мо дар қасидаҳои Анварӣ дучор мешавем. Ду байти зерро аз ӯ ва Анварӣ иқтибос менамоем:

1. Аз Анварӣ:

Осон бар нафози ту душвори ахтарон,

Пайдо бар замири ту пинҳони рӯзгор [26, 175].

2. Аз Ватвот:

Андак бар банони ту бисёри мукарамат,

Пайдо бар баёни ту пинҳони рӯзгор [27, 257].

Мавзуи худситоӣ аз унсури сохтори мундариҷавии қасидаҳо ва татаббуоти шоирони ин давра, бахусус асри дувоздаҳ мебошад, ки омили пайдоиши қасида ва татаббуи фахрия гардидааст. Ин мавзуъ, алалхусус дар эҷодиёти Сайид Ҳасани Ғазнавӣ такомул ёфта, шоирони зиёдеро мутаваҷҷеҳи пайравӣ ба андешаву орои ӯ сохтааст, ки якеи онҳо Асириддини Ахсикатӣ мебошад. Ин шоир аз қасоиди Сайид Ҳасан илҳом гирифта, шаклан ва мазмунан ба он пайравӣ кардааст. Дар ин замина, Асириддин ба ҳамон қасидаҳои Сайид Ҳасан таваҷҷуҳ доштааст, ки дар онҳо шоир мазмунҳои аз байн рафтани хайру саховат, фурӯмоягиву ноодамӣ ва монанди инҳоро ба тасвир кашидааст.

Асириддин дар ин равиш татаббуоте ба қасидаҳои Сайид Ҳасан гуфтааст. Ин қасидаро Сайид Ҳасан «Ба Ғазнин гуфт дар он вақт, ки уламо он ҳазратро мунозиъате мерафт ва ҳасад мекарданд ва замируззамир ном ниҳодааст» [187, 112]. Намунааш пораҳои зер мебошад:

1. Аз Сайид Ҳасан:

Донам ҷаҳон, ки қурраи айни паямбарам,

Шоистаи меваи дили Зуҳраву Ҳайдарам.

Дарё чу абр бори дигар об шуд зи шарм,

Чун гашт рушанаш, ки чи покизагавҳарам.

Дуре пур аз аҷоиб дарё шавад ба ҳукм,

Ҳар қатра, ки дар садафи дил бипарварам.

Табъам чу оташи тару мардум халилвор,

Хушбӯ гуле дигар дамад аз оташи тарам.

Рӯяд наботи найшакар аз ҷӯйбори гӯш,

Чун найзаи гушод забони шукргарам... [21, 112].

2. Аз Асириддин:

Боз дар авҷи сухан тозаму мавҷе бизанам,

З-он ки чун абри гаронбор дафини аданам.

Лофи бемаъние дар шеър фаровон задаанд,

Ман чу маънӣ бинамудам, сазад ар лоф занам... [187, 460].

Ҳамин тавр, аз мурур ва таҳлилу арзёбиҳое, ки дар ин фасл анҷом гирифт, метатавон ба хулосаҳои зер омад:

1. Дар байни шоироне, ки дар ин давра ба ашъори якдигар татаббуъ гуфтаанд, мазмуну мундариҷаи татаббуоти Амир Муиззӣ имтиёз дошта, вай дар татаббуоти худ зери таъсири воқеиятҳои сиёсиву иҷтимоии замон асосан, мазмунҳои мадҳиро инъикос намуда, дар ин замина масъалаҳои муҳимми зиндагиро, ки ба сарнавишти шоҳону амирон, амалу кирдори онҳо ва дину ойину расму русуми мардум пайванд мехӯрад, низ таваҷҷуҳ кардааст. Қасоид ва татаббуоти ӯ фақат фарогири мадҳу ситоиши шоҳону амирон набуда, балки мавзуъҳои муҳимми иҷтимоиву ахлоқӣ ва маънавиро низ инъикос кардаанд, ки

ифодагари мавқеи шоир дар шинохти моҳияти ҷаҳон ва сарнавишти инсон мебошад.

2. Мундариҷаи татаббуоти Рашиддадини Ватвот нисбат ба татаббуоти Муиззӣ маҳдуд буда, вай асосан мавзуъҳои мадҳӣ, ситоиши амалу кирдори шоҳони вақтро инъикос карда, дар заминаи ин мавзуъҳо масъалаҳои ахлоқӣ ва ҳикамиро, ки ба ислоҳи ахлоқи инсон марбут мешавад, ба тасвир кашидааст, ки ҷанбаи ҳунарииаш, бахусус истифода аз саноеи лафзӣ афзалият дорад.

3. Шоирони дигаре, ки фарогирии мавзуоти иҷтимову ахлоқӣ дар татаббуоти онҳо афзалияти маънавӣ ва ҳунарӣ доранд, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ мебошад. Ин шоирон дар пайравӣ ба якдигар зери таъсири воқеиятҳои сиёсию иҷтимоии давр сари масъалаҳое андешидаанд, ки ба ҳастии бардавоми инсон марбут буда, равиши дарёфти зиндагии босаодатро ироа менамоянд. Алалхусус, дар татаббуоти ҳар ду, ки ҷузъи қасидаҳои онҳо мебошанд, эътирозашон ба носозиҳои иҷтимоӣ ва ахлоқии муҳити зист, ахлоқи шахсиятҳои алоҳида таъсиргузор буда, мухотабро ба роҳи зиндагии сазовор ҳидоят менамоянд.

## 3.2. Хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуот

Шинохт ва арзёбии хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирони ин давра, нахуст, чанд паҳлӯ дошта, сониян, вай бояд дар миқёс ва диди замони зиндагии шоир ва пажуҳишгар қарор гирад ва баъдан, ин гуна арзёбиҳо бояд дар заминаи тағйиру таҳаввули диди зебоишинохтӣ дар ҷараёни инкишофи адабиёт амалӣ гардида, таҷрибаи шоирон дар қиёс бо суннатҳои адабию фарҳангӣ, бо шеъри ҳамзамонон ва мавқеи воқеии шоир баррасӣ шавад. Бинобар ин, дар шинохти шеъри шоирони татаббуъсарои давраи мавриди назар, ба қонунҳои роҳнамои ин фан, ки тобеи назари замони худ ҳам ҳаст, такя карда, дар ин замина лозим аст, андешаҳо ва ҷанбаъҳои муҳимми таҷрибаи шеърии онҳо ва баъдиниёнашон низ ба эътибор гирифта шавад.

Ба ин далел, дар ин фасли рисола хостем, нахуст миқёс ва диди замонии шеъри шоирони ин давраро дар заминаи андешаҳои худи онҳо, шоирони баъдӣ, муаллифони кутуби адабию таърихӣ ва муҳаққиқони замони мо муайян ва мушаххас намуда, сипас баъзе паҳлуҳои ҷустуҷӯҳои бадеиву сабкии баъзе шоирони давраи мавриди назарро дар заминаи равиши татаббуъсароӣ арзёбӣ намоем.

Яке аз шоирони саршиноси татаббуъсарои ин давра Муиззӣ аз боби эътибори шеъру шоириаш борҳо гуфтааст. Аз ҷумла қитъаи зайл, қабл аз ҳама, андешаи ӯро доир ба нақш ва ҷойгоҳи шеъраш дар пеши Санҷар ва Маликшоҳ ифода мекунад:

Ба базми хеш маро пеши хосагон биншонд,
Ба дасти хеш ба мани банда дӯстгонӣ дод.
Ба зиндагонӣ Хизрам, ки шаҳриёри ҷаҳон
Зи ҷоми хеш маро оби зиндагонӣ дод [19, мим].

Сухани Муиззӣ дар ин қитъа, аввалан, бар эътибори ӯ дар назди «шаҳриёри ҷаҳон» далолат карда, сониян, бар нақш ва ҷойгоҳи шеъраш низ ишораи сареҳ дорад, ки далели устувории сухан ва мавқеи шоирии ӯ мебошад. Агар ба ифодаи Рӯдакӣ гӯем, ин пора на фақат намунаи «мадҳе чунонки тоқати» Муиззӣ будааст, балки далели матонати қавии ӯ дар гуфтани абёти

ҳамвор низ мебошад, ки гувоҳи ҳунармандии ӯст. Муиззӣ дар қасидаи фатҳи Ғазнин ҳунари «соҳирӣ»-аш дар «шоирӣ»-ро тавсиф кардааст, ки пеш аз ҳама, дар таъйкид ва тайиди мавқеи ҳунариаш дар эҷоди шеър мебошад [19, мим].

Муиззӣ дар шеър, бахусус дар мадҳ муътақид аст, ки бояд лафз саҳл, равон, иборат азб ва латиф бошад, то таъсири он осонтар даст диҳад ва алалхусус, бар осонии лафз зиёда такя дорад, ки «дар дилҳо фузун бошад, ҳаловат лафзи осонро» ва ба таъкиди тамом мегӯяд:

Дар офарини бузургон чунин некӯтар шеър,
Ки хуб бошаду азбу латифу маънидор.
Латоифаш на гарону латофаташ на сабук,
Чунонки шеъри ман андар миёнаи ашъор.
Раво бувад, ки ман асрори шеър бинмоям,
Ки ройи равшани ту воқиф аст бар асрор [19, 214]

Муиззӣ, умуман дар шеър «суҳулати лафзу узубати иборат»-ро муҳим шинохта, дар нашри маҳомади мамдуҳ бар зарурати таносуби маонӣ таъкид мекунад. Байти зайл дидгоҳи сареҳи ӯро дар ин замина равшан ифода менамояд:

Дар офарину мадеҳат чунин накӯтар шеър,
Маонии мутаносиб ба лафзи мустаҳсан [19, 216].

Шоирони муосир ва баъд аз Муиззӣ низ ӯро ба «латифтабъӣ ва устодӣ» сутудаанд. Аз ҷумла Сайидҳасани Ғазнавӣ, табъи ӯро «мизони балоғат» шумурда, дар қиёс Муиззиро аз худ боло мегузорад ва чунин мегӯяд:

Дар шеър ҳаме зиёдатӣ ҷӯяд
Бар табъи Муиззии Хуросонӣ [21, 11].

Қадимтарин сарчашмаҳое, ки аз Муиззӣ ёд кардаанд, «Чаҳор мақола»-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ ва «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ мебошанд. Низомии Арӯзӣ дар ҳикояте, ки дар «Чаҳор мақола» овардааст, аз мулоқоташ бо Муиззӣ ва пешниҳоди шеъри мадҳияш, ки «аз азбгӯёну латифтабони аҷам» аст, ёд карда, ба ин васила ба нақш ва ҷойгоҳи ӯ дар

шинохти шеър арҷ мегузорад, ки зимнан дар таъйиди ҳунари шоирии ӯ мебошад [33, 59-60].

Муҳаммад Авфӣ «дар се давлат иқболҳо» дидани «се кас аз шуаро»-ро таъкид карда, дар идома меафзояд: «яке Рӯдакӣ дар аҳди Сомониён ва Унсурӣ дар давлати Маҳмудиён ва Муиззӣ дар давлати султон Маликшоҳ». Авфӣ Муиззиро «султони ҷаҳони баён ва лашкаркаши умарои калом ва шаҳсавори майдони фасоҳат» хонда, шеъри ӯро «азби матбуъ ва салиси маснуъ» медонад ва таъкид мекунад, ки «дар навбати баёни ӯ тифли балоғат ба ҳадди булуғ расид ва доийаи қалами сиёҳпистон, ки бар сари фаттони фазл буд, тифлони аҳдро дигарбора сершир кард» [4, 11].

Муаллифони дигаре, ки ба шеъри Муиззӣ назари хосси интиқодӣ доштааст, Шамси Қайси Розӣ мебошад. Вай дар «Ал-муъҷам...» маҳорати Муиззиро «дар қавофии мумола (майлдодашуда), чун «туӣ» ва «даъвӣ» ва «маънӣ» [199, 203] таъкид карда, ҳунари ӯро «дар санъати тақобул» [199, 211] беназир арзёбӣ мекунад ва фақат дар мавриди шарҳи нави савуми маънии «удул (аз ҳадди муайян гузаштан) аз ҷодаи савоб» дар васф «ғулув» кардани Муиззӣ ва «ба ҳадди истиҳолати (номумкин гаштани) ақлӣ» расидан «ё тарки адабе шаръӣ» кардани ӯро нописанд медонад. Шамси Қайс байти зайл:

Чун ҳаво сардӣ бидаррад, ҷои мо кошона беҳ,

Мусҳафи мо соғару меҳроби мо майхона беҳ.

-ро аз Муиззӣ нақл карда, сипас назари интиқодиашро ба тариқи зер баён медорад: «Ва ин ҷумла ношоист аст ва далерӣ бар шариату далелкунанда бар беэътиқодии шоир ва футури (сустии) қуввати сидқи ӯ дар ин, наъузубиллаҳи миназзалол баъдалхуда (Худоё, маро аз гумроҳӣ нигаҳ дор) [199, 259].

Муаллифи «Ал-муъҷам...» дар боби «Дар зикри маҳосини шеър ва тарфе аз саноъати мустаҳсан, ки дар назму наср ба кор доранд», аз корбурди ҳунармандонаи Муиззӣ аз саноеи бадеӣ низ сухан кардааст, ки зикри назари мусбати ӯ оид ба тарзи ҳунармандонаи истифодаи таҷнис, аз ҷумла таҷниси муздаваҷ дар таҷрибаи шеърии шоир мебошад. Вай корбурди ҳунармандонаи таҷниси муздаваҷро аз тарафи Муиззӣ «писандидаю мустаҳсан» мешиносад ва

«далели фасоҳат»-и сухану «гувоҳи иқтидори» шоир медонад ва чанд намуна аз шеъри ӯ мисол меоварад [199, 271-274]. Дар корбурди ташбеҳи сареҳ низ Шамси Қайс байти машҳури Муиззӣ:

Биёр он май, ки пиндорӣ равон ёқути ноб астӣ

Ва ё чун баркашида теғ пеши офтоб астӣ.

-ро мисол оварда, чанд маъниро ба ҳам овардан ва «ташбеҳ ҳамаро шомил» шуданро аз мушаххасоти ҳунарии шеъри шоир таъбир мекунад [199, 278-279].

Шамси Қайси Розӣ дар боби «иғроқ дар мадҳи мулук» сухан карда, ба баъзе шеърҳои Муиззӣ эрод гирифтааст, ки диди воқеӣ ва замонии ӯро ифода карда, новобаста ба фосилаи замонӣ имрӯз низ арзишманд аст. Дар ин замина, вай ба шоир дастур медиҳад, ки «Аз баҳри он ки бадали мол худ аз зарурати подшоҳӣ аст ва касеро, ки чандин ҳазор марду зан нонхор бошанд ва ҳамаро ала (дар) ихтилофи табақот ҳам мукаффо алмауна (мукофот додан аз хазина) бибояд дошт, чӣ гуна ба сахо ва мурувват васф тавон кард. Ва мубориззату ҳифзи навоҳии мамлакат насибаи бандагони давлату аёни асокир (лашкар) бошад ва хулафою салотини бузург қаққормаи (ҳокими мутлақи) оламанду мустаъмалони арбоби шуҷоат. Бад-ин ду хислат дар мадҳи абду (ғуломону) маволии (хешони) эшон агар муболиғае равад, он ҳам ба бузургии қадри эшон бозгардад. Ва агар касе хоҳад, ки лобуд (ночор) эшонро бад-ин вуҷуҳ (сабабҳо) биситояд, бар ваҷҳе бояд, ки ғайри эшон лоиқ наяфтад» [199, 287].

Чунонки ба назар расид, дар шинохт ва арзёбии шеъри Муиззӣ диди замонӣ дар ҳамаи давраҳо нуфуз дошта, ин ҳодиса то ба замонҳои баъд идома ёфтааст. Дар адабиётшиносии тоҷик, ки тамоюли ақидатии (идеологии) таҳқиқ нуфуз дошт, ба сабаби ашъори мадҳӣ гуфтанаш, осори Муиззӣ ва шоирони салафи ӯ, бахусус татаббуоти онҳо «аз ҷиҳати ғоя ноқис» дониста шуда буд. Аз ҷумла адабиётшиноси фақид Х. Мирзозода «ба ақидаи феодалӣ маҳдуд» мондан ва «мавқеи зиддиватандӯстии» шоирони мавриди назари моро маънидод карда, таъкид мекунад, ки чунин шоирони «тасвиркунандаи подшоҳони бегонаи истилогарро ба эътибори «санъати баланд»-е, ки дорои ғояи зидддихалқист, «ба сафи шоирони беҳтарини он замон» гузоштан ва баҳои

ҳақиқии эҷодиёти онҳоро «ноинсофӣ» шуморидан-нафаҳмидани моҳияти таърихи адабиёт ва ба синфҳои муайян ва давлатҳо хизмат намудан аст. Агар ба гурӯҳи шоирони беҳтарини он замон Носири Хусрав, Саноӣ, Хайём, Низомӣ ва ғайра дохил бошанд, Муиззиро ба қатори онҳо даровардан ба ақидаи ғалати ҷараёни умумӣ роҳ додан аст» [108, 58].

Зимнан бояд гуфт, ки Х. Мирзозода «ба сафи шоирони беҳтарини он замон» гузоштани Муиззиро хилофи сиёсати вақт дониста, ба мақолаи А. Мирзоев талмеҳ мезанад, ки ин донишманд Муиззиро бо Дақиқию Саноӣ дар як саф гузошта, ӯро «шоири машҳури дигари он аср» унвон карда буд [107, 34-35]. Воқеан, А. Мирзоев барҳақ дар шоирӣ мартабаи Муиззиро баланд шинохта, дар қиёс ба як ғазали Дақиқӣ ғазали зайли Муиззиро иқтибос кардааст, ки ҳуҷҷати қотеъ дар шинохти ҳунари шоирии Муиззӣ мебошад:

Эй рӯйи ту рахшандатар аз қиблаи Зардушт,
Бе рӯйи ту чун зулфи ту куж аст маро пушт.
Ишқи ту маро кушту ҳавои ту маро сӯхт,
Ҷаври ту маро хасту ҷафои ту маро кушт.
Ҳарчанд ҳама ҷавру ҷафои ту кашидам,
Ҳаргиз накунам меҳру вафои ту фаромушт.
Бархезу биё, то зи руху зулфи ту имшаб
Пурлола кунам доману пурмушк кунам мушт [107, 35].

Дар адабиётшиносии Эрон низ аз ибтидо то ба имрӯз миқёс ва диди замонӣ дар шинохти шеъри Муиззӣ нуфуз дошта, хулосаи ин баҳсҳоро Шафеии Кадканӣ бо андешаи «ӯро (яъне, Муиззиро – шарҳи мо) бояд намояндаи тамомиёри инҳитоти шеъри форсӣ» донист, ҷамъбаст кардааст. Ин андешаи Кадканӣ дар тақвияти дидгоҳҳои Бадеъуззамон Фурӯзонфар оид ба шеъри Муиззӣ гуфта шудааст, ки марҳум Аббос Иқболи Оштиёнӣ ин амалро «пойи беинсофӣ ва истибдоди ройеро болотар» гузоштан дар шинохти шоири «тозагӯву тозаҷӯ» донистааст [19, мим].

Бадеъуззамон Фурӯзонфар дар китоби «Сухан ва суханварон» байти Анварӣ:

Кас донам аз акобири гарданкашони назм,

К-ӯро сареҳ хуни ду девон ба гардан аст.-ро бидуни ироаи ҳеҷ санаде ба шакли дигаре шарҳ медиҳад ва «ғараз аз ду девонро девони Фаррухӣ ва Унсурӣ дониста ва Муиззиро дузди каломи ин ду гӯяндаи устод пиндошта»-аст [19, син].

Аббос Иқбол дар муқаддимаи девони Муиззӣ, ки худаш мураттаб кардаву бо муқаддима ва ҳавошӣ ба чоп расонидааст, назари муаллифи «Таърихи Вассоф»-ро низ дар боби ба гардани Муиззӣ будани хуни девонҳои Абулфараҷу Масъуд рад карда, хулоса мекунад, ки «...аз ҷиҳати сабки калом ва ширинии забон ва фасоҳати иборат ва балоғати маънӣ бо таваҷҷуҳ ба муқтазиёти замон Муиззӣ яке устодони ҳунарманди забони форсӣ аст ва шояд дар равонии иборат ва истеҳкоми сухан дар адабиёти манзуми мо ҷуз девони Заҳируддини Бобур ва куллиёти Шайх Саъдӣ назире натавон барои девони ӯ ёфт, то он ҷо, ки дар саросари ин девони бузург шояд сад калимаи ғариб ё таркиби мушкил мавҷуд набошад. Гузашта аз каломи саҳл ва мумтанеъ ва таровати тағаззулҳои Муиззӣ ин шоир яке аз афифтарин ва покизазабонтарин сухангӯёни мост, чунонки дар тамоми девони ӯ на танҳо ҳаҷви аҳаде дида намешавад, балки ҳатто як бор ҳам як лафзи ракик бар лисони ӯ ҷорӣ нашудааст» [19, нун ва син].

Шафеии Кадканӣ илова ба он ки мавқеи Фурӯзонфарро дастгирӣ ва андешшаҳои Аббос Иқболро рад мекунад, худ низ, илова ба андешаи боло, ба хулоса меояд, ки «Муиззӣ ҳеҷ чизи тозае надорад» ва дар мақолаи «Сувари хаёл дар девони Муиззӣ» ба таври қатъӣ мегӯяд, ки Муиззӣ «услуби талфиқи тасвирҳоро аз Унсурӣ омӯхта ва маводи тасовири худро ағлаб аз девони Фаррухӣ гирифтааст» [93, 628]. Вале ҳоло таҳлилҳои қиёсӣ ва собитнашудаи ӯро дар боби сабабгори «инҳитоти шеъри форсӣ» будани Муиззӣ як сӯ гузошта, гуфтанием, ки Кадканӣ дар ин арзёбии ғайримунсифона бо истифодаи вожаҳои «ағлаб» ва «то ҳадде» хостааст, иштибоҳи бузурги худро дар шинохти шеъри Муиззӣ ба хонанда сабук нишон диҳад. Илова ба ин, вай дар матни арзёбиҳояш ғайриихтиёр аз «тавоноии лафзӣ»-и Унсурӣ ва Муиззӣ» [93, 629] сухан ба миён оварда, тавоноии ҳунарӣ ва мустақилияти шоирии Муиззиро эътироф мекунад.

Дар ҷои дигар чунин натиҷагирӣ кардааст, ки «Муиззӣ бар рӯйи ҳам тахайюли бисёр заиф дорад, ба ҳадде, ки аз кӯчактарин тасарруфе дар ироаи тасвирҳои дигарон оҷиз аст ва аз ин рӯй, агар дар девони ӯ тасвирҳое ба таври нудрат пайдо шавад, ки мо акнун аз маншаи онҳо бехабар бошем, бо эҳтиёт бояд талаққӣ шавад, зеро эҳтимоли он аст, ки ин тасовирро аз шеъри гӯяндагоне гирифта бошад, ки девонашон дар рӯзгори ӯ вуҷуд дошта ва баъд аз байн рафта, аз қабили Кисоӣ ва дигар шоирони барҷастаи қарни чаҳорум, ба ҳар ҳол он даста тасовир, ки мунҳасиран дар заминаи васфи табиат аст...» [93, 634]. Ин донишманд дар ин замина байти зайли Муиззӣ:

Гардун чу марғзору дар ӯ моҳи нав чу дос,

Гуфтӣ, ки марғзор ҳама бидруд гиё.-ро иқтибос карда, сипас ба байти Ҳофиз:

Мазраи сабзи фалак дидаму доси маҳи нав,

Ёдам аз киштаи хеш омаду ҳангоми дарав.

ва вожаи «дос» ишора мекунад. Дар асл, чунонки Фатҳуллоҳи Муҷтабоӣ менависад, Ҳофиз «дар сурудани абёте аз ғазалҳои худ ба байт ё абёте аз сурудаҳои Муиззӣ назар дошта ва таъбирот ва мазомини ӯро дар шеъри худ овардааст» [122, 334].

Ҳукми Шафеии Кадканӣ дар бораи Муиззӣ сахт, вале собитнашуда аст. Агар ин тавр нест, чаро бедалел ҳакамият мекунад, ки «дар тасвирҳои ӯ таъсири улум мутлақан дида намешавад». Ҳол он ки бисёре аз муҳаққиқон, аз ҷумла Фурӯғи Иллаҳӣ дар боби таъсирпазирии ӯ аз улум сухан карда, афзудааст, ки «Девони вай саросари фавоиди таърихӣ ва луғавӣ аст. Ба туре ки метавон гуфт, ҳаққи азиме бар гардани муаррихон дорад ва бисёре аз вақоеи қисмате аз асри Салҷуқиро, ки байни 465 (яъне, соли ҷулуси Маликшоҳ) то ҳудуди 520 (соли вафоти шоир) ба вуқуъ пайваста, метавон аз қасоиди ӯ дарёфт» [86, 17].

Зиёда аз он чи гуфта шуд, Кадканӣ ҳунари тасвиргарии Муиззиро низ, бахусус дар «тасовири табиат» заиф шинохта, хулоса мекунад, ки вай «дар тасовири ғиноӣ низ аз худ чизе тоза арза накардааст». Бо ин ҳама, ӯ «баъзе тағаззулҳои ӯро, бидуни дар назар гирифтани масъалаи тасвир ва арзишҳои

тасвирӣ, холӣ аз андак лутфе» надониста, ниҳоят ба ин натиҷа мерасад, ки «бештар зебоиҳои санъат ва фан аст, ки шеъри ӯро то ҳадде ташхис ва имтиёз мебахшад» [93, 639-640]. Чунонки ба назар мерасад, хулосаи охир андешаҳои қаблии ӯро инкор мекунад.

Дигар аз донишмандоне, ки дар шинохти шеъри Муиззӣ нисбатан дидгоҳҳояш воқеӣ ва мустақил аст, Абдулҳусайни Зарринкӯб мебошад. Ин донишманд дар сурудани мадоеҳ «дар ташрифоту завоҳир мунҳасир» мондани Муиззиро аз нуқси ҳунари ӯ дониста, «дар бисёре маворид аз навъе ҳаловати табиӣ, ки аз муҷарради қареҳа ҳосил мешавад», холӣ набудан ва «дар баъзе тағаззулҳояш ҳатто риққату лутфи эҳсоси воқеӣ» пайдо буданро низ аз мухтассоти ҳунари шоирии ӯ дониста, қолибҳои шеъриашро низ аз асли худ «соддатар, шаффофтару матбуътар» арзёбӣ мекунад. Бар хилофи Фурӯзонфар ва Кадканӣ ӯ дар каломи Муиззӣ ба наҳви боризе нуфуз доштани «андешаҳои фалсафиву ахлоқӣ»-ро дар мисоли андешаҳояш дар бораи Умари Хайём далели тавоноии ҳунарии ӯ дар сурудани ин гуна ашъор таъбир мекунад [76, 112].

Абдулҳусайни Зарринкӯб «қудрату нубуғи» Муиззиро дар сурудани қасида эътироф карда, усули тасвири ӯро дар корбурди ташбеҳ «ҷолиб ва мутазаммини асолат» [76, 114] медонад ва дар заминаи таҳлили қиёсӣ «тавфиқи шоирро дар тасвири зебоиҳои табиат ва зебоиҳои башарӣ» ҳамчун имтиёзоти ҳунари тасвиргарии ӯ ба қалам медиҳад [76, 117], ки миқёс ва диди воқеъбинонаи ӯро дар шинохти шеъри Муиззӣ мушаххас менамояд.

Ҳамин тавр, чунонки аз назар гузашт, шинохт ва арзёбии шеъри Муиззӣ ва шоирони татаббуъсаро дар ҳар давраи таърихӣ дар алоқамандӣ ба миқёс, диди замонӣ ва мавқеияти ақидатӣ [идеологӣ] дигаргун шуда, шоирон, муаллифони кутуби адабӣ ва муҳаққиқон маҳз дар ҳамин замина ба таҷрибаи шеърии ӯ баҳо додаанд, ки дар ҷомеият чеҳраи шоирии ӯ ва салафҳояшро воқеъбинона муайян намекунад. Таҳлилҳои анҷомгирифта собит сохт, ки аз ибтидо то ба имрӯз доир ба нақш ва ҷойгоҳи ҳунарии Муиззӣ ва савияи ҳунарии татаббуоти ӯву шоирони ҳамдавраш дар адабиёти форсии тоҷикӣ назарҳои гуногун вуҷуд дошта, гурӯҳе аз шеър ва ҳунари шоирии онҳо истиқбол ва ҳунари

шоириашонро бо далелҳо собит кардаанд, гурӯҳи дигар заъфи онҳоро дар тасвирҳои ҳиссии шоирона ва такрори гуфтаҳои пешгузаштагонашон дида, бе далели кофӣ мавқеияти ин шоиронро зери шубҳа қарор додаанд, ки аз воқеият дур ва собитнашуда мебошад.

Он чи дар фавқ гуфта шуд, далели он аст, ки чеҳраи аслии ҳунарии Амир Муиззӣ ва шоирони татаббуъсарои давраи мавриди назар то ба имрӯз ба дараҷае, ки лозим аст, муайян ва мушаххас нагардидааст. Ба ин далел, яке аз василаҳое, ки мавқеи ҳунарии ин шоиронро муайян менамояд, шинохт ва арзёбии хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии татаббуоти онҳо мебошад.

Таҳқиқи хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии қасидаҳо, аз ҷумла татаббуоти Амир Муиззӣ ва пешгузаштагони вай баъзе масъалаҳои назарӣ ва таърихиву адабиро ба миён мекашад. Аксари онҳое, ки оид ба сабки шеъри ин давра андеша рондаанд, миёни ду мафҳуми сабки адабиёт фарқият надидаанд. Бинобар ин ҳам, дар шинохт ва таъйиди ҷомеи хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии шеъри шоирони ин давра, аз ҷумла Муиззӣ то ҷое ба саҳлангорӣ даст задаанд. Барои таҳқиқ ва мушаххас намудани хусусиятҳои бадеӣ ва сабкии шеъри ин давра ягонагии шаклу мундариҷаро бояд дар назар гирифт. Ҳамчунон ки Д. Лихачёв гуфтааст, «Сабк на фақат сурати забонист, балки он усули ҷомеи зебошинохтии сохтори бадеии мундариҷа ва шакли асар мебошад. Шояд низоми сабксоз дар ҳамаи унсурҳои сохтории асар пинҳон бошад. Усули бадеии тасвир инъикоси умумии воқеиятро, ки ба тақозои тарзи нигориши адиб ва ҳадафи ҳунарии ӯ шакл мегирад, дар худ фаро мегирад. Аз ин назар, мафҳуми тарзи нигоришро ба намудҳои дигари ҳунар низ корбаст кардаанд, ки байни онҳо шояд таносубе вуҷуд дошта бошад [99, 291].

Ба ин далел, омӯхтани таҷрибаи ҳунарии Муиззӣ ва салафҳои вай, вижагиҳои тарзи тасвири онҳо, бахусус дар заминаи қасоид ва татаббуоташон бо назардошти сохтори ҷомеи шеър муҳим ба шумор меояд. Ҳанӯз Муҳаммад Авфӣ Муиззиро «султони ҷаҳони баён ва лашкаркаши умарои калом ва шаҳсавори майдони фасоҳат» хонда, гуфта буд, ки «Шеъри ӯ азби матбуъ ва салиси маснуъ аст. Дар навбати баёни ӯ тифли балоғат ба ҳадди булуғ расид ва

доияи қалами сиёҳпистон, ки бар сар фатоми фазл буд, тифлони аҳдро дигарбора сершир кард» [4, 1302].

Шоирони муосир ё баъди Муиззӣ ӯро ба лутфи табъу устодӣ сутудаанд. Аз ҷумла Сайид Ҳасани Ғазнавӣ дар байти поён табъи Муиззиро мизони балоғат шумурдааст:

Дар шеър ҳаме зиёдатӣ ҷӯяд,

Бар табъи Муиззии Хуросонӣ [21, 76].

Дар байти зер низ Муҷирӣ «худро ҳангоми муфохират Муиззии сонӣ» шумурдааст:

Дар аҳди ту Муиззии сонӣ манам аз он-к

Бар даргаҳи ту дамдамаи кӯси Санҷар аст [31, 15].

Воқеан ҳам, Муиззӣ шоири бомаҳорат ва забардасти нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII буда, бо салиқаи баланди ҳунарӣ дар байни муосиронаш равишу тарзи хоси нигоришро ҳифз намудааст. Маҳорат ва ҳунари шоирии Муиззӣ, пеш аз ҳама, дар тасвирҳои доманадору мунаққаши бадеӣ, тарзи образофарӣ, корбурди воситаҳои сабксози забонӣ, суннатгароиву навпардозиҳои вижа зоҳир мегардад. Сохтори ҳунарии шеъри ӯ аз тасвирҳои бадеӣ фароҳам омада, шеърашро рангину дилпазир ва мазмунашро ҳисангезу таъсиргузор сохтаанд.

Зимнан бояд гуфт, ки дар шаклгирии ҳунари шоирии Амир Муиззӣ на фақат омилҳои замонӣ, балки унсурҳои бадеии ҳунарӣ низ, ки хосси давраи зиндагии шоир аст, таъсиргузор мебошанд. Замони зиндагӣ ва эҷоди Муиззӣ ва муосирони ӯ муҳитеро дар бар мегирад, ки қавмҳои эронии минтақаи шарқии ин сарзамин ба истифода аз забони сода ва холӣ аз саноеи бадеӣ рӯ овардаанд. Аз сӯи дигар, ба пайбурди баъзе донишмандон, андешаи машоии Ибни Сино, ки саъй доштааст, фалсафаи арастуӣ ва навафлотуниро бо дини Ислом вафқ диҳад, таъйиде барои ҳамин нигариши физикӣ дорад [159, 29].

Ин тарзи нигариш, ки дар асл ба афзоиши тасвир, бахусус тавсифҳои таркибӣ меафзояд, на фақат дар шеъри ин давра, балки дар намунаҳои насрие чун «Таърихи Балъамӣ» ва «Ҳудуд-ул-олам» ба назар мерасад ва дар шеър ба

сурудани «Шоҳнома» анҷом меёбад. Дар ин тарзи нигориш ҳама чиз дар хидмати чизе ҳаст, сохта мешавад ва комилан ба табъ мувофиқ аст. Тасвирот ва тавзеҳоти Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ нақше бориз аз шароити сиёсӣ ва фарҳангии замони зиндагӣ ва эҷодашон дорад ва Муиззиро низ аз ин доира наметавон берун кашид.

Пас, масъалаи асосӣ ин аст, ки бо ёрии абзорҳои дақиқ ва асосноки илмӣ дар заминаи сабки гурӯҳӣ (шоирони ҳамасри Муиззӣ) хусусиятҳои асосии тарзи нигориши Муиззиро дар эҷоди татаббуъ муайян ва мушаххас намоем. Мутаассифона, мо ҳанӯз дар бораи вижагиҳои тарзи нигориши ин шоир, ки аз вижагиҳои хосси ҳунарӣ ба ҳам омадааст, тасаввуроти саҳеҳ ва комил надорем.

Ашъори Муиззӣ, бахусус қасидаву татаббуоташ ифодагари ҳунари шоирии ӯ буда, дар он муҳтаво, забон, луғат, баён, сабк, воситаҳои тасвир сода, муқаррарӣ, заминӣ, ошно, табиӣ ва осон мебошанд. Дар шеъри ӯ чизи ноошно, хаёлӣ, ғайритабиӣ, душвор, номафҳум ба назар намерасад. Ба ҳамин сабаб, забон ва тарзи нигориши ӯ содаву шево ва дар айни ҳол, устувору аз қудрати табъ ва сафои завқи соҳибаш баҳраманд буда, дар як дидану шунидан дар хотир нақш мебанданд. Хосса тасвирҳои маҳбуба, манзара, сафару хайрбод, сифатҳои инсон бо маҳорати баланд ва фарогирии хаёлоти нозуку рангин офарида шудаанд. Масалан, агар ба тасвири ҳолати зерини шахсияти лирикӣ ҳангоми бор бастани ёр ва тасвири манзараи он шаби ҳиҷрон таваҷҷуҳ намоем, маълум мешавад, ки бо чи гуна назокату умқи бадеӣ офарида шудааст:

Ёд бод он шаб, ки ёрам дил зи манзил бар гирифт.
Бор барбасту раҳи манзилгаҳи дигар гирифт.
Нокашида ранҷ доғи ҳаҷр бар ҷонам ниҳод,
Ночашида май хумори мастӣ андар сар ниҳод.
Чанбари зулфаш зи ман бурд чархи чанбарӣ,
То зи ҳаҷраш қомати ман пайкари чанбар шавад.
Дидам он шаб дидаи ахзар чу дарёи муҳит,
Пайкари дарёи ахзар гунбади ахзар шавад... [31, 76].

Дар ин тасвир ғаму хаёл ва ошуфтаҳолии қаҳрамони лирикӣ ифода шудааст, ки аз ҷудоии шахси барояш азизу меҳрубон падид омадааст. Шоир шаби фироқро бо орзую хаёл ва як олам таассурот ба қалам додааст ва маълум, ки ӯ муқобили ҷудоиву парешонӣ буда, ҳамнафасию ҳамхониро мепарастад, ки ҷанбаи инсондӯстӣ доранд. Тасвири шабу ҷирмҳои он барои шарҳи фикри асосӣ оварда шудаанд ва ба ин қиёс образҳое, ки аз парвози тахайюл ва ниҳояти нозукандешӣ дарак медиҳанд, баҳри осмон, мавҷи он, киштии шабу моҳи маллоҳ образҳое ҳастанд, ки ба василаи сувари хаёл манзараи шабро пеши назар меоваранд ва ин тасвирҳо дар ҳақиқат бозёфтҳои шоиронаанд.

Яке аз муҳаққиқони сабкшинос М. Н. Усмонов аз таҳқиқи ашъори шоирони асрҳои IX-X ба хулоса омадааст, ки дар ашъори мадҳӣ ва ишқию манзаравии он давраҳо статика бар динамика (ба таври мутадовим ғолиб буд [136, 67]. Аммо шеъри мазкури Муиззӣ ва намунаҳое аз татаббуоти шоирони дигари ин давра шаҳодат медиҳанд, ки дар асрҳои X-XI шеърҳои динамикӣ (пайваста) низ зиёд буданд ва ин равияи услубӣ асоси сабки хуросониро ташкил дода, моҳияти онро боло мебардошт. Тасвири дигари динамикии боз ҳам накӯтару муассири ёри дурафтода ва аз фироқи ӯ ба ҳоли ғамангезу ошуфта афтодани қаҳрамони лирикии шоирро пеши назар оварем, як ҷаҳон маъниҳои борику мусалсал ва ҳиссии ҷозиби шоирона ба ҳиссу андешаи мо таъсиргузор мешаванд.

Тасвири маҳбуба, манзара ва амалу кирдори мамдуҳони шоир дар қасидаву татаббуоти ӯ қолабӣ набуда, балки табиӣ ва зиндаву таъсиргузоранд. Чунин тасвирҳо дар ашъори Муиззӣ, бахусус қасоиду татаббуоташ тару тоза ва маънидору пуртасвиранд. Дар ин гуна тасвирҳои шоиронаи ӯ назокати маъшуқ, узвҳои ӯ ва ҳусну малоҳати табииаш тавсиф шуда, манзарнигориҳои шоир бо зикри гулу садои мурғону булбулон ва зебоиҳои дашту даман, боғу роғ ва водиву талҳо ба сохтори бадеии ин гуна осораш ҳусну тавровати тоза бахшидаанд. Хусусияти асосии ин гуна тасвирҳо мушаххасиву содаву шинамии онҳост.

Муиззӣ дар тасвир ҳамеша ба воқеият, ашё ва алоқамандии онҳо бо зиндагии инсон эътибор додааст. Ҳамаи узвҳои ёр ва тимсолҳои тасвирӣ воқеӣ буда, фақат дар шеър бо тахайюли романтикӣ ба тасвир омадаанд. Содаву муъҷазӣ хосси ин гуна тасвирҳои шоир мебошад. Қариб ҳаштод дар сади ин гуна ашъори шоир ба забти воқеаҳои таърихӣ бунёд шудаанд ва ин равиш дар шеър тасвирҳои мушаххас ва маонии ба фаҳм наздикро фароҳам овардааст. Тасвири мушаххас дар эҷодиёти Муиззӣ, бахусус дар қасидаҳо ва татаббуоте, ки дар онҳо ашёву ҳодисаҳо ва шахсиятҳои ҷудогона васф шудаанд, содаву пурмаънӣ шакл гирифтаанд. Намунааш порае аз ташбиби татаббуе мебошад, ки дар тавсифи офтоб гуфта шудааст:

Офтоб андар шараф шуд дар ҷаҳон фармонраво,
Кард дигаргун замину кард дигарсон ҳаво.
Дод фармон то кунад дар боғ наққошӣ саҳоб,
Кард ёрӣ то кунад дар роғ атторӣ сабо.
Гулбун аз ёқути румонӣ ниҳад бар сар кулоҳ,
Ёсуман аз парниёни сабз барбандад қабо... [31, 16].

Замин аз офтоб нумуъ мегирад ва хосса таъсири муфиди он дар баҳорон санади воқеӣ ва табиист. Ҳар як дигаргуние, ки баҳорон дар олами табиат ба вуқуъ мепайвандад, шуои ҳонпарвари офтоб низ ба он таъсир мебахшад. Ин ҳодиса асоси мушаххас дорад ва сухан аз ашёи мушоҳидавӣ – ҷирми бузурги олам – офтоб ва зикри хусусиятҳои он ба вуқуъгӯӣ асос ёфтааст.

Яке аз хусусиятҳои дигари тасвиркориҳои Муиззӣ соданигорист. Сода ва ба фаҳми хонанда дастрас будани тасвир бунёди бадеӣ ва сабкии шеъри ӯро ташкил медиҳад. Тасвирҳои сода ва фаҳмраси шоир ҷанбаи халқии ин гуна ашъори ӯро тақвият бахшидаанд. Вале ин ҳол арзиши сухан, ҷанбаи таъсиргузорӣ ва таъсиру қудрати каломро накостааст. Баръакс, аз он таъсири зебошинохтӣ, самимияти гуфтор ва динамикаи баён бештар гардида, он ба табъ ва руҳи маънавии хонанда созгор омадааст. Содагӯии Муиззӣ фақат дар тарзи баён ва ифодаи матлаби одӣ зоҳир нашуда, балки равонии шеър, бунёди халқии суханҳо, истифодаи калимаҳои гуфтугӯӣ ва маъмул, наовардани тобишҳои

зимнӣ ин равишро таҳким бахшидааст. Масалан, байтҳои зер аз ташбиби як татаббуи ӯ бо таронаҳои мардумӣ ҳамоҳанганд:

Ҳар ки он чашми дижам бинаду он зулфи дуто,

Агар ошуфтаву шӯрида шавал ҳаст раво,

Ҳуши ман дар лаби моҳест ба қад сарви сиҳӣ,

Нӯши ман бар кафи сарвест ба рух моҳи само.

Гар хато карду ҷафо ҷону дилу дини ман аст,

Рӯй бартофтан аз сухбати ӯ нест раво.

Бути ман кӯдаку нозуклабу нозукдаҳан аст,

З-ӯ хатоям чу савоб асту ҷафоям чу вафо.

Барнагардам ба ҷафо аз даҳани кӯчаки ӯ,

В-аз лаби нозуки ӯ боз нагардам ба ҷафо...[31, 19].

Ҳамин тавр, тасвир дар татаббуоти Муиззӣ, пеш аз ҳама, таҷассуми воқеияти дунёи моддӣ ва ҳолат буда, шеъри ӯ намоёнгари ҷаҳони рангини тасвирҳо ва нағмаи вожаҳои шоиронаи ӯянд. Дар ин замина, пурсиши бепосух ин аст, ки он чи вижагии сабки шоир ва тарзи нигориши ӯ хонда мешавад, чӣ гуна падид омадааст ва нишонаҳои малмуси он кадомҳоянд?

Нишонаҳои малмуси он дар зиндагӣ ва воқеиятҳои он буда, шоир онро дар шеъраш бо роҳу равишҳои гуногун шакл додааст. Аз ин ҷиҳат, дар бисёре аз татаббуоти ӯ мундариҷа хусусиятҳои бадеии осорашро муайян мекунад. Лирика аслан, сужетро намепарварад ва бунёдаш аз ифодаи эҳсосот фароҳам меояд. Вале шоиру нависандагон дар лирика низ сужетро ба кор мегиранд ва онро василаи баёни эҳсосоту ваҷду ҳаяҷон ва ё самимияти худ қарор медиҳанд, ки Муиззӣ аз он ҷумла аст. Муиззӣ дар татаббуоте, ки бар қасидаҳои Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ навиштааст, сужети таърихиро фаровон ба кор гирифтааст. Дар ин равиш, бо таъбири В.В. Виноградов, тарзи фардии нависанда бо хусусият, мавқеъ ва функсияи мушаххасаш дар байни муосирон ва низоми адабии давраш равшан намудор мегардад [65, 45]. Ин гуна тарзи хосси бардошти Муиззӣ аз воқеиятҳо ва сарнавишти чеҳраҳои таърихӣ савияи зебоишиносии осори ӯро кам накардааст, баръакс татаббуоти ӯ, ки аз воқеиятҳо

ва ҷузъиёти таърихӣ ба ҳам омадаанд, ҷанбаи амиқи лирикӣ дошта, аз ҳиссу андеша ва ормон саршоранд. Баъзе татаббуоте, ки мундариҷаи ишқӣ доранд, ғалаёни ботинии шахс, таассурот ва ҳиссу андешаи ӯро муҷассам сохтаанд, ки маҳорат ва ҳунари муаллифро нишон медиҳанд. Бисёре аз татаббуоти ӯ чунин сар шуда, бо тавсифу тамҷиди ҳусну ҷамоли ёр ва амалу кирдори ӯ ба поён мерасанд. Ин ёр бошад намоди мамдуҳи дӯстдоштаи ӯст. Намунааш татаббуи «Дар мадҳи Маҷдуддавла Насирулмулк Тоҷиддин Абумуҳаммад Манеӣ» аст, ки бо байтҳои зерин оғоз меёбад:

Дидам ба раҳ он нигори хандонро,

Он моҳрухи ситорадандонро.

Бар моҳи ду ҳафта тофта амдо,

Мушкин ду расан чи занахдонро.

Чавгон зада пеши халқ дар миён,

Дилҳо ҳама гӯӣ гиреҳ чавгонро.

Бӯи гулу мушк дода аз бода,

Беҷодаву дурру шакарафшонро [31, 38].

Чунонки мебинем, тавсифоти Муиззӣ аз санъати васф бой аст. Метавон гуфт, ки бунмояи тасвири ӯро дар ин қасида васф ташкил мекунад. Ҳама чиз, хоҳ мазмуни ишқӣ бошаду хоҳ таърихиву манзаравӣ ва хоҳ ҳолатҳои дигари шахсияти ғиноӣ васф дар онҳо нақши асосӣ дорад. Муиззӣ аслан, шоири вассоф аст ва нерӯю матонати суханаш бештар дар васф зоҳир мешавад. Тавсифи ба ҳол мувофиқ ба шеъри Муиззӣ пару бол бахшида, ба таъсири он меафзояд. Аз ин ҷиҳат, васфҳои Муиззӣ романтикӣ ва хушпарвоз буда, ҷанбаи амиқи зебоишиносӣ доранд. Тавсифи боди фарвардин ва дигаргуниҳои табиат дар татаббуи зерин ҳунармандона анҷом гирифтааст, ки намунааш байтҳои зайланд:

Зи фарри боди фарвардин ҷаҳон чун хулди ризвон шуд,

Ҳама ҳолаш дигаргун шуд, ҳама расмаш дигарсон шуд.

Тавонгар гашту хуштабъу ҷавон аз адли фарвардин,

Агар дарвешу нохуштабъу пир аз ҷаври обон шуд.

Гул андар гул мураккаб кард бӯи боди наврӯзӣ,

Чу аз гул гул падид омад гулистон чун гулистон шуд [31, 169].

Дар ин гуна шеърҳои Муиззӣ як миқдор калимаҳои мансуб ба номи шаҳрҳову кишварҳо мазмуни ишқӣ пайдо карда, бо ҳиссиёту ҷозиба нигошта шудаанд. Инҳо Хутан, Халлух, Яғмо, Шуштар, Кашмир, Фархор, Чин, Туркистон ва ғайра мебошанд. Ин номҳо, ки дар гуфтор баъзан дағал менамоянд, дар шарҳи ишқӣ маъниҳои дилангез касб кардаанд ва ин ба омили услубӣ асос ёфтааст. Дар ҳамаи шеърҳои ишқии асрҳои XI-XII исмҳои мазкур нисбат ба маҳбуба ё ҷои баромад ё хусусияти андомаш ташбеҳ ё қиёс карда шудаанд, бахусус дар лирикаи мадҳӣ ин ҳодиса зиёд ба чашм мехӯрад. Сабабаш ҳузури ғулому канизакони соҳибҳусн буданд, ки аз як қисми шаҳрҳои зикршуда ба ғорат оварда шуда, дар саройҳои шоҳӣ ба хидматгор ва воситаҳои дигар табдил меёфтанд. Ин маънӣ дар ашъори Муиззӣ, азбаски хеле зиёд такрор шуда ва тобишҳои гуногуни маънавӣ гирифтааст, тарзи таваҷҷуҳ ва нигориши шоирро низ шакл додааанд. Аз ҷумла, дар ин радиф метавон аз калимаи «турк» ёд кард, ки дар қасоиди ӯ ба такрор омадааст:

Ман он касам, ки дилу ҷони хеш додастам,

Ба дасти ишқи ту, эй офтоби Туркистон [31, 604].

Ва ё:

Турки ман дорад шукуфта гулситон бар муштарӣ,

Муштарӣ бар сарву сарв андар қабои шуштарӣ [31, 714].

Ба ин тартиб, тасвиркориҳои муҷазу мунаққаш ва мушаххасу мутаносиб бо табиати инсон ва талаботи завқи зебоишиносии ӯ аз муҳимтарин хусусияти сабки нигориши Муиззӣ мебошад. Ин гуна тасвирҳо новобаста ба мавзуъҳои мавриди тасвир дар ашъори ӯ зиёданд. Ҳамчунон ки И. С. Брагинский нисбат ба тарзи нигориши шоирони асари XI гуфтааст, шеъри Муиззӣ низ аз нозукию зарофат ва суфтагии хос бархӯрдор мебошад [60, 274-275].

Барои дастёбӣ ба ошкор намудани хусусиятҳои дигари тарзи тасвиргарии Муиззӣ назарияи забонии сабкшинос Р. Якобсон бевосита ёрӣ мерасонад. Ин донишманд ба муаррифии ду кутби коркарди забонӣ пардохта, ин ду қутбро таҳти унвони «қутби истиорӣ» ва «қутби маҷозӣ» ном бурдааст. Вай истиораро

фароянде медонад, ки суратеро аз меҳвари ҷонишинӣ «интихоб» мекунад ва ба ҷои сурати дигаре менишонад. Ба ин тартиб, агар ба ҷои вожаи «ҷавон» вожаи «барно»-ро ба кор барем, «интихоб»-и вожаи охир аз рӯйи меҳвари ҷонишинӣ сурат пазируфтааст. Дар муқобили «маҷоз» фароянде ҳаст, ки суратеро ба рӯйи меҳвари ҳамнишинӣ дар канори сурати дигаре қарор медиҳад ва ин кор «таркиб» номида мешавад. Барои намуна аз вожаи «дарё» дар канори «обӣ» ва падид овардани «дарёи обӣ» бар рӯйи меҳвари ҳамнишинӣ ва бар ҳасби таркиб сурат пазируфтааст.

Дар асоси ин назария, агар дар ҷумлаи «он ҷавон мурд» ба ҷои «ҷавон» аз вожаи «шамъ» истифода кунем ва ба ҷои «мурд» «сӯхт»-ро ба кор барем, ин «интихоб»-ҳо аз рӯйи меҳвари ҷонишинӣ сурат пазируфтааст ва канори ҳамдигар қарор додани онҳо дар асл «таркиб»-и онҳо бо якдигар аст, ки бар рӯйи меҳвари «ҳамнишинӣ» таҳаққуқ меёбад. Дар ин замина, бояд таъкид намуд, ки «интихоб» бо таваҷҷуҳ ба «таркиб» сурат мепазирад. Масалан, дар шеър «интихоб» бояд ба гунае сурат пазирад, ки вазн дар «таркиб» ҳифз шавад.

Дар асари бадеӣ, бахусус шеър усули истифода аз ин ду меҳвар метавонад, асосе барои ташхиси гароиш ба яке аз ин ду қутб бошад. Таҷрибаи шоирии пешиниён Муиззӣ, аз ҷумла Унсурӣ, Фаррухӣ, Манучеҳрӣ, Рашиди Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Адиб Собири Тирмизӣ, Анварӣ, Қатрон, Саноӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва баъзеи дигар, ки дар таҳаввули татаббуъ нақши калидӣ доранд, гароиши бештарро ба «таркиб» бар рӯйи меҳвари ҳамнишинӣ собит месозад, ки ин равиш бештар зери таъсири шароити иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии замони зиндагӣ ва фаолияти ин шоирон шакли комилтаре гирифтааст.

Замони шоирони ёдшуда муҳит ва шароитеро ба вуҷуд оварда буд, ки соҳибони забон ба истифода аз забони сода ва холӣ аз такаллуф рӯй оварданд ва ин ҳодисаи мусбати фарҳангӣ барои афзоиши аҳаммияти «таркиб» мусоидат карда, гароишро ба амалкард бар рӯйи меҳвари ҳамнишинӣ муҳайё сохт, ки дар шеъри форсии тоҷикӣ шоҳкорҳоеро ба вуҷуд овард.

Маъмулан, сабкро дар луғоти адабиётшиносӣ шеваи нависанда ё шоире таъбир кардаанд ва агар ин равиш дар як дараҷаи муайян маъмул гардад, сабки давраеро ташкил медиҳад [156, 22]. Сабки гурӯҳии як давраи муайян вижагиҳои муштаракеро дар бар мегирад, ки дар сабкҳои фардии ҳамон давра ба чашм мерасад. Аз ин ҷиҳат, муҳаққиқон ба сабки гурӯҳии хуросонӣ ва намояндагони он имтиёз дода, ашъори шоирони ёдшударо намунаи ин тарзи нигориш донистаанд. Дар ҳамин асос, тарзи нигориши шоирони ин давра имтиёзоти хос дорад, ки пайванди онро ба суннатҳои қаблии шеъри форсии тоҷикӣ таъйид менамояд.

М. Усмонов низ ба тарзи иғроқомези тарзи нигориши Муиззӣ, Ватвот ва баъзе гузаштаҳои онҳо ишораҳо дорад [136, 128]. Ин ишораҳо равиши асосии тарзи нигориши ин шоиронро мушаххас насохтаанд. Ба ин далел, барои муайян намудани баъзе паҳлӯҳои ҷустуҷӯҳои шоирони давраи музкур мо аз назарияи Якобсон истифода кардем.

Назарияи ҳамнишинӣ ва воқеияти ҳаёти адабии асрҳои XI-XII собит мекунад, ки аксари шоирони ёдшуда гароиши амиқ ва ҳадафманде ба тарзи ҳамнишинии тасвиргарӣ доштаанд. Ин тарзи баён, пеш аз ҳама, сохтаи дунёи отифа ва эҳсоси шоир буда, марҳилаи тасвир ва ташбеҳ дар он имтиёз дорад. Дар дунёи шоирии ин шоирон, ки хаёлу отифаву эҳсос ҷойгоҳи хос дошта, онҳо тавонистаанд ба ин васила ба кашфи ҳақиқатҳои тозаи ҷаҳони моддӣ ва маънавӣ даст ёбанд. Дар ин ҳол, дар тасаввури шоиронаи бисёре аз ин шоирон ашё (шайъ) ҷон мегирад, ба инсон ва зиндагии ӯ марбут мешавад, ба ифодаи саҳеҳтар, инсонӣ мешавад ва ранге аз отифаю эҳсоси инсон ба он дода мешавад. Дар ин замина нахуст аз таҷрибаи Муиззӣ ёдовар мешавем, ки қобили мулоҳиза мебошад.

Амир Муиззӣ дар татаббуоташ даставвал бо шайъ – ашё сару кор дошта, онро ба сурати зинда ва махсус тасвир мекунад. Аз ин назар, вай аксаран аз раҳгузари тасвирҳои ҳиссӣ меравад, бинобар ин ҳам дар шеъри ӯ тасвирҳо ба таври мантиқӣ ба дунболи ҳам намеоянд, балки ба таври ҳиссӣ ҳамдигарро дунбол мекунанд. Ин яке аз вижагиҳои идроки бадеӣ ва сабки ин шоир

мебошад. Маҳз ҳамин тарзи дид ва тасвир кулли ормонҳои шоирро, ки дар пушти тасвирҳо ва калимоту саноеи маънавию лафзӣ ниҳонанд, ироа медиҳанд. Аз ин мавқеъ, барои кашф ва дарки зебоиҳои каломи шоирона ва ҷаҳони тозаи андешаву оро, ки шоир кашф кардааст, бояд дар заминаи назарияи ёдшуда ба моҳияти сеҳрангезӣ ва таъсиргузории тарзи тасвири вай пай бурд. Бояд мушаххас кард, ки чи гуна тасвир, бахусус ташбеҳ ва дигар саноеи бадеӣ забони сареҳи ифшои отифа ва эҳсоси ӯ гардида, моро мустақиман ба дунёи шеър, дунёи иртиботи беохир ва рангоранг ҳидоят кардааст.

Тасвир бо корбурди ташбеҳ, дар шеъри Муиззӣ, пеш аз ҳама, таҷассуми ҳолат аст. Яъне, шоир дар шеър ба кашфи шайъҳо (ашё) ё ҳолатҳои ҳаммонанд даст меёбад ва чаҳор рукни ташбеҳ: а) мушаббаҳ; б) мушаббаҳбиҳӣ; в) ваҷҳи шабеҳ; г) адоти ташбеҳ, дар ин замина корсоз меафтанд.

Ин таҷриба боз ҳам дар таъкид ва таъйиди ҷанбаи ҳунарии шеър ва сабки шоир аст (на ҳунар барои ҳунар), ки фақат ба асолати ҳунарии осори бадеӣ имтиёз медиҳад. Аз ин мавқеъ, шеъри аҳди Муиззӣ ва салафҳои ӯ ҳама гуна тарзи сареҳу хабарии мавзуотро канор гузошта, ғолибан бар тасвир таъкид доштаанд. Ба ифодаи дигар, аз парда берун кашидани маънии шеър таҷриба ва омодагии зеҳниро тақозо дорад. Дар ин замина, баёни ғайримустақиму инъикосиро, ки матлабро дар пардаи ҳунар таҷасссум мекунад ва тавзеҳро раво намедонад, бояд яке аз мухтассоти ҳунари тасвиргарии Муиззӣ донист. Маҳз ба ҳамин далел муаллифи « «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дар шарҳу тафсири саноеи бадеӣ аз шеъри ӯ иқтибос карда, моҳияти тасвири инъикосиро дар заминаи шеъри ӯву худаш ва шоирони мавриди назари мо нишон додааст [113, 95, 98, 101, 109, 113, 118]. Ҳадафи аслии ин усули тасвир даст кашидан аз баёни ошкоро ва хабарии мавзуи мавриди тасвир мебошад, ки аз зовияи диди ҳунари асил берун омадааст.

Аз шоирони дигаре, ки дар дар таҷрибаи татаббуъсароиаш комилан, ба ин шева содиқ будааст, Рашиди Ватвот мебошад, ки байти зерин намунаи он ва дар таъйиди ҳамин мавқеияти ҳунарии ӯст:

Румҳу ҳусоми ту чун қалам бадсиголро,

Сина ҳаме шикофаду гардан ҳаме занад [31, 34].

Рашидаддини Ватвот, ки худ назариётчии улуми адабӣ буд, моҳияти ин санъатро дар он дидааст, ки «чизеро ба чизе монанд кунанд, ба адоти ташбеҳ, бешарту акс ва тафзил ва ғайри он. Ва адоти ташбеҳ дар... порсӣ чун аст ва монанд ва гӯӣ ва пиндорӣ ва он чи бад-ин монанд» [113, 100]. Дар байти боло тасвири Ватвот хабарӣ набуда, оганда аз монандкунӣ ва ба ин васила падид овардани ҳиссу андешаи хонанда мебошад. Муроди шоир аз ташбеҳи «румҳу ҳисом» ба «қалам» ҳадафи маънавию ахлоқӣ аст, ки бо шикофтани синаи бадсигол хатм мешавад.

Чунин тарзи тасвир дар қасоиди Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ шоеъ буда, ин суннатро шоирони баъдӣ, аз ҷумла Ватвот идома ва ташаккул бахшидааст. Намунааш пораи зерини татаббуи Масъуди Саъди Салмон аст:

Тоҳир сиқатулмулки сипеҳр асту ҷаҳон аст,

На, рост нагуфтам, ки на ин асту на он аст.

Не, не, на сипеҳр аст, ки хуршеди сипеҳр аст,

Не, не, на ҷаҳон аст, ки иқболи ҷаҳон аст [113, 103].

Аз намунаҳои иқтибосшудаи шеъри Рашиди Ватвот ва Масъуди Саъди Салмон равшан эҳсос мешавад, ки ҳар ду шоир дар баёни маънии шоирона ба воситаҳои тасвирии ҳамнишинӣ гароиши бештар, амиқ ва ҳадафманд доштаанд, ки баёнгари тарзи хоси бархӯрди онҳо ба воқеият ва тасвири он мебошад. Дар ин замина мо мебинем, ки дар шеъри онҳо ҳама чиз – муҳтаво, забон, луғат, баён, воситаҳои тасвирӣ тозаву тар ва фаҳмову маънидор буда, дар маҷмуъ вижагии хосси тасвири бадеӣ ва сабки онҳоро муайян намудааст.

Пораи зери татаббуи Рашиди Ватвот низ моҳияти аслии бадеияти тасвир ва сабки ӯро дар корбурди ташбеҳ мушаххас месозад:

Пушти замин чу рӯйи фалак гашта аз силоҳ,

Рӯйи фалак чу пушти замин гашта аз ғубор.

Аз суми маркабон шуда монанди ғор кӯҳ,

В-аз шахси куштагон шуда монанди кӯҳ ғор [27, 43].

Дар байти мазкур шоир бо истифода аз ташбеҳи тасвият пушти заминро ба фалак, рӯйи фалакро ба замин, кӯҳро ба ғор ва ғорро ба кӯҳ монанд карда, маъниро ҳисангез ва фароху таъсиргузор ба тасвир кашидааст. Пораи зайли татаббуи Анварӣ низ ба ҳамин тарз эҷод шуда, шоир, ба қавли Шамси Қайси Розӣ «ваҷҳи мазият (афзалият) ва тафзили (бартарии) дасту табъи мамдуҳ ба абру кон боз намуда»:

Хостам гуфтан, ки дасту таби ӯ абр асту кон,

Ақл гуфт: ин мадҳ бошад низ бо ман, ҳам палос.

Дасти ӯро абр чун хонию он ҷо соиқа?

Табъи ӯро кон чаро гӯию он ҷо эҳтибос? [199, 283].

Анварӣ дар намудҳои дигари ташбеҳ, аз ҷумла ташбеҳҳои сареҳ ва машрут низ фаровон шеър гуфтааст, ки баёнгари бадеият ва сабки татаббуъсароии ӯ мебошад. Байти зерро иқтибос мекунем, ки ташбеҳи машрут сохтори бадеии тасвирро қавӣ ва муҳтаворо ҳиссию инъикосӣ кардааст:

Агар моҳе сухан гӯяд, ту он моҳи сухангӯӣ,

Ва гар сарве қабо дорад, ту он сарви қабодорӣ [26, 281].

Дар байти мазкур Анварӣ чизеро (моҳеро) ба шарте ба чизе (моҳи сухангӯе) монанд карда, ҳусни бадеӣ ва сабки онро боло бурдааст.

Чунонки ба мушоҳида расид, корбурди ташбеҳ ва намудҳои он дар таҷрибаи шеърии аксари шоирони ин давра равиши хос дошта, гуфтугӯ дар атрофи он вақт ва ҳавсалаи дигар мехоҳад. Фақат лозим медонем, як нуктаро баён кунем, ки Муиззӣ ва салафҳои ӯ аз ҷумлаи ба нудрат шоироне ҳастанд, ки дар заминаи урфу одат, суннатҳои завқию адабӣ ва талаботи мавзуи мавриди тасвирашон ба корбурди саноеи маънавию лафзӣ пардохтаанд, ки ба ташаккули сохтори бадеии шеър ва сабки онҳо мусоидат намудааст.

Баъзе муҳаққиқон сабкро фақат аз равиши баёни андеша иборат донистаанд. Аз ҷумла, дар ин боб М. Маҳҷуб менависад, ки «аммо ин равиш ҳамвора яксон натавонад буд ва дар сурате ба шахси хос ва муайян тааллуқ дорад, ки равиши ӯ бо они дигарон тафовут дошта бошад» [104, 47]. Ин дидгоҳ, ки ваҷҳи аслиаш тарҷеҳ ниҳодани сабке ба сабки дигар мебошад, дар назарияи

шеършиносии гузашта низ мавриди назар будааст. Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ дар «Ал-муъҷам» дар боби «ҳусни матлаъу мақтаъ ва лутфи тахаллусу адаби талаб» [199, 325] сухан ба миён оварда, таъкид мекунад, ки «Ҳусни матлаъ он аст, ки шоир матлаи ҳар шеъре лоиқи мақсуди хеш ниҳад ва ибтидо ба калимоти мустакроҳ [зишт, хунук] накунад, илло ки марсия ё ҳаҷв бошад. Ва дар он низ он чи ба нисбат бо он ҳоли ҷамилтару мастур бувад, матлаъ созад. Ва дар ғазалу ташбибу қасоиди мадҳӣ номи ғуломе ё зане набарад, илло ки маълум бошад, мамдуҳро бад-он исм тааллуқе нест» [199, 325].

Муроди Қайси Розӣ аз баёни ин андеша, пеш аз ҳама, шинохти тарзи тасвири сареҳ ва саҳеҳ ва зикри «хусусияти тасвирнокии каломи бадеӣ» [155, 71] мебошад, ки шоирони мавриди назари мо дар татаббуоташон ба таври аҳсант адо кардаанд. Ин ташреҳи Қайси Розӣ асос медиҳад, ки ба чанд нуктаи муҳимми тарзи нигориши шоирони ёдшуда таваҷҷуҳ кунем: а) онҳо он чиро ки қасди изҳор ё тасвири онро доштаанд, бо риояи ҳадди эътидол ба тарзи дилписанд адо кардаанд; б) риояи ҳадди эътидол дар гуфтан ва тасвири мавриди назарашон ҳадди эътидолро риоят намудаанд; в) гуфтани матлаби фарохӯри ҳолро ба тарзе ки бояд гуфт, адо кардаанд.

Барои он ки маънии матлаби боло дарк шавад, назари Қайси Розиро дар боби талаб ва ҳусни суол иқтибос мекунем: «Ва чунонки вуҷуҳи (сабабҳои) мадоеҳ бояд, ки ба чизе аз фазоили нафсонӣ бошад, умдаи адияи (дуоҳои) мамдуҳ бояд, ки бар ҳусули саодоти нафсонӣ бувад. Ва айби лафзӣ он аст, ки гуфтааст: «Мабод гӯши тую мабод дасти ту» ва ин чиз сахт нописандида аст ва бояд, ки шоири муҷиду (эҷодкору) котиби фозил назму насри хешро аз алфози завоту ҷаҳин, ки чун онро аз қарина ҷудо кунӣ, қабеҳ бошад, пок дорад. Ва агар аз ин ҷинс зарурат афтад, миёни лафзи дуо ва зикри мумдуҳ фосилае дарорад, чунонки гӯяд: «Маҷлисат бе май мабоду гӯшат бе симоъ мабод» [199, 327].

Дар заминаи ин гуфтаи Қайси Розӣ намунаҳое аз татаббуоти Саид Ҳасани Ғазнавӣ ва Анварӣ меоварем, ки дар санъати матлау мақтаъ ҳунари комил доштани онҳоро собит менамояд.

1. Ҳусни матлаъ аз Саид Ҳасани Ғазнавӣ:

Ҳар насиме, ки ба ман бӯйи Хуросон орад,
Чун дами Исо дар колбадам ҷон орад [21, 50].

2. Ҳусни мақтаъ аз Анварӣ:

То маҳалли ҳама чиз аз шарафи ӯ бошад,
Ҷовидон бар ҳама чизият шараф боду маҳал.
Даргаҳат мақсади аркону дар ӯ бору ҳиҷоб,
Маҷлисат маншаи аъёну дар ӯ мадҳу ғазал.
Пои иқболи ҷаҳон сӯи бадандеши ту ланг,
Дасти осеби фалак сӯи накӯхоҳи ту шал.
Рӯзи бад рафтаю рӯзат ҳама фархундаю ид
В-аз қазо бистуда бо дахли азал ваҷҳи амал [26, 123].

Ба ин тартиб, тарзи нигориши ҳар ду шоир аз равише иборат аст, ки онҳо барои баёни андешаи худ интихоб карда ва камол бахшидаанд. Ин тарзи нигориш ҳарчанд аз равиши ҳунарии гузаштагон ва матни сабки замон ҷудо нест, вале мухтассоте дорад, ки ибдоъгари он соҳибони шеърҳои иқтибосшуда мебошанд.

Он чи дар каломи шоири асил бадеъ ва ҷолиби таваҷҷуҳ менамояд, пеш аз ҳама, шеваи баёни ӯст, ки ба шароити берун аз забон низ сахт вобаста буда, марбут мешавад ба шароити сиёсӣ ва фарҳангии замони Ғазнавиёну Салҷуқиён. Таваҷҷуҳ ба сарманшаи ҳастии таърихӣ ва фарҳангии миллат дидгоҳҳо ва сабки шоирони асили ин давраро дар тарзи тасвир тадриҷан тағйир дод.

Тозагӣ ва ибтикороти адабӣ дар ин давра, бахусус дар эҷодиёти Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва шоирони дигаре, ки ёд кардем, қабл аз ҳама, дар таъбиру таъвили тозаи мавзуву муҳтаво, тобиши нави вазну қофия, унсурҳои сабксоз дар корбурди ҷузъиёти нав, дар назари тозаи ҳикматписанд ва ниҳоят, дар ҳадафи ҳунарӣ ва паёми онҳо ифода шудааст.

Ташхиси унсурҳои сабксози татаббуоти шоирони зикршуда аз бисёр ҷиҳат андешаи ба талаботи ҳунарии замони зиндагии ин шоирон мувофиқ будани ин унсурҳоро ба вуҷуд меоварад. Мувофиқати шеър бо дигар навъҳои ҳунар, аз

ҷумла мусиқӣ ба шеър ва ҳунари ин аҳд хусусияти махлутӣ (синкретикӣ) бахшидааст. Дар ин замина, андешаи зерини Куруши Сафавӣ низ ҷолиби диққат аст. Вай менависад, ки «гароиш ба корбурди меҳвари ҳамнишинӣ дар «Шоҳнома» дида мешавад ва шоир худро муқаййид медонад, ки ба тавзеҳ бипардозад, меъмор низ дар меъмории худ ҳамин равишро дунбол мекунад. Ҳама чиз дар хидмати чизе аст, ки сохта мешавад, то дақиқан ҳамоне бошад, ки бояд бинамоёнад. Фирдавсӣ дар «Шоҳнома» ончунон ба тавзеҳи матолиб мепардозад, ки мо ҳатто аз нави либос, ранги онҳо, навъи абзорҳои ҷангӣ ва ҳатто навъи роҳ рафтан ва сухан гуфтани паҳлавоне чун Рустам огоҳ мешавем ва дар меъмории он айём низ даҳҳо манора ва равоқ ва гунбад ба канори ҳам қарор мегирад, то кох будани як кохро нишон диҳанд ва масҷид будани як иморатро бинамоёнанд. Аз ин назар, унсури аслӣ ва бунёнгузори сабки татаббуоти шоирони мавриди назар тарзи нигориш онҳо буда, ба матни замони фарҳангӣ пайванд мехӯрад [159, 39].

Дар ин замина, масъалаи усули образофаринии шоирони ин давраро мебояд ба баҳс кашид, ки низ хусусиятҳои хоси ҳунари тасвиргарии онҳоро дар татаббуоташон мушаххас месозад. Аз ин ҷиҳат, тарзи офаридани образҳои шеърӣ дар татаббуоти аксари ин шоирон суннатӣ мебошад. Дар ин гуна осор ҳамон муқоисаю ташбеҳ ва тавсифу истиорот мақом доранд, ки қаблан дар шеъри шоирони асри даҳ ва нимаи аввали асри ёздаҳ маъмул буданд. Вале ин ҳарфҳо чунин маънӣ надорад, ки ин равиши ҳунарии шоирони даври сонӣ тозагие надошта бошад. Баръакс, шеъри Муиззӣ ва салафҳои ӯ дар баробари монандиҳо ба тарзи образофарии пешиниён тозагиҳое низ дорад, ки аз образҳои нав, таркибҳо ва таъбирҳои хушмазмун иборат мебошад. Гоҳо образҳое, ки ба назар анъанавӣ менамоянд, дар татаббуоти ин шоирон, алалхусус Муиззӣ ба тарзи нав, омехта ба сувари хаёлу умқи тасвир ба истифода омада, дар такомули мундариҷаи шеъраш таъсиргузор будаанд. Ҳамчунон ки Ян Рипка мушоҳида кардааст, ин тарзи образофаринии шоир «бо хусусиятҳои равшанӣ, аёнӣ ва услуби ниҳоят мақбулашон фарқ карда меистанд» [147, 172].

Дар ин замина, таваҷҷуҳи Муиззӣ ба унсурҳои реалии мардумӣ, бардошти шоиронааш аз манзараҳои табиату зебоиҳои зиндагӣ ҷолиб ва тоза буда, то ҷое тарзи нигориши ӯро аз Ватвот барин салафҳояш фарқ мекунонад. Масалан, байтҳои зер намунаи бардошти воқеӣ ва табиии ӯ аз аносири тасвири воқеӣ мебошад, ки аз мушоҳидаи бевоситааш ҳосил шудааст:

Ман ғуломи он хати мушкин, ки гӯӣ мӯрча

Пои мушколуд бар барги гули насрин ниҳод.

То набӯсидам лаби ширини ӯ нашнохтам,

К-Эзид он зиндагонӣ дар лаби ширин ниҳод.

Мӯбади озарпарастонро дили ман қибла гашт,

З-он ки ишқаш дар дили ман озари барзин ниҳод.

Ҳар ки аз ранҷи ману аз кори ӯ огоҳ шуд,

Номи ман Фарҳод карду номи ӯ Ширин ниҳод [31, 176].

Дар байти зерини татаббуи «Дар мадҳи амирзода Муинуддавла» қиёси хати мушкин бар мӯрча тасвири бадеии ҷолиб ва пурмаъниву хаёлангез буда, асоси воқеӣ дорад:

Макун ба сарву маҳ он дилфиребро ташбеҳ,

Ки ӯ ҷудост ба хубию сарву моҳ ҷудо [31, 44].

Миёни маҳбубаи хандонлаби воқеӣ, яъне инсону он мабдаи қиёсиии беҷону беруҳ тафовут дида, хубию назокати вайро аз ташбеҳҳои манзаравию кайҳонӣ бартар шумурдан на фақат табиию воқеист, балки барои дигар намудану камол бахшидани таркиби тасвирҳои суннатӣ ва ба тасаввури мардум қарин сохтани поэтикаи тасвир тозакориҳои шоири мадеҳасароро собит менамояд. Чунин қиёси дақиқ ва вуқуъгаро дар муайян сохтани тафовути васфи маҳбуба дар заминаи суннатҳои мардумӣ, аз ҷумла арабу аҷам низ сурат гирифтааст, ки низ баёнгари диди табиӣ ва вуқуъгарои Муиззӣ мебошад:

Бар араб ҳаст зи баҳри ту аҷамро тафзил,

Ки аҷам васфи ту гуфтаасту араб васфи талал [31, 35].

Яке аз бартариҳои ҳунарии гузаштаҳои Муиззӣ, аз ҷумла Адиб Собиру Анварӣ ва Қатрон, ки тарзи нигоришашон то ҷое аз Муиззӣ тафовут дорад, дар

корбурди огоҳонаи тарзи тасвири романтикӣ мебошад. Аз ин ҷиҳат, Адиб Собир ва Анвариву Қатрон дар сурудани татаббуи романтикӣ ва улгӯбардориву наққошии сурат ва сирати мамдуҳ ва таносуби он бо табиати воқеӣ чеҳраи хос доранд. Ба сабаби он ки чунин тасвирҳо айнист, ғано ва зебоиаш бештар аст. Ин гуна тасвирҳо робитаи шоирро бо табиат наздиктару амиқтар ва тавъам бо эҳсосот месозанд. Ба ин тартиб, шоирони ёдшуда бо ёрии ин гуна тасвирҳо тавонистаанд, ки ҳолот ва руҳиёти дарунии худро ба мамдуҳ намуда, дар таносуб бо манозири табиат асли ҳадафи ғоявии худро баён намоянд. Ба ин далел, дар муқоиса бо Анвариву Қатрон Адиб Собир бо ашё ва воқеияҳои сарнавишти мамдуҳонаш бештар иртиботи руҳӣ дорад ва умедвор аст, ки аз хилоли тахайюл ва басирати халлоқи руҳ метавонад ҳам ашёро дарк кунад, ҳам онҳоро дар шеър ба наҳве ҷаззоб ва судманд ба тасвир оварад, ҳам мамдуҳро маҷзуб намояд. Дар ин замина вай тавонистааст, ки рози ашёро бо тавассул ба дарёфтҳои шахсии хеш аз кардаҳову накардаҳои мамдуҳ баён кунад ва маънои онҳоро нишон диҳад. Барои ин ӯ мисли Фаррухӣ фақат ба зеҳни мантиқӣ такя накарда, балки «ба зоти камоливу авотиф ва эҳсосоти хеш» [182, 123-124] ва иқтизои руҳи мамдуҳ паноҳ мебарад. Ҳамин тавр, дар заминаи намоиши таҷрибаҳои тахайюлӣ ва шахсӣ ин шоир тавонистааст, андешаю орояшро дар бораи табиат мутаносибан бо ҳастии мамдуҳ ва он чи дар сиришти ӯ ҳаст, тасвир ва баён намояд. Пораи зерро аз як татаббуи ӯ иқтибос мекунем, ки баёнгари сабки хосаш мебошад:

Он кас, ки дар ситоиши мамдуҳи хеш гуфт:
«Эй карда чарх теғи туро посбони хеш».
З-осеби чарх гар бираҳидӣ равони ӯ,
Кардӣ ҳама ба номи ту шеъри равони хеш.
В-ар Фаррухӣ ба аҳди ту будӣ, зи лафзи азб
Бар назми мидҳати ту фишондӣ равони хеш...
Бар садри ту ба лафзи Дақиқӣ кунам нисор
Аз қадри ту фузунтару беш аз тавони хеш [5, 32].

Дар ин татаббуъ Адиб Собир дар тарзи нигориш «мутобеи Фаррухӣ» буданашро изҳор карда бошад ҳам, бо вуҷуди содагӣ ва равониҳо гоҳо «радифҳои мушкилтар ва баландтаре» [193, 114] ифодагари хусусияти сабки ӯ мебошанд. Гоҳ-гоҳе аз муосирони худ, аз қабили Масъуди Саъди Салмон ва Анварӣ тақлид кардааст, ки далели қаробати сабки ӯ бо тарзи нигориши ин ду шоир мебошад.

Таҳқиқи дар ин замина анҷомгирифта собит месозад, ки тарзи тасвири шоирони ин аҳд якрангу якнавохт набуда, дар онҳо эҳсосу андешаҳои мухталиф бо тарзу усулҳои гуногун нигориш ёфтаанд. Ба ин далел, шеъри ҳеҷ кадоме аз шоирони ин давраро аз назари сабк, чунонки Шафеии Кадканӣ гумон кардааст, наметавон «фақиртарин шеъри ин рӯзгор» [93, 627] ба шумор овард.

Бар хилофи андешаи Кадканӣ татаббуоти мавриди назари мо аз эҷодиёти шоирони зикршуда нишон медиҳад, ки онҳо дар тасвир пойбанди усуле будаанд, ки хонанда аз мутолиаи татаббуоти онҳо воқеият ё манзараҳои тасвиршударо мебинад ва равшан тасаввур карда, аз дарки он чи шоир тасвир кардааст, дили ӯ аз фараҳ лабрез ва андешааш ҷон мегирад. Илова ба ин, дар девони аксари шоирони ёдшуда тасвирҳои ҷомеъ дар бораи рӯзгори мамдуҳон мутаносибан бо манзараҳои табиат ниҳоят зиёд буда, дар баъзе татаббуъҳо ҳатто тасвири манзараи мавзеъҳои мушаххаси таърихӣ, аз ҷумла боғҳои мамдуҳон, васфи баҳори Ғазнин ва ғайраро мушоҳида кардан мумкин аст, ки гувоҳи диди шоирона, табиӣ ва воқеъбинонаи муаллифи татаббуъ мебошад.

Дар таҷрибаи шеърии Муиззӣ, Масъуди Саъди Салмон, Саноӣ, Анварӣ ва баъзе шоирони дигари ин аҳд «як дарунмояи мусаллат вуҷуд дорад, ки бар саросари осори онҳо соя меафканад ва дар лобалои тасвирҳо, дар қолаб, сохтор, сабк ва дар мафҳуму мазмуни осорашон ҳузур дорад. Гӯӣ як дастгоҳи муназзам ва мусаллати фикрӣ аст, ки бар ҳамаи фаъолиятҳои зеҳнӣ ва тахайюлии ҳунарманд ҳукм меронад. Ин идеяи мусаллатро мо «нигариш» меномем. Нигариш сохти пинҳонии зеҳну шахсият ва навъе омодагии зеҳниву равонӣ аст дар рӯёрӯӣ бо ҷаҳону ашё ва ҳаводис, ки дар ҳамаи рафторҳо ва кунишҳои фард ба наҳви боризе намоён мешавад ва дар ҳунар ғолибан тавъам бо ҳаяҷон аст.

Нигариши ҳар касе маҳсули «захираи шинохтӣ»-и ӯст. Захираи шинохтӣ маҷмуаи низомёфтааст, аз огоҳиҳо, иттилоот, боварҳо, арзишҳо, суннатҳо, одот ва ба тури куллӣ аносири мутааллиқ ба як фарҳанг, ки дар зеҳни шахс анбошта ва ба малакаи руҳии ӯ табдил шуда ва ҷаҳоннигарии шахсро шакл медиҳад. Шахс бо ин маҷмуа ҳастиро тафсир, таъбир ва арзёбӣ мекунад. Андеша, эътимод ва эҳсоси ӯ пайваста таҳти ситраи ин нигариш қарор дорад» [183, 76].

Агар аз ҳамин мавқеъ ба нигариш ва равиши ҳунарии шоирони ин давра, аз ҷумла Муиззиву Қатрон, Рашиди Ватвоту Масъуди Саъд, Адиб Собиру Анварӣ, Саноиву Сайид Ҳасани Ғазнавӣ таваҷҷуҳ кунем, метавон дарёфт, ки онҳо соҳиби нигариши халлоқ ва фардӣ буда, дар ин замина осорашон дарунмояи мусаллат ва мунсаҷиме дорад. Чунонки ба мушоҳида расид, ваҳдати нигоҳ дар куллияи тасвирҳо ва сохторҳои татаббуоти ин шоирон қавӣ буда, метавон онҳоро «хӯшаҳое аз як тасвири бузург ба ҳисоб овард». Ба ин далел, сабки ин шоир дар як «тасвири конунӣ» сарҷамъ буда, тамоми сохтори мундариҷавӣ ва бадеити осори ӯ зери таъсири ҳамин равиш шакл гирифтааст.

Яке аз хусусиятҳои сабкии татаббуоти шоирони ёдшуда мутаносибан бо андешаи ваҳдат пайвастани ҷузъ ба кул дар тасвирҳо мебошад. Чунонки дар фавқ ба мушоҳида расид, тасвири чеҳраи мамдуҳ мутаносибан бо баҳор, дарё ва ҷузъҳои тасвирии марбут ба онҳо, аз қабили кӯҳ, соҳил, боғ, роғ, анбар, дурр, чаман, ҳаво, гулоб, сабза, лола ва таркибҳои монанд ба сели баҳорӣ ва ғайра дар татаббуоти Муиззӣ, Рашиди Ватвот ва Адиб Собир усули хос ва пурмояи корбурд доранд. Ба таъбири дигар, кашфи мафҳумҳои алоқаманд бо табиат барои ин шоирон нахуст калиди роҳёбӣ ба руҳ ва равони худ аст, сониян роҳро дар шинохти моҳияти сарнавишти мамдуҳ, табиат ва аносири он то зеҳни хонанда боз менамояд.

Дар татаббуоти шоирони зикршуда, аз ҷумла Муиззӣ таҷрибаи кашф, тасвир ва таҷаллии воқеияти замон ба сурати дарунмояи собит ҳама ҷо ба чашм мехӯрад. Кашф, яъне идроки моварои ва фаромоддии воқеият ва руҳи тобеъ (бор ёфтан ба дарбор) ва таҷалливу тасаввур ва тасвири тавсифии «шоистаи давлат», ки «мудом хидмати ӯ» барои шоир «суннати муакад шуд» ва ҳатто,

«қазо фирефта шуд суннати муакадро» [31, 23], дар таҷрибаи Муиззӣ мушоҳидаи басарӣ, зеҳнӣ ва бархӯрди ҳиссӣ мебошад. Муиззӣ султонеро, ки дар руъё мушоҳида кардааст, дар қолаби таҷрибаҳои басарӣ ва дидориву ҳиссӣ дар сурати «бар шоҳони гетӣ комрон», «сояи Яздон», «хуршедтабор», «Ҷамшедвор», «ҷаҳондори то ҳашр вафодор», «бо камари Нушинравонӣ», «бо каллаи Кайхусравӣ», «аслаш аз адл», «девораш аз шамшер», «ҳумои ҳиммат», «зи сад гардун қавӣ», «каъбаи Маҳмудиён», «қиблаи Масъудиён», «тоҷвар Баҳромшоҳ», «хаймаи иқбол», «ҳадяи бадеъ», «камоли сад малик», «ҷамоли сад шоҳ» ва монади инҳо тасвир ва тавсиф мекунад.

Дарунмояи «Подшоҳе, ки худованди ҷаҳон аст ба ҳақ, То ҷаҳон аст бимонод худованди ҷаҳон. Пири фарҳанги ҷавонею ҷавонбахт шаҳе, Ки ҳаме фахр кунад аз ҳунараш пиру ҷавон" бахши аъзами тасвирҳои татаббуоти Муиззиро ташкил медиҳанд. Ин дарунмояи барои ӯ хушбинона ва ормонӣ сабки осори ӯро якдаст кардааст. Намоди конуни осори ӯ ҳамон сифоти «додгар», «шоҳи ҳама хусравон», «Шоҳе, ки зи дину эътиқоди ӯ, Хушнуд шудаст ҷони пайғамбар», «Мадҳаш ҳама халқро чу бисмиллоҳ, Оғози сухан шудасту сари дафтар» аст ва тамоми осораш, бахусус қасоид ва татаббуоташ шарҳу басти ин намоди саргардон мебошад. Шахсиятҳои шеъраш, муболиғаву иғроқҳо ва тасвирҳои осори ӯ, ки намунае аз онро дар боло овардем, ҳама тобеи нигариши ӯянд. Нигариши ғайривоқеии шоир ва эҳсоси ҳузури барои худаш шодибахш, вале барои дигарон дардноки одамӣ дар зиндагии дурӯза ва шеъраш аст, ки ба он таърих ва наслҳои одамӣ писханд мезананд. Мутаассифона, чунин равиши манфии сабкӣ бар татаббуоти шоирони асрҳои ёздаҳу дувоздаҳ тасаллут дошта, яке аз аносири сабксози татаббуоти онҳо мебошад.

Дар заминаи таҳқиқ ва арзёбиҳое, ки дар ин боб анҷом гирифт, метавон ба натиҷаҳои зер даст ёфт.

1. Имтиёзи татаббуоти ин давра дар он аст, ки дар тарзи нигориши шоирон андешаву оро ба василаи масолеҳи мушаххасе, ки аз воқеияти зиндагӣ гирифта шудааст, ба тасвир омадааст. Ба ин далел, мундариҷаи татаббуоти мавриди таҳқиқ маъхуз аз зиндагӣ буда, бунмояи мундариҷаи асарро ташкил медиҳад.

Аз ин ҷиҳат, мазмун ва мундариҷаи қасоиди татаббуии шоироне мисли Муиззӣ, Қатрони Табрезӣ, Рашиди Ватвот, Масъуди Саъд, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва баъзеи дигар фарогир буда, сохтори ғоявию бадеии онро тарзи тасвир, таъбир ва тафсири шоири татаббуъсаро аз воқеият ва сарнавишти инсонҳо мушаххас месозад.

2. Дар миёни шоирони татаббуъсарои ин давра мазмун ва мундариҷаи ҷавобияҳои Муиззӣ то ҷое имтиёз дошта, хусусияти мундариҷоти ин гуна ашъори ӯро бахрабардорӣ ва тасвири ботааннии воқеаҳои сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии замони зисти шоир муайян менамояд. Муиззӣ дар татаббуоташ ба масъалаҳои муҳимми сиёсиву иҷтимоии замонашро, ки ба сарнавишт ва амалу кирдори шоҳону амирон, дину ойин ва расму русуми мардум алоқаманд мебошанд, таваҷҷуҳ намуда, ба ин васила, пеш аз ҳама, мушкилоти иҷтимоиву ахлоқӣ ва маънавиро ба таври бадеӣ инъикос кардааст, ки мавқеи шоирро дар шинохт ва таъбиру тафсири мавқеи инсон, бахусус, ҳуккоми вақт дар ҷаҳони воқеӣ ва ҷараёни зиндагии инсонҳо муайян месозад.

3. Тарзи тасвир ва бархӯрд бо воқеияти замон хусусияти мундариҷавии татаббуоти шоирони ин давраро мушаххас менамояд. Аз ҷумла, дар ин равиш мундариҷаи татаббуоти Муиззӣ нисбат ба ҷавобияҳои Рашиди Ватвот ва шоирони дигар пурвусъат буда, пеш аз ҳама ба ислоҳи вазъи иҷтимоӣ ва ахлоқии ҷомеаи вақт нигаронида шудааст. Мундариҷоти иҷтимоиву ахлоқии татаббуоти Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асириддини Ахсикатӣ низ пурвусъат ва пурмоя буда, бартарии маънавӣ ва ҳунарӣ дорад.

4. Хусусияти бадеӣ ва сабкии татаббуоти шоирони ин давраро асосан, саҳлии лафз, равонии матлаб, иборати азбу латиф шакл дода, қасидаву татаббуоти шоирони ёдшуда, даставвал, ифодагари ҳунари шоирии онон буда, дар ин гуна осор муҳтаво, забон, луғат, тарзи баён, сабк, воситаҳои тасвир, чунонки ишора шуд, сода, заминӣ, ошно, табиӣ ва фаҳмрас мебошанд. Дар татаббуоти шоирони ин давра чизи ноошно, хаёлӣ, ғайритабиӣ ва душворфаҳм ба мушоҳида намерасад. Аксари шоирони татаббуъсарои ин давра, бахусус Муиззӣ дар тасвир ҳамеша ба воқеият, ашёҳо ва пайванди онҳо бо зиндагии

инсон эътибор додаанд. Содаву муҷазӣ аз имтиёзоти тарзи тасвири онон мебошад. Ҳаштод дар сади татаббуоти ин шоир ба тасвири воқеаҳои таърихӣ асос ёфта, ин равиш омили истеҳкоми тасвирҳои мушаххас ва маонии фаҳмрас дар осори шоир шудааст.

5. Он чи дар каломи шоирони татаббуъсарои ин давра бадеъ ва таъсиргузор аст, пеш аз ҳама, шеваи баёни онҳо буда, марбут мешавад ба шароити сиёсӣ ва вазъи адабию фарҳангии замони замони заст ва эҷоди онҳо. Тозагӣ ва ибтикороти адабӣ дар тарзи нигориши Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва шоирони дигаре, ки ёд кардем, даставвал, дар таъбиру таъвили тоза ва таъсиргузори мавзуву муҳтаво, тобишҳои таъсиргузори вазну қофия, унсурҳои сабксоз дар корбурди ҷузъиёти тозаи зиндагӣ, дар дид ва тасвиргарии тозаи ҳикматписанд ва ниҳоят, дар ҳадафи ҳунарӣ ва дарунмояи паёми онҳо таҷассум ёфтааст.

6. Таҷрибаи кашф, тасвир ва таҷаллии воқеияти замон ба сурати дарунмояи собит аз имтиёзоти мундариҷавӣ ва бадеиву сабкии татаббуоти шоирони ин давра буда, моҳияти онро кашфу идроки мовароӣ ва фаромодии воқеиятҳои таърихӣ, ки моҳиятан ифодагари руҳи тобеъ [бор ёфтан ба даврбор] аст, муайян ва мушаххас месозад.

## Хулоса

Таърихи ташаккул ва таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикии садаҳои ёздаҳу дувоздаҳ далели он аст, ки ин роҳ василаи тақлид ва назирасароии маҳз набуда, балки як навъ имтиҳони ҳунарӣ барои санҷиши маҳорат ва ҷустуҷӯҳои бадеӣ ва таъсирпазирию робитаи эҷодии шоирон низ будааст. Дар шакли татаббуъсароӣ зуҳур кардани равиши асарпазирӣ ва робитаҳои эҷодӣ дар шеъри классикии мо аз замонҳои қадим шуруъ шуда, дар давраи мавриди назар зинаҳои тозаи ташаккул ва таҳаввулро тай намудааст, ки хусусияти вижаи ҷараёни инкишоф ва таҳаввули ин таҷрибаи шеъриро дар бар мегирад. Ба ин тартиб, баҳсу баррасиҳои дар ин замина анҷомгирифтаро метавон ба тариқи зайл ҷамъбаст ва натиҷагирӣ кард:

1. Таҳқиқ ва арзёбии масъалаи татаббуъ дар шеъри садаҳои ёздаҳу дувоздаҳ, заминаҳои таърихӣ, сайри таҳаввули он, нақши Амир Муиззӣ, Рашиди Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Адиб Собири Тирмизӣ, Анварӣ, Қатрон, Саноӣ, Асириддини Ахсикатӣ ва баъзе шоирони дигари ин давра дар ин раванд ва таъсирпазириаш аз таҷрибаи эҷодии шоироне, мисли Унсурӣ, Фаррухӣ ва Асҷадӣ далели он аст, ки татаббуъсароӣ яке аз рукнҳои асосии шеъри суннатии форсии тоҷикӣ буда, оғоз ва ташаккули он ба пайдоиши шеър ва ҷустуҷӯҳои шоирон дар ин замина вобаста мебошад.

2. Татаббуъ ҳамчун омили таъсирпазирӣ ва робитаи адабӣ дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ибтидо вуҷуд дошта, ба тарзу намудҳои гуногун зоҳир гардидааст. Осори аз даврони Сомонӣ ва баъди он то ба имрӯз расида, ҷузъи куҳантарини ин намуди шеър буда, шоирони тавоное, мисли Рӯдакӣ, Абушакури Балхӣ ва Шаҳиди Балхӣ аввалин намунаҳои онро эҷод ва сохтори мундариҷавӣ ва бадеии онро такмил бахшидаанд.

3. Бо пайдоиш ва ташаккули ғазалу қасида татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ ҷойгоҳи хос пайдо карда, минбаъд дар заминаи ҷустуҷӯҳои бадеии Манучеҳрии Домғонӣ, Унсурии Балхӣ, Фаррухии Систонӣ, Асҷадии Абевардӣ, Амир Муиззӣ ва шоирони баъдӣ ташаккул ва таҳаввул пайдо кардааст. Дар давраҳои баъдӣ ин тарзи пайравӣ инкишоф ёфта, шоирон ғазалу қасида ва

тағаззулоти ҳамдигарро аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа ва сохтори бадеӣ истиқбол менамуданд. Дар ин равиш робитаи эҷодӣ ва таъсирпазирии шоирони дигар, аз ҷумла Анварӣ, Заҳирӣ Форёбӣ, Сайфи Исфарангӣ, Хоқонӣ, Саноӣ, Саъдӣ, Ҳофиз, Салмони Соваҷӣ, Имоди Кирмонӣ, Убайди Зоконӣ аз ҳамдигар ва таҳаввулоти татаббуъсароӣ дар асри темурӣ ифодагари марҳилаи муҳим ва пурмояи татаббуъсароӣ мебошад, ки ҷараёни хосси таъсирпазирӣ ва пайванди маънавию ҳунарии шоирони давраҳои гуногунро ба салафҳои худ таъйид менамояд.

4. Таҷрибаи шоирони татаббуъсаро дар давраҳои гуногуни таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ гувоҳи он аст, ки ба шеъри шоире пайравӣ кардан ё онро истиқбол намудан барои шоири ҳунарманд амри зарурӣ набуда, масъалаи интихоб ва ҳунарнамоӣ мебошад. Ба ифодаи дақиқтар, сурудани татаббуъ амре дуқутбӣ ва маънавӣ буда, шоири пайрав, пеш аз ҳама, тамоюл ба ҷудо нигаҳ доштани сармашқ аз шеъри ба он пайравишуда дорад, ки ба татаббуъ мафҳуми зимнии муҳимму таъсиргузор ва ҷанбаи фаротар аз матни аслӣ мебахшад. Ҷанбаи татбиқии он чаҳорчӯбе суварӣ барои рақобати шахсӣ ба даст медиҳад, ки бевосита ба парвариши бархе гароишҳои рақобатӣ ва фаъолият бахшидан ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ин гуна гароишҳо аз хусусияти асосии шеъри форсии тоҷикӣ буда, равиши асосии ҳунарии сайри таҳаввули татаббуъро мушаххас месозад.

5. Аксари шоирони татаббуъсаро дар замони мавриди назар пойбанди тақлиди маҳз ва ҷавоб гуфтан набуда, дар ин замина ҳам дар мундариҷа, ҳам шакли бадеӣ ва ҳам сабки нигориш ба тозакориҳо даст ёфтаанд. Онҳо дар эҷоди татаббуъ аз образҳои бадеӣ ва сабки пешиниёни худ эҷодкорона истифода карда, тарзи тасвир ва сабки онҳоро мувофиқи завқи бадеии замонашон таҳаввул бахшидаанд.

6. Таҳқиқи қиёсии сайри таҳаввули татаббуъ аз замони Рӯдакӣ ба баъд нишон медиҳад, ки ин тамоюли ҳунарӣ на фақат санади таъсирпазирӣ ва робитаи эҷодӣ аст, балки мустақилият ва фардияти ҳунарии шоирони татаббуъсароро низ таъйид менамояд. Ба ифодаи дигар, шоирони татаббуъсаро

суннатҳои баргузидаи шеъри пешинро ривоҷ дода, дар таҷрибаашон паҳлӯҳои муҳимми ин падидаро таҳаввул бахшидаанд.

7. Амир Муиззӣ яке аз шоирони соҳибсалиқаи ин давра мебошад, ки ба равиш ва тарзи тозаи қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва баъзе шоирони дигар пайравӣ кардааст, ки омили аслии ин ҳодисаи адабӣ иродат ва ихлоси ҳунарии ӯ ба ин устодони сухан будааст. Ӯ на фақат ба бисёре аз қасидаҳои шоирони зикршуда татаббуъ навиштааст, балки бо иқтибоси мисраъ ё байте ё зикри номи шоир тобеияташро ба ҳунар ва андешаву орои устоди маънавӣ ва ҳунариаш таъйид ҳам кардааст.

8. Татаббуъсароӣ минбаъд дар шеъри ин давра дар заминаи ҷустуҷӯҳои ҳунарии шоироне, мисли Рашидаддини Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Адиб Собири Тирмизӣ, Анварӣ, Қатрон ва дигарон ташаккул ёфта, чеҳра ва фардияти ҳунарии онҳоро шакл додааст. Таҳқиқи муқоисавии ҳунари қасидасароии шоирони ёдшуда на фақат бозгӯи санади пайравии ҳунармандонаи онҳо ба тарзи нигориши шоирони пешин мебошад, балки хусусиятҳои хоси таҷрибаи татаббуъсароӣ ва тасвиркориҳои онҳоро дар ин замина мушаххас месозад.

9. Таҷрибаи татаббуъсароии шоирони ёдшуда аз назари лаззат бурдан ва таъсир пазируфтан аз шеъри сармашқ, мафтунӣ ва саргармӣ, изҳори тавоноӣ ва комёбӣ аз сурудани татаббуъ, ризомандӣ аз пайравию истиқбол, пайванди маънавию ҳунарӣ бо соҳиби қасидаи сармашқ, қаробати тарзи нигориш, таҷдиди усули таъсирпазирӣ аз шеъри сармашқ ҷолиб буда, чеҳраи ҳунарии ҳам соҳиби шеъри сармашқ ва ҳам татаббуъро ҳифз намудааст.

10. Сохтори мундариҷавии татаббуоти шоирони ин асрҳоро асосан, мадҳ ташкил дода, шоир дар баробари таҳнияти шахсияти мавриди назараш, масъалаҳои дигар, аз ҷумла тасвири табиат, хушгузаронии умр, ҳифзи аҳкоми шаръӣ, устувории пояҳои исломият, ҳамчунин мавзуоти ҳикамӣ ва ахлоқиро низ ба тасвир ва муҳокима кашидааст. Тасвири ин мавзуъҳо яке аз василаҳое низ будааст, ки шоирон иртиботашонро бо ашхоси гуногун ва муҳити зисташ мушаххас созанд. Илова бар ин, аз хилоли татаббуоти ин давра мавзуъ ва масъалаҳоеро низ метавон берун кашид, ки аҳвол ва сифоти баъзе аз

шахсиятҳои таърихиро инъикос менамоянд. Ба ин далел, шинохт ва тасвиру тавсифи ҷузъиёти воқеият, ашё, макону замон ва сифоти шахсиятҳо аз хусусияти асосии сохтори мавзуии татаббуоти ин аҳд мебошад.

11. Ҷанбаъҳои ҳунарии татаббуоти шоирон, ки зери таъсири суннатҳои устувори поэтикаи шеъри форсии тоҷикӣ шакл гирифта ва ташаккулу таҳаввул ёфтааст, ин андешаро таъйид менамояд, ки омили аслии инкишофи бадеияти ин гуна осор, аввалан баҳрабардорӣ аз таҷрибаи пешиниён бошад, сониян марбут мешавад ба истеъдод ва ҷустуҷӯҳову тозакориҳои худи ин шоирон.

12. Забони татаббуоти Муиззӣ ғанӣ буда, ҳар як калимаву ибора бо ҳадафи хосси мундариҷавию сабкӣ ба кор гирифта шудааст ва ифодакунандаи маъниҳои хос мебошад. Татаббуоти ӯ феҳрасти ҷомеи вожаҳо ва саноеи бадеист, ки бо хусусияти замониву таърихӣ ва балоғиашон чеҳраи ҳунарии ӯро мушаххас менамоянд. Тарзи нигориши ӯ содаву равон ва пурмаъниву таъсиргузор мебошад.

13. Шеъри сармашқ барои шоирони давраи мазкур, аз ҷумла Рашидаддини Ватвот, Масъуди Саъди Салмон, Адиб Собир, Анварӣ, Қатрон, Ҳаким Саноӣ, Сайид Ҳасани Ғазнавӣ ва Асиридини Ахсикатӣ манбаи илҳом буда, онҳо ҳар кадоме бо усул ва равиши хос ба тарзи нигориши салафҳои худ пайравӣ кардаанд. Тарзу равиши хосси таъсирпазирӣ ва пайравии шоирони ёдшударо аз шеъри салафҳояшон, пеш аз ҳама, усули фарогирии мазмуну дарунмоя ва тарзи нигориш мушаххас месозад, ки ҳар кадоме ба қадри тавоноии худ анҷом додаанд. Шоирони номбаршуда аз тарзи нигориши салафҳояшон, усули корбурди воситаҳои тасвири бадеӣ ва алфозу таркибҳои хосси шеъри онҳо истифода кардаанд, ки ин тамоюл гоҳо боиси ба вуҷуд омадани сирқату таворуд низ гардидааст.

### Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аз таҳқиқ ва таҳлилҳои анҷомгирифта бармеояд, ки оид ба масъалаи сайри таҳаввули татаббуъ дар шеъри садаҳои ёздаҳу дувоздаҳ ва нақши шеъри сармашқ дар инкишофи ин падидаи адабӣ то ҳол таҳқиқоти монографии ҷомеъ ба вуҷуд наомадааст. Доираи баҳси назарӣ ва амалии мавзуи мавриди назар пурвусъат буда, метавон дар атрофи мушкилоти он, бахусус равиши таъсирпазирӣ ва робитаҳои адабии шоирони давраҳои гуногун, истиқбол, ҷавобгӯӣ ё татаббуи ашъори шоирони ҷудогона чандин таҳқиқоти монографӣ анҷом дод. Алҳол, дар диссертатсияи мазбур саъй карда шуд, ки сайри таҳаввули татаббуъ дар шеъри садаҳои ёздаҳу дувоздаҳ, равиши усулии татаббуоти Амир Муиззӣ ва шоирони салафи ӯ ба қасоиди Унсурӣ, Фаррухӣ, Асҷадӣ ва муосирону баъдиниёнашон, мухтассоти ҳунарӣ ва сабки онҳо ва тарзи нигоришашон таҳқиқ ва арзёбӣ карда шавад. Илова бар ин, дар заминаи натиҷагириҳо аз таҳқиқоти мавриди назар барои истифодаи амалии он тавсияҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Диссертатсия ба унвонҷӯёни дараҷаи илмӣ ва муҳаққиқони масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ дар омӯзиш ва арзёбии вижагиҳои ташаккул ва таҳаввули татаббуъ дар эҷодиёти шоирони ҷудогона ва давраҳои мухталиф ёрӣ расонда метавонад.

2. Дар диссертатсияи алоҳида мавриди таҳқиқ қарор додани таърихи ҷомеи ташаккул ва таҳаввули татаббуъ дар шеъри форсии тоҷикӣ барои муайян намудани равиши инкишоф ва таназзули он муҳим шуморида мешавад.

3. Зарурати таҳқиқи ҷараёни таъсирпазирӣ ва татаббуъсароии шоирони алоҳидаи адабиёти давраҳои гуногун бояд таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба ин масъалаҳо ҷалб намояд.

4. Таҷрибаи муаллифи диссертатсияи мазбур барои таҳқиқ ва баррасии паҳлӯҳои ҷудогонаи ин мавзуъ, аз ҷумла омилҳои инкишоф ва таназзули татаббуъсароӣ дар давраҳои мухталиф ба муҳаққиқон мадад мерасонад.

5. Барои таъйин намудани манзараи умумии ташаккул ва таҳаввули татаббуъ зарурати таҳқиқи ин падида дар асрҳои гуногун дар шакли диссертатсия дар миён аст.

6. Дар вақти таълифи таърихи афкори адабию зебоишиносии форсии тоҷикӣ аз маводҳои дар диссертатсия оид ба моҳияти назариву амалии татаббуъ, гирдомада метавон истифода кард.

7. Натиҷаҳои таҳқиқ ва таҳлилу фарогирии татаббуоти шоирони давраи мазбур дар диссертатсия ҳангоми таҳия, нашр ва мураттаб сохтани луғати осори шоирони алоҳида метавонад, раҳнамоӣ кунад.

8. Маводи дар диссертатсия гирдомада барои омӯзиш ва таълими таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, нақди адабӣ, сабкшиносӣ ва балоғати сухан, курс ва семинарҳои ихтисосии факултетҳои гуманитарии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаи мусоид фароҳам меоварад.

9. Татаббуоти шоирони давраҳои гуногун мавзуоти муҳимми иҷтимоиву сиёсӣ ва ҳикамию ахлоқиро фаро мегирад. Дар ин гуна осори шоирони давраи мавриди назар мадҳ, панду ҳикмат, мақолу зарбулмасалҳои мардумӣ, ривоятҳои таърихии воқеӣ инъикос ёфтаанд, ки ин паҳлӯи эҷодиёти онҳоро метавон дар ҷараёни таълими таърихи адабиёти классикии форсии тоҷикӣ, фолклор ва ҳамчунин, дар ҷараёни соатҳои тарбиявӣ дар муассисаҳои олии кишвар ба кор гирифт.

Дар маҷмуъ, сайри таҳаввули татаббуъ дар садаҳои ёздаҳу дувоздаҳ ва нақши шоирони ин давра дар ҷараёни ташаккул ва таҳаввули он, робитаҳои адабии шоирони давраҳои гуногун дар ин замина, мероси адабию фарҳангии боғанои тоҷикон буда, паҳлӯи муҳимми адабиёти форсии тоҷикии давраи хосро ташкил медиҳад. Диссертатсияи мазбур оғози пажӯҳиши вижаи илмӣ дар ин самт буда, диққати муҳаққиқон ва алоқамандони адабиётро ба омӯзиши масъалаҳои алоқаманд ба он ҷалб мекунад. Таҳқиқи густурда ва фарогири таърихи ташаккул ва таҳаввули падидаи адабии татаббуъсароӣ ва фарозу фурӯди он дар ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикӣ, аз ҷумлаи масъалаҳои мубрами адабиётшиносии тоҷик буда, дурнамои мавзуи диссертатсияро таъйид менамояд.

## Рӯйхати адабиёт

### I. Манобеъ ва сарчашмаҳо:


1. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Баҳористон. Ба чоп тайёркунанда Аълохон Афсаҳзод / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1966. – 128 с.

2. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор. Иборат аз ҳашт ҷилд. Ҷилди якум. Фотиҳат-уш-шубоб. Девони аввал / Абдурраҳмони Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 560 с.

3. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 416 с.

4. Авфӣ, М. Лубоб-ул-албоб. Аз рӯйи чопи Браун, бо муқаддима ва таълиқоти Муҳаммад Қазвинӣ / Муҳаммад Авфӣ. – Теҳрон, 1361. – 1648 с.

5. Адиб Собири Тирмизӣ. Осори мунтахаб. Тартибдиҳанда А. Абдуллоев / Адиб Собири Тирмизӣ. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 416 с.

6. Айнӣ, С. Намунаи адабиёти тоҷик / Садриддин Айнӣ. – М.: Нашриёти маркази халқи ИҶШС, 1926. – 266 с.

7. Айнӣ, С. Ёддоштҳо. Чаҳор қисм. Иборат аз як китоб. Ба кӯшиши С. Сирҷонӣ / Садриддин Айнӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1327. – 1030 с.

8. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Осори мунтахаб. Ҷилди 4 / Амир Хусрави Деҳлавӣ. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 456 с.

9. Аристотель. Об искусстве поэзии. Поэтика / Аристотель. – М.: Художественная литература, 1965. – 138 с.

10. Аттор, Ф. Мусибатнома. Муқаддима, тасҳеҳ ва таълиқоти Шафеии Кадканӣ / Фаридуддин Аттор. – Теҳрон: Сухан, 1386. – 987 с.

11. Атоулло Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-саноеъ. Бо сарсухан, тавзеҳот ва таҳрири Раҳим Мусулмонқулов / Атоулло Ҳусайнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1974. – 204 с.

12. Ашъори баргузидаи Фаррухии Систонӣ. Бо эҳтимоми Рашиди Ёсимӣ. – Теҳрон, 1319. – 472 с.

13. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ. – Сталинобод: Нашр. дав. Тоҷ., 1958. – 338 с.

14. Аҳмад ибни Умар ибни Алӣ Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола ва таълиқот. Бар асоси нусхаи аллома Муҳаммад Қазвинӣ бо тасҳеҳи муҷаддад ва ташреҳи луғот ва иборот ва тавзеҳи нукоти адабӣ. Бо эҳтимоми устод дуктур Муҳаммад Муин / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. – Теҳрон: Муин, 1388. – 736 с.

15. Балгиромӣ, Мирғуломалихон Озод. Маҳосин-ул-киром ё Сави озод / Мирғуломалии Озоди Балгиромӣ. – Ҳайдарободи Дакан, 1913. – 430 с.

16. Балхӣ, Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад. Маснавии маънавӣ. Бар асоси нусхаи Николсон / Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. – Теҳрон: Байҳаққитоб, 1387. – 936 с.

17. Гулшани адаб. Иборат аз чор ҷилд. Ҷилди якум. – Душанбе: Ирфон, 1975. – 417 с.

18. Девони Муиззӣ. Муқаддима ва тасҳеҳи Носири Ҳайирӣ. – Теҳрон: Марзбон, 1362. – 801 с.

19. Девони Амир-уш-шуъаро Муҳаммад ибни Абдулмалики Нишопурӣ мутахаллис ба Муиззӣ. Бо муқаддима ва ҳавошӣ. Бо саъй ва эҳтимоми Аббос Иқбол. – Теҳрон: Китобфурӯшии исломия, 1318. – 888 с.

20. Девони комили Ҷомӣ. Бо муқаддимаи Ҳошим Разӣ. – Теҳрон, 1341. – 670 с.

21. Девони Сайид Ҳасани Ғазнавӣ мулаққаб ба Ашраф. Ба тасҳеҳи Мударрис Разавӣ. Чопи аввал. – Донишгоҳи Теҳрон, 1362. – 658 с.

22. Девони Усмон Мухторӣ. Ба эҳтимоми Ҷалолуддин Ҳумоӣ. – Теҳрон, 1340. – 328 с.

23. Девони устод Унсурии Балхӣ. Ба кӯшиши Муҳаммад Дабири Сиёқӣ. – Теҳрон: Наврӯз, 1342. – 398 с.

24. Девони ҳаким Фаррухии Систонӣ. Бо муқаддима, ҳавошӣ ва таълиқот ва феҳрасти луғот ва муқобилаи нусахи муътабар Дабири сиёқӣ. – Теҳрон: Сипеҳр, 1335. – 884 с.

25. Девони ҳаким Асҷадии Марвазӣ. Ба тасҳеҳ ва таҳшияи Тоҳирӣ Шаҳоб. Чопи дувум. – Теҳрон: Интишороти Ибни Сино, 1348. – 66 с.

26. Девони Анварӣ. Таҳияи нашр бо тасҳеҳ ва тавзеҳоти Р. Ҳодизода. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 262 с.

27. Девони Рашидаддини Ватвот. Бо муқаддима ва муқобила ва тасҳеҳи Саид Нафисӣ бо китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър» аз рӯйи чопи марҳум Аббос Иқболи Оштиёнӣ. – Теҳрон: Шоҳобод, 1339. – 786 с.

28. Девони Ҳаким Саноии Ғазнавӣ. Бо муқаддима ва ҳавошӣ ва феҳраст ва эҳтимоми Мударрис Разавӣ. Чопи аввал. – Донишгоҳи Теҳрон: 1362. – 673 с.

29. Деҳхудо, А. Луғатномаи Деҳхудо. Ҷилди панҷум / А. Деҳхудо. – Муассисаи интишорот ва чопи донишгоҳи Теҳрон, 1388. – 682 с.

30. Доират-ул-маориф ё фарҳанги дониш ва ҳунар. Бо кӯшиши Парвиз Асадзода. – Теҳрон: Огоҳ, 1345. – 874 с.

31. Куллиёти девони Муиззӣ. Бо муқаддима ва тасҳеҳи Носир Ҳайирӣ. – Теҳрон, 1342.

32. Насафӣ, Сайидо. Асарҳои мунтахаб / Сайидои Насафӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 704 с.

33. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола. Мураттиб, муаллифи сарсухан ва ҳозиркунандагони чоп Х. Шарифов, У. Тоиров / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 160 с.

34. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Олмотӣ, 2007. – 256 с.

35. Рӯдакӣ, Абуабдуллоҳ. Девон. Таҳия, тасҳеҳ ва сарсухану ҳавошии Қодири Рустам / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Душанбе: Бухоро, 2015. – 334 с.

36. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 1. Силсилаи ахтарони адаб. Таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот аз Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.

37. Фирдавсӣ, Абулқосим. Шоҳнома. Ҷилди 2. Сисилаи ахтарони адаб. Таҳияи матн ва луғоту тавзеҳот аз Камол Айнӣ ва Зоҳир Аҳрорӣ / Абулқосим Фирдавсӣ. – Душанбе: Адиб, 2007. – 480 с.

38. Хуҷандӣ, Камол. Девон. Таҳияи Абдуҷаббори Суруш / Камоли Хуҷандӣ. – Хуҷанд: Хуросон, 2015. – 1292 с.

39. Шерозӣ, Саъдӣ. Куллиёт. Ҷилди 1. Қасоид, марсия / Саъдии Шерозӣ.- Душанбе: Адиб, 1988. – 432 с.

40. Шерозӣ, Ҳофиз. Девон. Таҳияи матн аз Шарифмурод Исрофилниё / Ҳофизи Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 2015. – 480 с.

41. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди II / - Душанбе: Сарредак. Илмии энсик. Тоҷик, 1989. – 559 с.

**II. Адабиёти илмӣ:**

42. Абдуллоев, А. Аз таърихи таъсир ва эътибори Рӯдакӣ [Матн] / Аҳмад Абдуллоев // Садои Шарқ. – 1972. – №9. – С. 89-94.

43. Абдулоев, А. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи аввали асри XI [Матн] / Аҳмад Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1978. – 283 с.

44. Абдуллоев, А., Саъдиев, С. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва нимаи аввали асри XII [Матн] / Аҳмад Абдуллоев, Садрӣ Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 260 с.

45. Абдуллоев, А. Адиб Собири Тирмизӣ [Матн] / Аҳмад Абдуллоев. – Душанбе: Дониш, 1969. – 179 с.

46. Абдуллоев, А. Адиб Собири Тирмизӣ. Очерки илмию адабӣ [Матн] / Аҳмад Абдуллоев. – Душанбе: Маориф, 1983. – 206 с.

47. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV. Қисми якум [Матн]. – Душанбе: Дониш, 1976. – 347 с.

48. Акбарӣ, М. Истиқбол дар шеъри форсӣ ва аҳамияти шеъри Бобо Фиғонӣ аз назари истиқбол [Матн] / Манучеҳр Акбарӣ // Маҷаллаи Донишгоҳи адабиёт ва улумии инсонии Донишгоҳи Теҳрон, зимистони 1379. – С. 125-140.

49. Афсаҳзод, А. Лирика Абд ар-Рахмана Джами. Прблеми текста и поэтики [Текст] / Аълохон Афсаҳзод. – Душанбе: Дониш, 2014. – 460 с.

50. Афсаҳзод, А. Саъдӣ ва Ҳофиз [Матн] / Аълохон Афсаҳзод // Ҷашнномаи Ҳофиз. – Душанбе: Дониш, 1971. – С. 32-38.

51. Аҳмадӣ, М. Саидӣ, С. Баррасии шабоҳатҳои шеъри Ватвот бо Анварӣ ва дигар суханварон дар ду ҳавзаи лафз ва маънӣ [Матн] / М. Аҳмадӣ, С. Саидӣ

// Пажуҳишҳои наср ва назми форсӣ. – Соли чаҳорум [баҳор ва тобистони 1399]. – Шумораи 10. – С. 77-109.

52. Баҳор, М. Таърихи татаввури шеъри форсӣ [Матн] / Маликушшуаро Баҳор. – Теҳрон, 1334. – 432 с.

53. Бақоев, М. Ҷомӣ ва Хусрав [Матн] / Муҳаммадвафо Бақоев // Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С. 137-146.

54. Белинский, В. Г. Избранные статьи [Текст] / В. Г. Белинский. – М., 1965. – 563 с.

55. Бертельс, Е. Э. История персидско-таджикской литературы / Е. Э. Бертельс. – М.: Наука, 1960. – 506 с.

56. Бертельс, Е. Э. Суфизм и суфийская литература. Избранные труды [Текст] / Е. Э. Бертельс. – М.: Наука, ГРВЛ, 1965. – 368 с.

57. Бертельс, Е. Э. Абдуррахман Джами и его дружба с Навои [Текст] / Е. Э Бертельс // Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С. 118-136.

58. Бобоев, А. Творчество Манучеҳри Дамгани [Вопросы идейно-художественного содержания и стиля]. Дисс. канд. фил. наук [Текст] / А. Бобоев. – Душанбе, 1980. – 177 с.

59. Болдырев, А. Н. Персидская литература с 8 по начале 19 века [Текст] / А. Н. Болдырев // Краткая история литератур Ирана, Афганистана и Турции. – Ленинград: ЛГУ, 1971. – С. 46-92.

60. Брагинский, И. С. Таджикская и персидская поэзия 10-11 веков [Текст] / И. С. Брагинский. Из истории таджикской народной поэзии. – М.: Изд. АН СССР, 1956. – С. 274-286.

61. Брагинский, И. С. 12 миниатюр. От Рудаки до Джами. Изд. второе, дополненое / И. С. Брагинский. – М.: Худож. Лит., 1976. – 304 с.

62. Браун, Эд. Таърихи адабиёти Эрон [Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ] [Матн] / Эд. Браун. – Теҳрон, 1354. – 360 с.

63. Бушмин, А. Преемственность в развитии литературы [Текст] / А. Бушмин. – Л.: «Художественная литература», 1978. – 243 с.

64. Веселовский, Н. О. Историческая поэтика. Редакция, вступительная статья и премечания В. М. Жирмунского [Текст] / Н. О. Веселовский. – Л.: «Художественная литература», 1940. – 38с.

65. Виноградов, В. В. Сюжет и стиль. Сравнительно историческое исследование [Текст] / В. В. Виноградов. – М.: Изд. АН, 1963. – 192 с.

66. Гинзбург, Л. Я. О лирике. Издание второе, дополнённое [Текст] / Л. Я. Гинзбург. – Ленинград: Советский писатель, Лен. Отд., 1974. – 407 с.

67. Гордилевский, А. Государство сельджукидов Малой Азии [Текст] / А. Гордилевский. –М.-Л., АН СССР, 1941. – 199 с.

68. Ғафуров, Б. Ғ. Тоҷикон [Иборат аз ду китоб]. Китоби якум: таърихи қадимтарин, қадим ва асрҳои миёна [Муҳаррири масъул Академиеи Академияи илмҳои Тоҷикистон А. Мухторов [Матн] / Б. Ғ. Ғафуров. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 704 с.

69. Ғуломризо, М. Сабкшиносии шеъри форсӣ [Матн] / М. Ғуломризо. – Теҳрон: Интишороти Ҷомӣ, 1381. – 246 с.

70. Дермстетер, Дж. Происхождение персидской поэзии. Перевод Л. Жиркова [Текст] / Дж. Дермстетер. – М.: Изд. М. И С. Сабашникових, 1924. – 81 с.

71. Додихудоев, Х. Исмоилия ва озодандешии Шарқ [Матн] / Х. Додихудоев. – Душанбе: Ирфон, 1989. – 288 с.

72. Ёсимӣ, Р. Татаббуъ ва интиқоди аҳвол ва осори Салмони Соваҷӣ [Матн] / Р. Ёсимӣ. – Теҳрон: Хиёбони Лолазор, бидуни соли нашр. – 129 с.

73. Жирмунский, В. Рифма, ее история и теория [Текст] / В. Жирмунский. – Петербург: ACADEMiA, 1923. – 239 с.

74. Жирмунский, В. О поэзии класической и романтической [Текст] / М. О. Избранние труди. Теория литературы. Поэтика. Стилистика. – Ленинград: Наука, 1977. – 342 с.

75. Зарринкӯб, А. Нақди адабӣ [Матн] / А. Зарринкӯб. – Душанбе: Ирфон, 2007. – 712 с.

76. Зарринкӯб, А. Бо корвони ҳулла [Матн] / А. Зарринкӯб. – Душанбе: Маориф, 2007. – 268 с.

77. Зарринкӯб, А. Аз дафтари айём [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Илмӣ, 1374. – 391 с.

78. Зарринкӯб, А. Шеъри бедурӯғ, шеъри бениқоб [чопи ёздаҳум] [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Сухан, 1392. – 351 с.

79. Зарринкӯб, А. Аз чизҳое дигар [Маҷмуаи нақд, ёддошт, баррасӣ ва намоишномаҳо ] [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Асотир, 1371. – 370 с.

80. Зарринкӯб, А. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон [чопи сездаҳум] [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Амири Кабир, 1393. – 446 с.

81. Зарринкӯб, А. Сайре дар шеъри форсӣ [Матн] / А. Зарринкӯб. – Теҳрон: Иншороти илмӣ, 1371. – 600 с.

82. Заходер, Б. Н. Хорасан и образование государства Селджукидов [Текст] / Б. Н. Заходер // Вопросы истории . – М. – 1945. – № 4-5. – С. 120-126.

83. Зеҳнӣ, Т. Санъати сухан. Илми бадеъ ва мухтасари арӯз [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Ирфон, 1971. – 302 с.

84. Зипулӣ, Р., Зокирӣ, М. Фанни ҷавобгӯӣ ва татаббуъ дар шеъри форсӣ [Матн] / Р. Зипулӣ, М. Зокирӣ // Фаслномаи фарҳангистони забон ва адабиёти форсӣ. – Тобистони 1374. – Соли аввал. – Шумораи дувум. – С. 30-48.

85. Зис, О. Пояҳои ҳунаршиносии илмӣ [Матн] / О. Зис. – Теҳрон, 1360. – 382 с.

86. Иллаҳӣ, Ф. Хониши татбиқии таърихнигории манзум дар мадоеҳи Ибни Ҳонӣ ва Амир Муиззӣ [Матн] / Ф. Иллаҳӣ // Нашри адабиёти татбиқӣ, соли 10, шумораи 18, баҳор ва тобистони 1397. – С. 319.

87. Илмаҳо, А. Ҷойгоҳи Рӯдакӣ дар шеъри Амир Муиззӣ ва дигар шоирон / А. Илмаҳо //Пажуҳишҳои забон ва адабиёти форсӣ [илмӣ-пажуҳишӣ]. Донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон. – Давраи ҷадид, шумораи 2, тобистони 1388. – С. 89-98.

88. Илмаҳо, А. Баррасии татбиқии мазомини ашъори Амир Муиззӣ ва Ибни Муътаз Аббосӣ [Матн] / А. Илмаҳо // Фаслномаи лисон мубайин [пажуҳиши адаби арабӣ]. – Соли савум, давраи ҷадид, шумораи шашум, зимистони 1390. – С. 241-257.

89. Илмаҳо, А. Тасҳеҳи қасидаи машҳур [Матн] / А. Илмаҳо // Маҷаллаи илмӣ-пажуҳишии Донишгоҳи адабиёт ва улуми инсонии Донишгоҳи Исфаҳон, давраи дувум, шумораи панҷоҳу дувум, баҳори 1378. – С. 69-80.

90. Имомӣ, Н. Марсия дар адабиёти форсии Эрон [То поёни қарни ҳаштум] [Матн] / Н. Имомӣ. – Теҳрон: Интишороти дафтари марказии ҷиҳоди донишгоҳӣ, 1369. – 488 с.

91. Имронов, С. Сипандӣ ва қасидаи ӯ дар тазмини шеъри «Бӯи ҷӯи Мӯлиён»-и Рӯдакӣ [Матн] / С. Имронов. Ёдномаи устод Рӯдакӣ [Маҷмуаи мақолаҳо]. Бахши аввал. – Душанбе: Сино, 2001. – С. 6-24.

92. Ифтихор, З. Унсурӣ ва мақоми ӯ дар адабиёти форсӣ / З. Ифтихор. – Исломобод, 1372. – 236 с.

93. Кадканӣ, М. Ш. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1366. – 722 с.

94. Кадканӣ, М. Ш. Мусиқии шеър [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огоҳ, 1389. – 732 с.

95. Кадканӣ, М. Ш. Шоири оинаҳо [Матн] / М. Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Огох, 1366. – 338 с.

96. Кадканӣ, Ш. Забони шеър дар насри сӯфиёна. Даромаде ба сабкшиносии нигоҳи ирфонӣ [Матн] / Ш. Кадканӣ. – Теҳрон: Сухан, 1392. – 660 с.

97. Конрад, Н.И. Запад и Восток [Текст] / Н. И. Конрад. – М.: Главная редакция восточной литературы, 1972. – 496 с.

98. Крымский, А. Е. История Персии, её литературы и дервишской теософии. Т. 1-3. 3-тье издание [Текст] / А. Е. Крымский. – М.: 1914-1917. – 432 с.

99. Лихачёв, Д. С. Человек в литературе древней Руси. 2-е издание, дополнение [Текст] / Д. С. Лихачёв. – М.: Наука, 1970. – 204 с.

100. Лихачёв, Д. С. Избранные работы в трёх томах. Том 1 [Текст] / Д. С. Лихачёв. – Ленинград: «Художественная литература», 1987. – 654 с.

101. Лотман, Л. М. А. Фет «Не спрашивай, над чем задумываюсь я» [Текст] / Л. М. Лотман // Поэтический строй русской лирики. – Л.: Наука, 1976. – С. 189-198.

102. Лотман, Л. М. Анализ поэтического текста [Текст] / Л. М. Лотман. – Л.: Из-во «Прос вещение», 1972. – 271 с.

103. Маҳмудӣ, М., Токӣ, М. Истиқбол аз қитъаи Рӯдакӣ дар сабкҳои мухталифи адаби форсӣ / М. Маҳмудӣ, М. Токӣ // Фаслномаи тахасусии сабкшиносии назм ва насри форсӣ [Баҳори адаб]. – Соли ҳаштум, шумораи чаҳоруми зимистони 1394, шумораи паёпайи 40. – С. 137-158.

104. Маҳҷуб, М. Ҷ. Сабки хуросонӣ дар шеъри форсӣ [Матн] / М. Ҷ. Маҳҷуб. – Теҳрон, 1345. – 707 с.

105. Мирзоев, А. Аз равобити адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ / А. Мирзоев. Сездаҳ мақола [Аз таърихи адабиёти асрҳои 10-15-и форсу тоҷик]. – Душанбе: Ирфон, 1968. – С. 6-30.

106. Мирзоев, А. Сездаҳ мақола [Аз таърихи қадим то асрҳои 10-15] [Матн] / А. Мирзоев. – Душанбе: Маориф, 1977. – 288 с.

107. Мирзоев, А. Абуабдулло Рӯдакӣ [Матн] / А. Мирзоев. – Сталинобод: Нашрдавтоҷ. 1958. – 277 с.

108. Мирзозода, Х. Таърихи адабиёти тоҷик [Аз давраи қадим то асрҳои 13-15]. Китоби 1 [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1989. – 421 с.

109. Мирниё, М. Фарҳанги киноя [Матн] / М. Мирниё. – Теҳрон: Амири Кабир, 1378. – 1051 с.

110. Мударрисӣ, Ҳ. Фарҳанги корбурди авзони шеъри форсӣ [Матн] / Ҳ. Мударрисӣ. – Теҳрон: САМТ, 1384. – 417 с.

111. Муллоаҳмадов, М. Фаррухии Систонӣ [Матн] / М. Муллоаҳмадов. – Душанбе: Дониш, 1978. – 142 с.

112. Муллоаҳмад, М. Дар олами эроншиносӣ [Матн] / М. Муллоаҳмад. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 560 с.

113. Мунтахаби «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» [Матн] – Душанбе: Дониш, 1987. – 144 с.

114. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.

115. Мусулмонқулов, Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Маориф, 1987. – 86 с.

116. Мусулмонкулов, Р. Персидско-таджикская поэтика 10-15 вв. [Текст] / Р. Мусулмонкулов. – М.: Наука, 1989. – 159 с.

117. Мутлақ, Я. Б., Моликӣ, М. Баррасии мафҳуми таъриз ва анвои он дар фанни ҷавоб дар шеъри форсӣ [Аз оғоз то қарни шашум] / Я. Мутлақ, М. Моликӣ // Кӯҳанномаи адаби форсӣ. Пажуҳишгоҳи улуми инсонӣ ва мутолиоти фарҳангӣ. – Соли шашум, шумораи аввал. – Баҳори 1394. – С. 71-94.

118. Муин, М. Як қасидаи Рӯдакӣ / М. Муин // Маҷаллаи Донишгоҳи адабиёт. – Шумораи савум ва чаҳорум, соли шашум. – С. 71-92.

119. Муътаман, З. Шеър ва адаби форсӣ [Матн] / З. Муътаман. – Теҳрон: Лолазор, 1332. – 244 с.

120. Муътаман, З. Таҳаввули шеъри форсӣ [Матн] / З. Муътаман. – Теҳрон, 1339. – 342 с.

121. Муқаддас, Ҳ., Ҳоҷизода, М. Вижагиҳои сабки ашъори Амир Муиззӣ [Матн] / Ҳ. Муқаддас, М. Ҳоҷизода // Сабкшиносии назм ва насри форсӣ [Баҳори адаб]. – 1400, давраи 14, шумораи паёпаи 69. – С. 53-70.

122. Муҷтабоӣ, Ф. Ҳофиз ва Амир Муиззӣ / Ф. Муҷтабоӣ // Маҷаллаи Эроншиносӣ соли дувум. – Теҳрон, 1372. – С. 233-236.

123. Насриддин, А. Матншиносии осори адабӣ [Матн] / А. Насриддин. – Хуҷанд: Ношир, 2009. – 392 с.

124. Насриддин, А. Чиҳил мақола [Матн] / А. Насриддин. – Хуҷанд: МИИ Ганҷи сухан, 2007. – 578 с.

125. Насриддинов, А. Маърифат ва шарҳи адабиёт [Матн] / А. Насриддинов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 212 с.

126. Нафисӣ, С. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. Ҷилди 1 [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1344. – 644 с.

127. Нафисӣ, С. Таърихи назм ва наср дар Эрон ва забони форсӣ. Ҷилди 2 [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Фурӯғӣ, 1344. – 1172 с.

128. Нафисӣ, С. Муҳити зиндагӣ ва аҳвол ва ашъори Рӯдакӣ [Матн] / С. Нафисӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1381. – 676 с.

129. Нафисӣ, С. Муқаддима / Девони Ҳаким Асҷадии Марвазӣ. Чопи дувум. Ба тасҳеҳ ва таҳшияи Тоҳирӣ Шаҳоб [Матн] / С. Нафисӣ – Теҳрон: Интишороти Ибни Сино, 1348. – С. 3-6.

130. Никитина, В. Б., Лековская, Р. Г. Литература Ирана [Текст] / В. Б. Никитина, Р. Г. Лековская // Литература Востока в средние века. Част 11. – МГУ, 1970. – С. 111-211.

131. Нуъмонӣ, Ш. Шеър-ул-Аҷам. Ҷилди аввал ва дувум [Матн] / Ш. Нуъмонӣ. – Душанбе: ДДОТ. – 544 с.

132. Озодиён, Ш. Салҷуқиён ва ҳимоят аз адабиёти форсӣ / Ш. Озодиён // Адаби форсӣ. – Соли 4, шумораи 1, баҳор ва тобистони 1393, шумораи паёпаи 13. – С. 74-91.

133. Олимов, К. Мировозрение Санои [Текст] / К. Олимов. – Душанбе: Дониш, 1973. – 136 с.

134. Орзу, А. Муқоисаи инсони комил аз дидгоҳи Бедил ва Ҳофиз [Матн] / А. Орзу. – Теҳрон: Сураи меҳр, 1388. – 595 с.

135. Османов, М.-Н. О. Синтетическая структура бейта / М.-Н. О. Османова // Проблемы восточного стихосложения. – М.: Наука, ГРВЛ, 1973. – С. 76-84.

136. Османов, М.-Н. О. Стиль персидско-таджикской поэзии 9-10 вв. [Текст] / Н. О. Османов. – М.: Наука, 1974. – 267 с.

137. Пигарев, К. Русская литература и изобразительное искусство [Текст] / К. Пигарев. – М., 1972. – 284 с.

138. Поляков, М. Вопросы поэтики и художественной семантики / М. Поляков. – М.: Советский писатель, 1978. – 449 с.

139. Поспелов, Г. Н. Лирика среди литературных родов [Текст] / Г. Н. Поспелов. – М.: МГУ, 1976. – 207 с.

140. Пригарина, Н.И. Мир поэта-мир поэзии. Статьи и эссе [Текст] / Н. И. Пригарина. – М.: Институт востоковедения РАН, 2011. – 352 с.

141. Пуролоштӣ, Ҳ. Ҳ. Тарзи тоза. Сабкшиносии ғазали сабки ҳиндӣ [Матн] / Ҳ. Ҳ. Пуролоштӣ. – Теҳрон: Сухан, 1374. – 269 с.

142. Пурномдориён, Т. Дар сояи офтоб. Шеъри форсӣ ва сохтшиканӣ дар шеъри Мавлавӣ [Матн] / Т. Пурномдориён. – Теҳрон: Сухан, 1384. – 418 с.

143. Раёҳӣ, М. А. Боди ҷӯйи Мӯлиён [Матн] / М. А. Раёҳӣ // Озодагон. – 2008. – 13 феврал.

144. Разӣ, Ҳ. Муқаддима дар китоби Ҷомӣ [Матн] / Ҳ. Разӣ // Девони комили Ҷомӣ. – Теҳрон, 1341. – С. 4-23.

145. Раҷабова, М. Т. Таҳаввули назми арабизабони форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри 11 ва асри 12 [Дар заминаи «Харидат-ул-қаср ва ҷаридат-ул-аср»-и Имодуддини Исфаҳонӣ] [Матн]/ М. Т. Раҷабова. Автореферат. – Душанбе, 2022. – 56 с.

146. Рейсер, М. Л. Эволюция классической газели на фарси [10-15] [Текст] / М. Л. Рейсер. – М., 1989. – 221 с.

147. Рыбка, Я. История персидской и таджикской литературы [Текст] / Я, Рыбка. – М.: Прогресс, 1970. – 440 с.

148. Ростгӯ, С. М. Ирфон дар ғазали форсӣ [Матн] / С. М. Ростгӯ. – Теҳрон: Ширкати интишороти илмӣ-фарҳангӣ, 1383. – 307 с.

149. Сабкшиносӣ. Таснифи Маликушшуаро Баҳор [Матн]. – Теҳрон, 1321. – 684 с.

150. Салимов, Н. Маърифати бадеии таърих [Матн] / Н. Салимов. – Хуҷанд, 1997. – 164 с.

151. Салимов, Н. Марҳалаҳои услубӣ ва таҳаввули анвои наср дар адабиёти форсу тоҷик (асрҳои IX-XIII) [Матн] / Н. Салимов. – Хуҷанд: Нури маърифат, 2002. – 398 с.

152. Самадов, Т. Жанр газели в творчестве Анвари. Автореф. дисс. канд. фил. наук [Текст] / Т. Самадов. – Душанбе, 1974. – 32 с.

153. Самадов, Т. Анварӣ ва ғазалиёти ӯ [Матн] / Т. Самадов. – Душанбе: Дониш, 1980. – 186 с.

154. Сатторзода, А. Таърихи назариёти адабии форсии тоҷикӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Адиб, 2001. – 144 с.

155. Сатторзода, А. Назариёти адабии Абдурраҳмони Ҷомӣ [Матн] / А. Сатторзода. – Душанбе: Дониш, 2014. – 163 с.

156. Сатторов, А. Нуқтаи пайванд: Баъзе масъалаҳои инкишофи шеър ва танқиди адабӣ [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 238 с.

157. Сатторов, А. Рӯдакӣ ва шеъри рӯдакивор [Матн] / А. Сатторов // Ганҷи сухан [Ҷилди аввал]. – Хуҷанд, 2007. – С. 21-29.

158. Сафавӣ, К. Нигоҳе ба чигунагии пайдоиши сабки ҳиндӣ дар шеъри форсӣ [Матн] / К. Сафавӣ //Забон ва адабиёт. Маҷаллаи Донишкадаи адабиёти форсӣ ва забонҳои хориҷӣ. Баҳор ва тобистони 1381 ҳиҷрии шамсӣ, шумораи 15. – С. 26-41.

159. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон ва дар қаламрави забони форсӣ. Ҷилди аввал [Матн] / З. Сафо. – Душанбе, 2001. – 160 с.

160. Сафо, З. Таърихи адабиёти Эрон. Ҷилди дувум [Матн] / З. Сафо. – Душанбе, 2003. – 318 с.

161. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 5 [1] [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – 635 с.

162. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 5 [2] [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – С. 635- 1420.

163. Сафо, З. Таърихи адабиёт дар Эрон. Ҷилди 5 [3] [Матн] / З. Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1386. – С. 1420-2012.

164. Сафӣ, М. Ш., Фозилӣ, М. Баррасии ибтизол ва сирқат дар девони Муиззӣ [Матн] / М. Ш. Сафӣ, М. Фозил // Пажӯҳишҳои дастурӣ ва балоғӣ. – Соли 11, шумораи 19, баҳор ва тобистон 1400. – С. 119-152.

165. Саъдиев, С. Поэтикаи шоирони Мовароуннаҳри асри XII [Матн] / С. Саъдиев. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 137 с.

166. Саъдиев, С. Маркази адабии Самарқанд дар шоҳроҳи таърих [Матн] / С. Саъдиев. – Тошканд: Ӯзбекистон миллий энсиклопедияси. Давлат миллий нашриётӣ, 2012. – 400 с.

167. Саҷҷодӣ, С. Фарҳанги истилоҳот ва таъбироти ирфонӣ [Матн] / С. Саҷҷонӣ. – Теҳрон: Таҳурӣ, 1370. – 824 с.

168. Семёнов, А. А. Гератское искусство в эпоху Алишера Навои [Текст] / А. А. Семёнов // Родоначальник узбекской литературы. – Ташкент, 1940. – С. 12-129.

169. Силман, Т. И. Заметки о лирике [Текст] / Т.И. Силман. – Ленинград: Советский писатель, 1977. – 220 с.

170. Сирус, Б. Арӯзи тоҷикӣ [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1963. – 287 с.

171. Словарь литературоведческих терминов [Текст]. Ред., сост., Л. И. Тимофееви С. В. Тураев. – М.: Просвещение, 1974. – 509 с.

172. Строева, Л. В. Государство исмаилитов в Иране в конце 11-13 вв. [Текст] / Л. В. Строева. – М.: Наука, 1978. – 274 с.

173. Таърихи Байҳақӣ. Бо эҳтимоми доктор Ғанӣ ва доктор Файёз [Матн]. – Теҳрон, 1324. – 773 с.

174. Тахирджанов, А. Т. Рудаки. Жизнь и творчество. История изучения [Текст] / А. Тахирджанов. – Ленинград: ЛГУ, 1968. – 335 с.

175. Томашевский, В. В. Стих и язык [Текст] / В. В. Томашевский. – М.: Госполитиздат, 1975. – 160 с.

176. Фарҳанги бузурги сухан [Матн]. Ба сарпарастии дуктур Ҳасан Анварӣ. Ҷилди савум. Чопи дувум, тобистони 1374. – 1614 с.

177. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 1. [Матн] Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.

178. Фарҳанги забони тоҷикӣ. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2. [Матн] Дар зери таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 950 с.

179. Фозилӣ, М. Баррасии ибтизол ва сирқати адабӣ дар девони Муиззӣ [Матн] / М. Фозилӣ // Пажуҳишҳои дастурӣ ва балоғӣ. – Соли 11. – шумораи 19. – Баҳор ва тобистони 1400. – С. 120-153.

180. Фрейденбург, О. М. Поэтика сюжета и жанра [Текст] / О. М. Фрейденбург. – М., 1997. – 448 с.

181. Фурӯзонфар, Б. Сухан ва суханварон. Ҷилди 1 [Матн] / Б. Фурӯзонфар. – Теҳрон: Интишороти Хоразмӣ, 1350. – 569 с.

182. Фурӯзонфар, Б. Адабиёти Эрон дар аҳди Ғазнавӣ [Матн] / Б. Фурӯзонфар // Мабоҳисе аз таърихи адабиёти Эрон. – Теҳрон, 1335. – С. 125-157.

183. Футӯҳӣ, М. Р. Балоғати тасвир. Чопи аввал [Матн] / М. Р. Футӯҳӣ. – Теҳрон, 1392. – 461 с.

184. Холшевников, В. Е. Стиховедение и поэзия [Текст] / В. Е. Холшевников. – Ленинград: Издательство Ленинградского Университета, 1991. – 256 с.

185. Храпченко, М. Б. Творческая индивидуальность писателя и развитие литературы. Изд. 4-ое [Текст] / М. Б. Храпченко. – М.: Художественная литература, 1977. – 446 с.

186. Ҳайдарӣ, А., Ҷалолиён, М., Гарованд, М. Баррасӣ ва муқоисаи шеърҳои тазминии Ҳофиз аз дигар шоирон [Матн] / А. Ҳайдарӣ, М. Ҷалолиён, М. Гарованд // Маҷаллаи Эроншиносӣ, соли савум, 1374. – С. 243-236.

187. Ҳидоятзода, И. Сабк ва ҳунари шоирии Асириддини Ахсикатӣ [Матн] / И. Ҳидоятзода. – Душанбе: Эр-граф, 2011. – 240 с.

188. Ҳикмат, А. Ҷомӣ, мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳвол ва осори мансури хотимат-уш-шуаро Нуриддин Абдурраҳмони Ҷомӣ [817-898 ҳиҷрии қамарӣ] [Матн] / А. Ҳикмат. – Теҳрон, 1320. – 896 с.

189. Ҳодизода, Р. Ақидаҳои адабӣ-эстетикии Ҷомӣ [Матн] / Р. Ҳодизода // Абдурраҳмони Ҷомӣ. Маҷмуаи мақолаҳо. Замони зиндагӣ, ҳаёт ва эҷодиёт. – Душанбе: Ирфон, 1965. – С. 87-104.

190. Ҳодизода, Р. Татаббуоти сабки осори Фонӣ [Матн] / Р. Ҳодизода // Садои Шарқ, 1970. – № 2. – С. 110-120.

191. Ҳумоӣ, Ҷ. Таърихи адабиёти Эрон [Матн] / Ҷ. Ҳумоӣ. – Теҳрон, 1345. – 576 с.

192. Ҳуҷҷат, М., Муқаддас, Д. М., Ҳоҷизода, М. Вижагиҳои сабки ашъори Амир Муиззӣ [Матн] / М. Ҳуҷҷат, Д. М. Муқаддас, М. Ҳоҷизода // Нашрияи илмии сабкшиносии назм ва насри форсӣ. – Теҳрон, баҳмани 1400, давраи 14, шумораи паёпаи 69. – С. 53-70.

193. Шамисо, С. Анвои адабӣ [Матн] / С. Шамисо. – Теҳрон: Фирдавсӣ, 1381. – 376 с.

194. Шарифӣ, М., Фозилӣ, М. Баррасии ибтизол ва сирқати адабӣ дар девони Муиззӣ [Матн] / М. Шарифӣ, М. Фозилӣ // Пажуҳишҳои дастурӣ ва балоғӣ. – Соли 11, шумораи 19, баҳор ва тобистони 1400. – С. 139-153.

195. Шарифов, Х. Балоғат ва суханварӣ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 2002. – 278 с.

196. Шарифов, Х. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Ирфон, 1991. – 160 с.

197. Шарифов, Х. Сухан аз адабиёти миллӣ. Маҷмуаи мақолаҳо [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Пайванд, 2009. – 476 с.

198. Шарифов, Х. Функсияи маърифатии қасида дар адабиёти тоҷик [Матн] / Х. Шарифов. // Озурдагон ва умедворон. – Душанбе: Сино, 2001. – С. 47-58.

199. Шамси Қайси Розӣ. Ал-Муъҷам [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 464 с.

200. Шаҳир, С. Баррасии суннати адабии истиқбол дар девони Восили Кобулӣ [Матн] / С. Шаҳир // Фунуни адабӣ. – Соли сездаҳум, шумораи 2 [паёпай 20], тобистони 1400. – С. 99-125.

201. Эте, Ҳ. Таърихи адабиёти форсӣ. Тарҷумаи Ризозода Шафақ [Матн] / Ҳ. Эте. – Теҳрон, 1958. – 364 с.

202. Юсуфӣ, Ғ. Фаррухии Систонӣ. Баҳс дар шарҳи аҳвол ва рӯзгор ва шеъри ӯ [Матн] / Ғ. Юсуфӣ. – Машҳад: Интишороти китобфурӯшии бостон, озармоҳи 1341. – 685 с.

203. Ялмаҳо, А. Девони Амир Муиззӣ ва лузуми таҷдиди тасҳеҳ / А. Ялмаҳо // Фаслномаи илмӣ-пажӯҳишии улуми инсонии Донишгоҳи Ал-Азҳар. – Соли ҳафтдаҳум ва ҳаждаҳум, шумораи 67 ва 68, зимистони 1386 ва баҳори 1387. – С. 238-257.

204. Якубовский, А. Ю. Селджукидское движение и туркмены в 11 веке [Текст] / А. Ю. Якудовский// Известия АН СССР, отд. общ. наук. №2.– М., 1937. – С. 38.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

**[1-А].** Мадиева У.М. Заминаҳои таърихӣ ва омилҳои пайдоиш ва таҳаввули татаббуъ / У. М. Мадиева // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе: Дониш, 2024. – № 4 (278). – С.306-313.

**[2-А].** Мадиева У.М., Қосимзода С.С. Истиқбол аз шеъри Фаррухӣ ва мухтассоти ҳунарии он [Матн] / У.М. Мадиева, С.С. Қосимзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – № 1 (114). – С.129-137.

**[3-А].** Мадиева У. М. Татаббуъоти қасидаҳои Унсурӣ ва моҳияти ҳунарии онҳо [Матн] / У. М. Мадиева // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филология, педагогика ва таърих. – Душанбе, 2025. – № 2 (58). – С.287-294.

**[4-А].** Мадизода У.М. Шеъри сармашқ ва равишҳои таъсирпазирӣ аз он (Дар мисоли Табаббуъоти Рашиди Ватвот, Саноӣ ва Саид Ҳасани Ғазнавӣ) [Матн] / У.М. Мадиева // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлалии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. – Душанбе, 2025. – № 5 (118). – С.214-221.

**II. Мақолаҳои муаллиф дар конференсия, маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

**[5-А].** Мадиева У. М. О рифме как важнейшем факторе стихосложении [Текст] / У. М. Мадиева // Сборник материалов республиканской научно-практической конференции: «Русский язык в современном образовательном и научном пространстве» в рамках реализации «Государственной программы совершенствования преподавания и изучения русского и английского языков в Республике Таджикистан на период до 2030 года», 18 – февраля 2025 г. – Душанбе, 2025. – № 2 (58). – С.155-158.

**[6-А].** Мадизода У.М. Нигоҳе ба маънои луғавӣ ва истилоҳии татаббуъ [Матн] / У.М. Мадизода // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Боқӣ раҳимзода ва муҳити адабии садаи ХХ». – Душанбе: ДДОТ ба номи С. Айнӣ, 2025.– С.227-231.